**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 4 (38), 2024**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Маҳмадалӣ Музаффарӣ, Комил Бекзода.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## ҲАДАФМАНДӢ ВА ПАЁМИ БЕДОРӢ

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Фирдавсӣ ва Нозим*........................................ 4

**Сафарзода Нурмуҳаммад.** *"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар моварои баҳс*........................................ 19

**Забеҳулло Беҳрӯз.** *Подшоҳони пешдодӣ – бунёдгузорони тамаддуни башарӣ*........................................ 31

**Нурзода Нозим.** Шукӯҳи Эҳёй ва барномарезиҳои миллӣ (назаре муқаддимотӣ)........................................ 42

**Шарифзода Сайфиддин.** *Мулоҳизаҳои нав перомуни кишвари бостонии Кумед*........................................ 52

## АХЛОҚИ МИЛЛӢ ВА НИҲОДИНАСОЗИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҶТИМОӢ

**Музаффарӣ М.** *Ҷойгоҳи ахлоқ ва характери миллӣ дар таъйини сарнавишти миллат*........................................ 70

**Салимов Аслиддин.** *Проблемаи баробарии ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ таълимоти Кошифӣ*........................................ 98

**Сафдаршоев Т.** *Нашру бознашри мероси хаттӣ: марҳилаҳои омӯзиш ва таҳқиқ*........................................ 116

## БАРДОШТУ ХОТИРОТ

**Шаҳобиддинов Нуриддин.** *Файласуфи миллӣ ва мактаби фалсафӣ (Ҷашннавишта ба муносибати 80-солагии устод Комил Бекзода)*........................................ 124

**Мирзоев Ғаффор.** *Файласуф Бекзода ва андешаи миллии мо*............ 133

**Шодипур Юсуф.** *Бозтоби зиндагиномаи академик З.Ш.Раҷабов дар осори адабию таърихӣ ва публисистӣ (дар мисоли осори адабию таърихӣ ва публисистии профессор Абдусаттор Мухторов)....* 140

## ҲАДАФМАНДӢ ВА ПАЁМИ БЕДОРӢ

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

# ФИРДАВСӢ ВА НОЗИМ

Зи гуфтори шеърам кунун, гӯш дор,
Хирад ёд дору ба дил ҳуш дор.
Фирдавсӣ

Мусаллам аст, ки Нозим достони «Юсуф ва Зулайхо» – и худро дар пайравии достони «Юсуф ва Зулайхо» – и Ҷомӣ навиштааст. Худ дар ин боб дар оғози маснавии «Юсуф ва Зулайхо», дар бахши «Интизоми сабаби назми китоб», чунин гуфта:

*Сари афсонаҳои ростмазмун,*
*Ки гуфташ аҳсани ҳар қисса бечун.*
*Мусалсал қиссаи «Юсуф Зулайхост»,*
*К – аз он як зулф бар рухсори дунёст.*
*Биё, соқӣ, ба дасти орзуям*
*Бидеҳ ҷоме, ки гардам масту гӯям:*
*Чу ин паймонаи номӣ гирифтам,*
*Ба тоқи абрӯи Ҷомӣ гирифтам.*[1]

Аммо ӯ дар ҳамин бахш аз Фирдавсӣ низ ҳамчун устоди мусалламидостонсароӣ ёд менамояд:

*Ба ҳар давре зи Фирдавсизабоне*
*Рақам мешуд ҳумоюн достоне.*
*Ки номи номдорони замона*

[1] Нозими Ҳиротӣ. Осори мунтахаб. –Душанбе: Адиб, 1987. –С. 243 – 244.

*Шавад з – он қисса дар олам фасона…*
*Намемонад ба кас ҷовид ёре,*
*Чӣ беҳтар з – ин ки монад ёдгоре…*[2]

Зимнан, Нозим ғайр аз ин ёдкард аз Фирдавсӣ, ки дар сабаби назми китоб кардааст, боз чанд бори дигар низ дар достони хеш аз ӯ сухан дар миён овардааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Нозим аз «Юсуф ва Зулайхо» - е, ки ба номи Фирдавсӣ бастаанд, на танҳо огоҳӣ дошта, балки онро хонда будааст. Лиҳозо, ӯ дар бахши «Тазҳиби мусҳафи достон ба мелоди Юсуф» аз номи Фирдавсӣ чунин мегӯяд:

*Зи Фирдавсӣ шунидам, к – андар он дин,*
*Биҳишти шаръро буд обу ранг ин.*
*Ки «ҳар касро гирифтандӣ дар ин дор*
*Ба дуздӣ, асли нангу решаи ор»…*[3]

Дар воқеъ, Нозим дар бахши «Хоб дидани обдор ва суфрагустарии малики Миср ва арз намудани Юсуф ва аз таъбири хушу нохуш натиҷа дидан…» аз Фирдавсӣ ба номи Ҳакими Тус ёд мекунад ва аз ӯ сухан шуниданро ба миён мегузорад. Ба қавли ӯ:

*Ҳакими Тӯс мегӯяд дар ин боб,*
*Ки Юсуф офтоби мардумитоб,*
*Зи маҳбусон чунон озорчин шуд,*
*Ки дарди куфрашон дармони дин шуд…*[4]

Ӯ бори чаҳорум аз Фирдавсӣ дар бахши «Шарафи ислом ёфтани Малик Райён ва аҳли Миср аз анфоси Юсуф…» ёд мекунад:

*Хатиби хомакаш минбарбаён аст,*
*Зи Фирдавсӣ бад – ин сон хутбахон аст!*[5]

---

[2] Ҳамон ҷо. – С.241.
[3] Ҳамон ҷо. – С.246.
[4] Ҳамон ҷо. – С.371.

Ниҳоят, вай бори панҷум аз Фирдавсӣ дар поёни бахши «Дохил шудани Зулайхо ба боргоҳи марҳамат ва дуои Юсуф аз ҳусни ҷавонӣ ва назари биноӣ баҳраманд гардидан» ба унвони «суханпардози Тӯс» ёд мекунад ва аз гуфтораш суд меҷӯяд:

*Суханпардози Тӯсӣ гӯяд он дам,*
*Ки бино шуд Зулайхо, навҷавон ҳам…*
*Ба ваҳдатхонае ҷо чун дилам дод,*
*Дараш басту дуоро даст бикшод.*
*Зи таъсири дуои он ягона*
*Бурун омад бад – он хубӣ зи хона,*
*Зулайхоро чу ин ҳоҷат раво шуд,*
*Ба пои шукри Юсуф ҷабҳасо шуд…*[6]

Хулоса, Нозим дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и хеш, ки дар пайравии Ҷомӣ навиштааст, танҳо ба ӯ назар надошта, балки аз «Юсуф ва Зулайхо» –и мансуб ба Фирдавсӣ низ фоида бурдааст. Инро мо аз ёдкардҳое, ки аз номи вай карда, бармало боздид менамоем. Ба ҳарфи дигар, Нозим панҷ маротиба аз Фирдавсӣ ба унвонҳои «фирдавсизабон», «Фирдавсӣ», «Ҳакими Тӯс», «суханпардози Тӯс» ёд менамояд, ки ин далели ошноӣ ва судҷӯии ӯ аз «Юсуф ва Зулайхо» –е, ки аз они Фирдавсӣ медонанд, метавонад буда бошад. Ногуфта намонад, ки Нозим дар ин достон аз Низомӣ низ мустафид будааст. Воқеан, ду бор аз ӯ ёд менамояд. Якум, дар фасли «Дар ситоиши хоқони сухан»:

*Тавонам кардан аз муъҷазкаломӣ,*
*Сухан бо ҳар кӣ бошад, ҷуз Низомӣ.*
*Каломи дигарон гар ваҳӣ донӣ,*
*Заминӣ бошаду з – ӯ осмонӣ.*
*Сухан мехоҳӣ, ӯро пайравӣ кун,*

[5] Ҳамон ҷо. -С.382.
[6] Ҳамон ҷо. –С.393.

*Хуми инсоф машкан, хусравӣ кун…*[7]

Дувум, дар фасли «Ҳаракат намудани Зулайхо аз он хароба ба таҳрики беқарорӣ ва бар сари роҳи Юсуф хонае аз най сохтан ва дар он ҷо ба қонуни дигар ба кори ишқ пардохтан»:

*Низомӣ, к – аз қалам мерехт парвин,*
*Муҳаррик ишқ шуд, на ҳусни Ширин.*[8]

Тавре ки мебинем, Нозим дар иншои достони «Юсуф ва Зулайхо» на танҳо ба Ҷомӣ, балки ба Фирдавсӣ ва Низомӣ низ назар доштааст. Мо инро аз ишораҳои худи шоир, ки дар боло овардем, ба вузуҳ дида метавонам.

Аз ин ёдкарду истинодҳои Нозим, ки дар достони «Юсуф ва Зулайхо» –и худ аз Фирдавсӣ кардааст, маълум мешавад, ки дар замони Нозим достони «Юсуф ва Зулайхо» –и ҷаълие ба номи Фирдавсӣ машҳур будааст. Аммо бо сабаб сустии абёт ва ибтизоли гуфтор аст, ки Нозим низ чандон зиёд ба «Юсуф ва Зулайхо»-и дурӯғин таваҷҷуҳ зоҳир накардааст. Танҳо бо зикри ному овардани матлабе бо номи ӯ иктифо намудааст. Бо ин ҳама, ҳамагон ин асарро аз Фирдавсӣ мепиндоштанд. Танҳо дар аввали асри гузашта маълум шуд, ки ин асар аз Фирдавсӣ набуда, ба Шамсӣ ном шоире тааллуқ дошта, онро ба Туғоншоҳ – бародари Маликшоҳи Салҷуқӣ бахшидааст. Шарафиддин Алии Яздӣ бошад дар муқаддимаи «Шоҳнома» –и Бойсанғурӣ онро аз они Фирдавсӣ ба қалам додааст. Ба қавли Муҳаммадамини Риёҳӣ, «то чаҳор қарн баъд аз Фирдавсӣ дар китобҳое, ки зикре аз ӯ кардаанд, ҳатто дар афсонаҳое, ки ин ҷову он ҷо дар бораи ӯ пардохтаанд, сухане аз чунин манзумае дар миён набуд. То ин ки дар муқаддимаи Бойсунғурии «Шоҳнома», ки дар соли 829 беш аз чаҳор қарн баъд аз Фирдавсӣ, навишта шуда, зимни як ришта афсонаҳои

---

[7] Ҳамон ҷо. –С.235.

[8] Нозими Ҳиротӣ. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С.329.

беасос омадааст, ки Фирдавсӣ аз тарси Маҳмуд ба Табаристон ва аз он ҷо ба Бағдод рафт ва дар он ҷо қиссаи Юсуфро ба назм овард. Дурӯғ будани афсона равшантар аз он аст, ки ниёзе ба радди он бошад. На Фирдавсӣ бо он ҳама нафрат аз хилофати арабӣ ҳозир буд ба Бағдод биравад ва на халифаи Бағдод форсӣ медонист, ки чунин манзумаеро бифаҳмаду биписандад»[9]. Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигар чунин мегӯяд: «Шарафуддини Яздӣ «Зафарнома» - и худро дар соли 828 ҳиҷрӣ дар ситоиши ҷангҳову хунрезиҳову тороҷгариҳои амир Темури Курагонӣ таълиф карда, як сол баъд дар соли 829 ҳиҷрӣ муқаддимаи «Шоҳнома» - и Бойсанғурӣ таҳрир шудааст ва дурӯғе, ки дар бораи назми «Юсуф ва Зулайхо» ба қасди чоплусӣ ба бозмондагони Темур дар «Зафарнома» ҷаъл шуда буд, дар он муқаддима бо тафсили бештар ҷой гирифта, ки хулосаи онро меоварем: «Чун Фирдавсиро назди халифа оварданд, ҳазор байт дар мадҳи халифа изофаи «Шоҳнома» карда, ба арз расонид (!). Халифа мисол фармуд, ки шаст ҳазор динору хилъате ба ӯ доданд(!). Чун Фирдавсӣ дар Бағдод рахти иқомат биандохт ва китоби «Шоҳнома» - ро халифа ва аҳли Бағдод, ба ҷиҳати он ки мадҳи мулуки Аҷам буду эшон оташпарасту маҷус буданд, айб мекарданд, Фирдавсӣ қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» - ро, ки дар Қуръони Маҷид дар як сура мазкур аст, ба назм даровард… Чун қиссаи Юсуф ба арз расонид, халифа ва аҳли Бағдодро бағоят хуш омад ва ба тарбияти ӯ бияфзуданд»[10].

Агарчи интисоби «Юсуф ва Зулайхо» ба Фирдавсӣ аксари муҳаққиқонро ба шубҳаю гумон андохта буд, аммо, тавре ки гуфтем, то аввали асри гузашта, дар радду қабули он имтиноъ меварзиданд. «Саранҷом маълум шуд, ки «Юсуф ва Зулайхо»

[9] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С.138.
[10] Ҳамон ҷо. –С.141 – 142.

аз Фирдавсӣ нест. Бад – ин гуна, ки нахуст дар соли 1922- и милодӣ Маҳмуди Шеронӣ– шоҳномашиноси тезбини ҳиндустонӣ бо муқоисаи сабку забону арзиши ҳунарии шоҳкори Фирдавсӣ бо «Юсуф ва Зулайхо» ва санҷиши азамати шахсияту қудрати андешаву ҷаҳонбинии донои Тӯс бо ибтизоли фикру руҳи гӯяндаи ношинохтаи он маснавӣ ва баррасии намунаҳое аз шеваи баёну авсофу мазомину таъбироту таркиботу киноёту ташбеҳоту истиорот дар ду манзума натиҷаи қатъӣ гирифт, ки он маснавии хому беарзиш аз офарандаи шоҳкори ҷовидонии Эрон наметавонад бошад. Дар Эрон ҳам нахустин бор дар соли 1318-и шамсӣ (1939м) устод Абдулазими Қариб бо баррасии муқаддимаи дастнависе аз он манзума эълом кард, ки «Юсуф ва Зулайхо» аз Фирдавсӣ нест. Дар соли 1324-и ҳиҷрӣ (1945м) зиндаёд устод Минавӣ бо баррасии куҳантарин дастнависи китоб, ки орӣ аз афзудаҳои котибон буд, зимни мақолаи муфассали дақиқи дилпазире, натиҷаи қатъӣ гирифт, ки «ин манзумаи сусту сахифу ракику хому пастро нозими бемояе ба номи Шамсӣ барои эҳдо ба Шамсуддавла Абулфавориси Туғоншоҳ – бародари Маликшоҳи Салҷуқӣ баъд аз соли 476 ба назм даровардааст»[11].

Бояд гуфт, ки дар адабиёти мо Абулмуайяди Балхӣ нахустин касест, ки иқдом ба навиштани достони «Юсуф ва Зулайхо» намуда буд. Пасон, шоир Бахтиёрӣ ин кори ӯро идома додааст. Шаҳобиддин Амъақи Бухороӣ (асри 12), Масъуди Ҳиротӣ (дар асри 13), Шоҳини Шерозӣ (дар асри 14) низ ин қиссаро ба назм даровsecurityанд. Ҷомӣ ин кори эшонро дар асри 15 идома медиҳад. Баъд аз Ҷомӣ низ адибон ба навиштани достони «Юсуф ва Зулайхо» ҳиммат мегуморанд. Бадрӣ, Маҳмудбек Солими Табрезӣ, Тазарви Абҳадӣ, Муллошоҳи Бадахшонӣ, Лутфалибеки Озар, Шуълаи

[11] Ҳамон ҷо. –С. 139.

Гулпойгонӣ, Ҷавҳари Табрезӣ, Муҳаммад Ширини Балхӣ, Абдусамад Котиби Бухорой, Ҷунайдуллои Ҳозиқ ва ғайраро метавон ном бурд, ки ин қиссаро ба риштаи назм кашидаанд. Нозими Ҳиротӣ низ яке эшон аст, ки ин достонро бо фармони Аббосқулихон – ҳокими Хуросон дар пайравии «Юсуф ва Зулайхо» - и Ҷомӣ иншо менамояд. Ин андешаи донишманди муҳтарамро гуфтори Абубакр Зуҳуриддинов низ низ тасдиқ менамояд. Ба андешаи ӯ, «Юсуф ва Зулайхо»-и Нозим дар таърихи баъдинаи адабиёти тоҷик нақши муҳим бозидааст. Баъди ба вуҷуд омадани як силсила шоирон, ки дар Осиёи Миёнаву Эрон ва чи дар Ҳиндустон монанди Ҷавҳарӣ, Табрезӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Салоҳиддин ва дигарҳо дар пайравии ӯ достони «Юсуф ва Зулайхо» ва Мулҳами Бухорой «Лайлию Маҷнун» навиштаанд, ки дар ин маснавиҳо ҳамон услуби Нозим дида мешавад. Гурӯҳи дигари шоирон, монанди Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ дар «Толибу Матлуб», Исои Бадахшонӣ дар «Мавзун», Масеҳои Бойсунӣ дар «Раъно ва Зебо» Нозимро хеле бо эҳтиром ном бурда, истеъдоди баланди вайро дар маснависарой эътироф кардаанд».[12]

Тавре ки мебинем, пеш аз Ҷомию Нозим ва пас аз онҳо низ шоирони зиёде достони «Юсуф ва Зулайхо» - ро қаламӣ кардаанд, аммо ҳеҷ кадоми эшон ба дараҷаи Ҷомию Нозим шуҳрат наёфтаанд. Бад – ин маънӣ Бертелс дар китоби «Таърихи адабиёти форс – тоҷик» чунин нигоштааст: «Манзумаҳои дигар дар бораи ҳамин мавзуи қуръонӣ, ки аз миёни онон, ба вижа сурудаҳои Ҷомӣ ва Нозими Ҳиравӣ, дар Осиёи Миёна овозае ҳосил кардаанд, ҷоеро бар ин манзума танг карда ва онро дар раддаи дувум қарор додаанд»[13].

[12] Нозими Ҳиротӣ. Осори мунтахаб. – С.21.

[13] Евгений Эдуардович Бертелс. Таърихи адабиёти форс – тоҷик. –Душанбе: Эр – граф, 2015. – С.268.

Ногуфта намонад, ки агарчи Нозим дар достони «Юсуф ва Зулайхо» - и худ аз Фирдавсӣ ёд мекунад, гоҳе аз сухани ӯ мустафид буда нашро ба намоиш мегузорад, аммо дар ҳеҷ ҷои достони худ аз пайравии мустақими худ ба Фирдавсӣ ва достони «Юсуф ва Зулайхо» - и ӯ хабар намедиҳад, баръакс, дар  пайравии достони Ҷомӣ навишта шудани онро, яъне аз дасти ӯ «паймонаи номӣ» гирифтани хешро таъкид менамояд. Бад – ин маънӣ, муҳаққиқони осори Нозим низ сареҳан ишора кардаанд. Чунончи, Абӯбакр Зуҳуриддинов, ки ба муқоисаи достонҳои «Юсуф ва Зулайхо» - и Фирдавсӣ ва Нозим пардохтааст, гӯяд: «Инро бояд қайд кард, ки баъзе олимон, аз ҷумла Эте, Кримский, чунин мешуморанд, ки гӯё «Юсуф ва Зулайхо» - и Нозим, асосан дар пайравии маснавии «Юсуф ва Зулайхо» - и Фирдавсӣ сароида шуда бошад, ки мо ба ин фикри муаллифон ҳамроҳ шуда наметавонем. Зеро, чӣ навъе ки дар боло дидем, гуфтаҳои худи шоир инро тасдиқ мекунанд. Дуруст аст, ки Нозим аз «Юсуф ва Зулайхо» - е, ки ба Фирдавсӣ нисбат медиҳанд, хабар дошта, бо мазмуни достон ҳам шиносо будааст. Аз ин ҷост, ки муаллиф дар се ҷои асараш (на се ҷо, балки панҷ ҷо – Ҷ.С.) Фирдавсиро бо эҳтиром ном мебарад. Аммо шоир дар ҳеҷ ҷои «Юсуф ва Зулайхо» - и худ дар хусуси ба Фирдавсӣ назира гуфтанаш ишорае намекунад»[14].

Албатта, Нозим аз Фирдавсӣ ва асари ӯ на танҳо дар достони «Юсуф ва Зулайхо», балки дар осори дигараш, аз ҷумла ғазалу қасидаҳояш низ ба ин ё он сабаб ном мебарад, ишора менамояд. Ин мисолҳо аз ғазалиёти ӯянд:

*Фирдавсии гулзор, ки булбул лақаби ӯст,*
*Дар хондани «Шаҳнома» - и гул нағмафишон шуд.*[15]

[14] Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С.162.
[15] Девони Нозими Ҳиротӣ. –Машҳад, 1374. – С.240.

*Кайхусрави хирад шуда таҳсиннисори мо,*
*«Шаҳнома»-и сифоти ту ҳар ҷо ки хондаем*[16].

Гузашта аз ин, Нозим дар қасидаи зер аз авзои бади хеш ва замона сухан дар миён оварда, аҳволи худро ба аҳволи Фирдавсӣ ва ноқадрдонии султони замон аз ӯ қиёс менамояд ва зимнан аз бемеҳрии «падари хоки Хуросон» даст ба шиква мезанад ва мегӯяд:

*Гавҳарафрӯзи сухан – Нозими баҳрайни хаёлам,*
*Ки хазафрезаи нутқам кунад иншои ҷавоҳир…*
*Чӣ аҷаб қадр надонанд гар абнои замонам,*
*Зеҳни атфол чӣ лаззат барад аз шеъри акобир?*
*Дар ватан Рустами иқболи сухан зӯр надорад,*
*Дорам ин байт зи «Шаҳнома»-и осор ба хотир.*
*В – арна ҳар субҳ суӣ шом зи фирдавси Хуросон*
*Мешавад баҳри чӣ Фирдавсии хуршед мусофир?..*
*Ватан аз ман шуда ганҷинаи анфоси Масеҳо,*
*Ман дар он лек чу дар бодия горатзада тоҷир.*
*Падари хоки Хуросон ба касе меҳр надорад,*
*Рашкам ихвони Ҳариро зи чӣ дорад мутагайир.*
*Насақи мазрааи фитрати ин тоифа ин аст,*
*Ки фаромӯш кунад аз абр, шавад сабза чу носир…*[17]

Ӯ дар қасидаи дигараш низ, зимни шикоят аз замона ва таъкиди мақоми худ дар суханварӣ на танҳо аз Фирдавсию «Шоҳнома»,балки Анварию Заҳир низ бо тафохур ёд менамояд:

*Шамими шаҳпари «Шаҳнома»-и хаёлотам,*
*Рабуда ҳуш зи Фирдавсиёни хулди барин.*
*Гирифта аз сухани равшанам забонаи нур*
*Чароғи Анвариёни сипеҳри иллийин.*

---

[16] Ҳамон ҷо. – С.330.
[17] Ҳамон ҷо. – С.799 – 801.

*Хаёли маънии Маҳмуд чун Заҳирам нест*
*Чаро намешавадам Санҷари камоли муин…*[18]

Бояд гуфт, ки Нозим яке аз шоирони бузурги миллии мост, ки мисли ҳазорон суханварони дигари тоҷик – форс баъд аз фурупошии давлати миллии Сомониён ҷабру ҷафои чарх, ба вижа аъробу атрокро кашида, дар номуродию нокомӣ бар сар бурда, ҳуқуқи инсонию миллиаш поймолу зери по гардидааст. Лиҳозо, ҳамвора дар саросари осораш аз ғаму андуҳу бахти нагуни худ ва ҳаммиллатонаш нола сар медиҳад, аз абнои замону ҳокимону аҳли ҷабру ҷафо шикоят менамояд. Аз ин рӯ, Нозим на танҳо руҳи қавии миллӣ дорад, аз аҳли меҳнату бечорагону фақирон дифоъ ва ҳимоят мекунад, яъне мисли Фирдавсӣ аз руҳи шуубӣ бархӯрдор аст, балки пайваста ба бегонагону золимону ҳокимони замонаш, ба вижа аъробу атрок, ки кишварашро истило ва халқашро ғулому барда сохта, ба онҳо ноилисандӣ, беинсофӣ менамоянд, метозад, ба муқовимату набард бармехезад. Ба ин шикоятҳои ӯ, ки аз аъроб ҳангоми сафари ҳаҷ карда, далел шуда метавонанд. Мо барои намуна қасидаи «Дар мадҳи ҳокими Басра ва шикояту сахтиҳои сафари Макка» - ро меорем:

*Зиҳӣ, номдоре ба номат мусаҷҷал,*
*Зи номи ту шарҳи бузургӣ мутаввал.*
*Бар Афросиёбе кашӣ чун балораг*
*Набинӣ раги гардани Рустами ял…*
*Маро сайд рӯзе, ки дар Басра кардӣ,*
*Ба эҳсони комил, ба лутфи мукаммал.*
*Гумон доштам, ки ин шараф дур дорад*
*Аз ин мухтасар кайдҳои мутаввал.*
*Зи бими ту бар ман натозад ҳаводис,*
*Чи бар рӯи саҳро, чи бар синаи тал.*

[18] Ҳамон ҷо. –С.748.

*Маро баъд аз он золимон «ҳамладор»-е,*
*Ки кардӣ рухаш рӯзро лайлилайл.*
*Сиёҳдудӣ аз шиддати дузах, аммо*
*Мулаққаб ба Абдуллоҳ оли Машъал.*
*Зи ман ноҳифозиш медошт пинҳон*
*Чу сандуқи бетаҳ, ки бошад муқаффал.*
*Ба ҳифзаш супурдам ман асбоби худро,*
*Худи ӯ кард коре, ки оташ ба ҷангал.*
*Тиҳӣ кард бо мардумаш хонаамро,*
*Ки дар хонааш оташ афтад чу манқал.*
*Маро кард урён ба ҷое ки шайтон*
*Кунад ҷома он ҷо ба тақвӣ музайял.*
*Мусулмону сайди ҳарам, ҳошалиллаҳ,*
*Намеояд аз кофар ин макри муҳийял.*
*Худо бас, ки маҳрам туро дида, карда*
*Ба ҳифзи дари хонаи худ муваккал.*
*Макун раҳзанонро дар ин роҳ раҳбар,*
*Мадеҳ хоинонро дар ин кор мадхал.*
*Ғами хоксорон хуру сарварӣ кун,*
*Ки аълои нахл аст қоим ба асфал.*
*Дар ин коргаҳ гофил аз кори давлат*
*Машав, то расонӣ ба такмили акмал.*
*Ғараз, давлати туст з-ин гуфтугӯям,*
*Ки бошад ҳусули давомаш муҳассал.*
*Мабодо ба арзи шаҳи мо расонад*
*Насими хабар муҷмале з-ин муфассал,*
*На баҳри ду динор нуқсони молӣ*
*Задам сикка бар шикваҳои мутаввал,*
*Ки дуди дили мардуми зулмдида*
*Димоғи шикеби маро карда мухтал.*
*В – агарна, ба Қуръони ҳиммат, ки пешам*
*Чи сад хуша гавҳар, чи як дона хардал.*

*Дар айвони базми ту ҳангоми рафтан,*
*Ки шамъаш занад ханда бар ҳафт машъал.*
*Чу ин сар бароварда будам, ки созам*
*Ба мадҳи ту тоҷи суханро мукаллал.*
*Задам нақши ин назму шарманда кардам*
*Аҷамро зи Саъдӣ, арабро зи Ахтал.*
*Ба диққат, ба сабр ин ҳумоюн чаманро*
*Расондам, ки бинӣ биҳишти мухайял.*
*Зи гулгунаи хуни золимнажодон*
*Шавад то арӯси адолат мушаккал.*
*Муваффақ ба он шева бошӣ, ки гӯяд:*
*Сипеҳрат сари мулкдорони аъдал.*
*Расонӣ ситамдидагонро ба мақсад,*
*Давонӣ ситампешагонро ба мақтал* [19].

Шоир дар шеъри «Дар мадҳи шоҳ Аббоси дувум ва шикоят аз ситамҳое, ки дар сафари ҳаҷ бар ӯ рафта» низ аз аъроб ба шоҳ Аббос шиква менамояд:

*Дар олами шариати пайғамбар омада,*
*К–аз роҳи Басра ҳар кӣ ба ҳаҷ меравад, хатост.*
*Роҳе, ки кас дар ӯ натавонад намоз кард,*
*Дар миллати кӣ солики ин раҳ шудан равост?*
*Арбоби Басра аввал аз инсоф дам зананд,*
*Бозӣ махӯр, ки даъвиашон маҳзи иддаост.*
*Иқрорашон ба байати инкор додааст,*
*Паймонашон ба роҳи дурустӣ шикастапост.*
*Нақди вафои аҳд, ки хушсикка дин аз ӯст,*
*Дар Басраи басирати ин қавм норавост.*
*З – ин пеш будааст арабро мурuввате,*
*Имрӯз дар қабилаи маъдуми кимиёст.*
*Саршори шири фосиди хавф аст обашон,*

[19] Ҳамон ҷо. –С.809 – 812.

*Аз донаи шарораташон хок фитназост.*
*Деги фалак зи мошу биринҷи сабоҳу шом*
*Холӣ кунанду гурснаанд, ин чӣ иштиҳост?*
*Гар мири ҳоҷ ҳаҷҷи таматтуъ қазо кунад,*
*Аз «ҳамладор» ҳамлаи туркона дар қафост.*
*Гиранд молу теги ситам бар Аҷам кашанд,*
*Саҳл аст мол, душмани ҷонанд, ин балост*
*Ноҳақ нигар, ки аз фуқарои Аҷам ба зӯр*
*Гиранд, ҳар чӣ дораду гӯянд ҳаққи мост…*
*Бечорагони мулки Аҷамро дар ин муҳит*
*Аз дасти нохудоияшон кор бо Худост.*
*Танҳо на з – ин гурӯҳ дили ман сиёҳ шуд,*
*Пайғамбар он кашид, ки ойинаи Худост.*
*Қуръон хабар диҳад зи нифоқи шадидашон,*
*Беҳуда нутқи ман ба шикоят сухансарост.*
*Ин аст агар сулуки араб, баъд аз ин ба ҳоҷ*
*Гулдастаи маносики ҳаҷ бар сари адост.*
*Имсол ин ситам, ки араб кард бар Аҷам,*
*Бурҳони норизоии фарзанди Муртазост.*
*Аббос-шоҳи аъзами шоҳон, ки дар умур*
*Як дасти давлаташ қадару дигаре қазост…*
*Дорам умеди он ки мусаххар шавад туро*
*Мағрибзамин, ки машриқи анвори анбиёст.*
*Ҳукмат тиҳӣ кунад зи арфа роҳи Каъбаро*
*К –ин роҳи дур дарҳам аз ин қавми каҷадост…*[20]

Лозим ба ёдоварист, ки Нозим руҳи шуубии худро на танҳо нисбат ба аъроб, балки атрок низ дар осораш мунъакис карда. Ӯ аз туркисароии удабою вазъи ноҳиҷор ва фазои номуносиби шеъру адаби тоҷик – форс, ба вижа забони тоҷикӣ, дар асри хеш чунин изҳори нигаронӣ мекунад:

[20] Ҳамон ҷо. – С.813 – 816.

*Шоир акнун ғайри туркӣ нашнавад аз шеърсанҷ,*
*Гар кунад иншои феъли тозӣ аз ҳарфи дарӣ* [21]

Зимнан, Нозим дар осораш борҳо аз турку тоҷик сухан мегӯяд. Хусусан дӯстию ҳамкории эшонро мутаранним мешавад:

*Қадимӣ маҳрамон аз турку тоҷик*
*Қадамфарсо ба хидматҳои наздик.*[22]

***

*Зи гесӯяш димоғи шона торик,*
*Чу дар шеъри Навоӣ фикри тоҷик.*[23]

Хулоса, Нозим дар достони «Юсуф ва Зулайхо» - и хеш панҷ бор аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» ёд менамояд. Лиҳозо, зоҳиран чунин менамояд, ки ӯ дар ин асараш ба «Юсуф ва Зулайхо» - е, ки ба номи Фирдавсӣ бастаанд, пайравӣ кардааст. Аммо мутолиа ва муқоисаи достони «Юсуф ва Зулайхо» - и Ҷомӣ бо «Юсуф ва Зулайхо» - и Нозим ва иқрори худи шоир нишон медиҳад, ки ӯ ин маснавиро асосан дар пайравии Ҷомӣ навиштааст. Аммо бо ин ҳама, вай ба «Юсуф ва Зулайхо» - е, ки мансуб ба Фирдавсӣ медонистаанд, ошноӣ доштааст ва дар чанд маврид аз ин достон суд ҷустааст. Гузашта аз ин, Нозим аз «Хамса»-и Низомӣ низ бехабар ва бебаҳра набудааст. Хусусан аз достонҳои ишқии ӯ – «Хусраву Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун» дар ин маснавӣ фоида бурдааст. Мо инро аз гуфтори худи шоир, ки дар достони «Юсуф ва Зулайхо» - и худ овардааст, мефаҳмем ва эҳсос менамоем. Ниҳоят, Нозим ба «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ на танҳо ошно, балки алоқаи хос доштааст. Воқеан, ёдкардҳои ӯ аз Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ва қаҳрамонону паҳлавонону шахсиятҳои он дар девонаш

[21] Ҳамон ҷо. – С.763.
[22] Нозими Ҳиротӣ. Ашъори мунтахаб. – С.163.
[23] Ҳамон ҷо. – С.138.

шоҳиди гуфтаҳои мо метавонанд буда бошанд. Ба ин абёт мутаваҷҷеҳ шавед:

*Ба иқболи ӯ Зол Рустамшукуҳ,*
*Зи тамкини ӯ пушти Эрон ба куҳ* [24].

***

*Гар тавонӣ Рахши ҳиммат тохт дар майдони фақр,*
*Шаст бар Доро гушоӣ, тег бар қайсар кашӣ* [25].

***

*Дафъи Заҳҳоки фитна чун накунад,*
*Шоҳи машраб кам аз Фаридун нест*[26].

[24] Девони Нозими Ҳиротӣ. – С.551.
[25] Ҳамон ҷо. – С. 398.
[26] Ҳамон ҷо. – С. 139.

**Нурмуҳаммад САФАРЗОДА**
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

## "ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСӢ ДАР МОВАРОИ БАҲС

Дар охири садаи IX ва ибтидои қарни X дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон табаддулоти муҳиме ба вуқуъ пайваста, воқеияти таърихро аз мурури таърихию сиёсии худ хориҷ сохт. Ин дигаргунии куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, пеш аз ҳама, ба муносибати хилофати Бағдод ба хонадони Сомониён ва ҳокимиятҳои хурду бузурги ин сарзамин вобаста буд. Ҳокимони Оли Сомон дар рушду густариши илму адаби мардумони бумии сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон иқдоми зиёдеро пеш гирифтанд, то мавқеи сиёсии ин қаламравро на бо ҷангу ҷидол, балки бо илму фарҳанг ва рушди оину расму русуми динию мардумӣ устувор созанд. Академик Носирҷон Салимӣ зимни баррасии адабиёти даврони Сомониён ба бузургии сиёсати фарҳангию мардумсолории ин хонадон чунин баҳогузорӣ менамояд: "Ба дуболи истиқлоли сиёсӣ амирони сомонӣ ҳувияти фарҳангӣ, тарвиҷи забони модарӣ ва равнақи адабиёту ҳунарро ба ҳайси рисолати аслии давлатдорӣ дар меҳвари сиёсати дурнигаронаи хеш қарор доданд"[1]. Аз чунин сиёсати оқилона душманони давлати тоҷикон ҳар замон дар камингоҳ қарор гирифта, фурсатеро интизор буданд, ки ба пояи ин сиёсат бо табари ноинсофона зарбаҳои ҷонкоҳона зананд. Сомониён бо арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ эътимод намуда, кӯшиш доштанд, ки истиқлоли сиёсиро устувортар намуда, мулки аҷдодонро аз вобастагии хилофати Бағдод наҷот диҳанд.

[1] Салимӣ Носирҷон. Адабиёти давраи Сомониён.- Душанбе, 2021.- С.3.

Истиқлолхоҳии Сомониён душманони камингоҳи ин хонадон -- туркони кучманчӣ ва хилофати ҷудоихоҳро ба ҳам овард ва ҷараёни инқирози давлати миллии Сомониёнро тезонд. Дар ҳамин асно Фирдавсӣ бо зинда гардонидани таърихи Аҷам талош бар он дошт, ки ба пойдевори сиёсати истилогаронаи хилофати Бағдод зарба зада, ҳисси худшиносии таърихию миллии мардуми бумиро устувор созад. Шояд ягон сиёсатмадор ё аҳли фарҳангу адаби дарбори Сомониён чашмдор набуд, ки аз байни қавмҳои турк, хосатан аз табори Сабуктегин даъвии ҷойгузинии тахту тоҷи онҳо мешавад. Гарчанде бархе аз муҳаққиқон дар байни сиёсати ин ду хонадон чандон фарқияте ба мушоҳида намегиранд. Масалан, доктор Сируси Шамисо ҷараёни тағйири сабки мудирияти замони Султон Маҳмудро ба мушоҳида гирифта, ба хулосае меояд, ки "...ба ҳар ҳол вақте ки Ғазнавиёни дастпарвардаи Сомониён ба ҳукумат мерасанд, дар русуми дарборӣ ва қавонини иҷтимоӣ тағйироти ногаҳонӣ ва бунёдӣ рух намедиҳад ва аз ин рӯ, тағйири махсуси шадиде дар сабки адабиёти ин давра дида намешавад. Аммо ба ҳар ҳол дар ҳукумат ва биниши Ғазнавиён бо Сомониён ихтилофоте аст, ки боиси тағйироте дар сабки зиндагӣ ва тафаккури мардум ва ниҳоятан сабки адабиёт ҳам шудааст, ба тавре ки дар мутолиоти дақиқтари сабкшиносона метавон сабки адабии давраи Ғазнавиёнро аз аҳди Сомонӣ бозшинохт" [2].

Чунин табаддулоти сиёсии ғайриинтизор кулли аҳли илму адабро парешон кард ва маҷбур сохт, ки ё ба сиёсати истилогаронаи Сабуктегин мутобиқ мешаванд ва ё чун Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ рӯ ба муҳоҷират менамоянд. Абулқосими Фирдавсӣ дар ин рӯзгори пурфоҷеа бо ифтихору эҳтиром ба нигоштани "Шоҳнома" ва зинда гардонидани

[2] Шамисо Сирус. "Сабкшиносии шеъри форсӣ".- Техрон, 1385. -С.39.

таърихи Аҷам машғул буд ва даъватан аз чунин ранг гирифтани воқеот ба оқибати ин асари безавол дар аҷаб монда буд. Фирдавсиро қисмати таърихи Аҷам, ки масъулияти эҳё гардонидани онро ба дӯш дошт, парешон мекард, то ин нома бо чӣ тақдир мавриди қабули шоҳ қарор мегирад:

*Ҳамехоҳам аз кирдигори баланд,*
*Ки чандон бимонад танам бегазанд,*
*Ки ин нома бар номи шоҳи ҷаҳон*
*Бигӯям, намонам сухан дар ниҳон.*

Вале хонадони Ғазнавиён ва аҳли дарбори ӯ аз рӯзи аввали ҳукуматдорӣ асосан ба Бағдод-маркази сиёсати исломӣ рӯи ниёз оварданд, зеро онҳо собиқаи арзишманди динию фарҳангии хоси худро надоштанд, то ба он такя карда бошанд. Ҳамзамон Ғазнавиён то замони пояҳои сиёсии салтанати худро устувор намудан ба забон ва фарҳанги Сомониён таваҷҷуҳ намуда, ҳар ҷо худро пуштибони мардуми бумии ин сарзамин вонамуд менамуданд. Дар дарбори Султон Маҳмуд зиёда аз чаҳорсад шоири форсигӯй ба мадҳу ситоиши шоҳ ва хонадони ӯ машғул буданд, ки онҳо ҳамагӣ аз мардуми бумии ин сарзамин-тоҷикон ва аз ақвоми ориёӣ буданд. Ховаршиноси олмонӣ Ҳермон Этте нисбати вазъи дарбори Маҳмуд ба баъзе хулосаҳои нодуруст роҳ медиҳад, ки баъдҳо ин ба ғалатфаҳмии бисёр муҳаққиқон боис мегардад: "Султон Маҳмуд, ки ҳавас кард тавъам бо размӣ буданаш базмӣ ҳам шинохта шавад ва ҳомии илму адаб маъруф гардад ва аз худи ӯ низ шаш ғазал бозмонда, ҷамъе аз гӯяндагони замони худро, ки шумораи ононро чаҳорсад гуфтаанд, дар ҳалқаи адабии худ гирд оварод, ки дар раъси онон Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ амирулшуарои дарбор буд..."[3]. Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва садҳо

[3] Ҳермон Этте. Таърихи адабиёти форсӣ.- Техрон, 1337.- С.33.

шоирони дигар дар мадҳи шоҳони Ғазнавӣ камар баста, аз арзишҳои фарҳангию таърихии мардуми худ фаромӯш карда буданд. Манучеҳрӣ аз қавму қабилаҳои қаламрави он рӯз ёд карда, тақдиру қисмати онҳоро ба сиёсати Маҳмуд вобаста медонад:

*Ту он шоҳе, ки андар Шарқу дар Ғарб,*
*Ҷуҳуду габру тарсову мусулмон*
*Ҳамегӯянд дар тасбеҳу таҳлил:*
*Илоҳо, оқибат Маҳмуд гардон!*

Дар эҷодиёти Унсурӣ, хосатан дар қасидаҳои ӯ мадҳу ситоиши аҳди Ғазнавӣ мавқеи муҳимро дорост. Унсурӣ ҳамеша бо аҳли дарбор дар маросиму ҷашнҳо ва ҷангу ғалабаҳои Султон Маҳмуд иштирок менамуд ва дар баробари мадҳи султон дар зимни он вазъияти воқеиро бо рӯйдодҳояш тасвир менамуд. Шиблии Нуъмонӣ яке аз вижагиҳои қасоиди Унсуриро "аз воқеанигорӣ кор гирифтааст" гуфта, таъкид мекунад. Дар ин мавридҳо, ки воқеанигорӣ дар ашъори шоир бештар аҳамият пайдо мекунад, қасида на танҳо чун назми баргузидаи дарбор, балки ҳамчун инъикоси ҳаёти воқеии зиндагии аҳли рикоб намоён мегардад. Шоир гоҳо дар мадҳу ситоиши ғайривоқеии султон печида, андешаҳояш ба ҳазён монанд шуда, дар доираи тасаввуроти муқаррарӣ намеғунҷад.

Дар назари Унсурӣ, хашми Султон сангро хокистар мекунад, ҷунбидани банди қабои ӯ ҳозиринро ба ваҳму ваҳшат меорад, ки ин нишони қудрати сиёсати бераҳмонаи султон аст, ки мардумро ба тарсу ҳаросе расонда буд, ки дар шеъри аҳди Ғазнавиён тасвири он аз воқеот берун аст.

*Оби ҷудаш бардамад, заррин шавад гетӣ ҳама,*
*Оташи хашмаш бихезад санг хокистар шавад* [4].

Ё:

[4] Устод Унсурии Балхӣ. Девон. Нашри Н. Дабири Сиёқӣ.- Теҳрон, 1342.- С.25.

*Агар биҷунбад банди қабои ӯ аз бод,*
*Гумон кунад, ки ҳаме бар ҷигар хурад мисмор*[5].

Шеъри унсуривор ба дараҷае ба мадҳи Султон ғарқ мешавад, ки ҳатто аҷалро дар назди Маҳмуд ба ларза меорад:

*Ҳаво, ки базми ту бинад, бароядаш дандон,*
*Аҷал, ки теги ту бинад, бирезадаш чангол*[6].

*Тавонгарию бузургию коми дил ба ҷаҳон,*
*Накард ҳосил кас баҷуз ба мидҳати султон*[7].

Ҳатто Фаррухӣ низ аз пайи Унсурӣ ба мадҳу ситоиши султон иқдом мекунад:

*Бузургию шарафу қадру ҷоҳу бахти ҷавон,*
*Наёбад ҳеҷ кас ҷуз ба мидҳати султон*[8].

Дар марҳилаи дигар шуарои даврони Маҳмуд содиқ будани худро дар сиёсати ҳокимияти султон дар танқиди қаҳрамонони таърихи Аҷам ва шоироне чун Рӯдакӣ мебинад. Ин гуна эътиқод бар «мадҳи султон» аввалан шоиронро вобастаи дарбор намуда, Рӯдакӣ ва сабки ӯро дар аҳди Ғазнавӣ маҳдуд месохт. Рӯдакӣ лаҳзае ба хотири Унсурӣ мерасад, ки аз инъомҳои Маҳмуд шукрона намуда, боигарии Рӯдакиро дар нисбати инъомҳои султон, ки барои як қасида бахшидааст, ҳеҷ шуморад:

*Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш,*
*Биёфтааст ба тавозуъ аз ин дуру он дар…*
*Гар он атош бузург омаду бигуфт ҳаме,*
*Кунун куҷост, биё гӯ: атои шоҳ нигар*[9].

---

[5] Ҳамон асар. -С.25.
[6] Фаррухӣ. Девон. Чопи Алии Абдурасулӣ.-Теҳрон, 1311. -С.68.
[7] Устод Унсурии Балхӣ. Девон. Нашри Н. Дабирсиёқӣ.- Теҳрон, 1342.- С.102.
[8] Фаррухӣ. Девон. Чопи Алии Абдурасулӣ.-Теҳрон, 1311. -С.251.
[9] Устод Унсурии Балхӣ. Девон. Нашри Н. Дабирсиёқӣ.- Теҳрон, 1342.- С.126.

Вале Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ дар доираи адабии Маҳмуд ва ҳалқаи шоирони дарбори ӯ иштирок надорад.

Тадриҷан, Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ аз маҳфили илму адаб ва шеъру шоирӣ берун мешавад ва шоирони дигар ҳавзаҳои адабӣ барои шуҳрату шаҳомати худро аз Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ боло нишон додан ба накӯҳиш ва маломати ин шоири бузурги худшинос мекӯшанд. Асадии Тӯсӣ, ки бо "Гаршоспнома"-и худ машҳур аст ва Давлатшоҳи Самарқандӣ ӯро дар назми "Шоҳнома" роҳнамо ва устоди Фирдавсӣ меҳисобад, шояд дар пайравии аҳли дарбори Ғазна бо ҳамон шева аз Фирдавсӣ ва асари ӯ айбҷӯӣ менамояд:

*Зи Рустам сухан чанд хоҳӣ шунуд,*
*Гумоне, ки чун ӯ ба мардӣ набуд.*
*Агар разми Гаршосп ёд оварӣ,*
*Ҳама разми Рустам ба бод оварӣ.*

Давлатшоҳ муддаии он аст, ки Асадии Тӯсӣ "Табъе салиму зеҳне мустақим дошта ва Фирдавсии Тӯсӣ шогирди ӯст. Ва дар рӯзгори султонуссалотин Маҳмуди Ғазнавӣ устоди фирқаи шуарои Хуросон будааст ва ӯро ба каррот таклифи назми "Шоҳнома" кардаанд" ва истеъфо хоста ва пирию заъифиро баҳона сохта"[10]. Асадии Тӯсӣ(1005\1010-1073)[11] ин сатрҳоро ба мақсади паст нишон додани мақоми Фирдавсӣ дар майдони сухан менигорад:

*Ба "Шоҳнома" Фирдавсии нағзгӯй,*
*Ки аз пеши гӯяндагон бурд гӯй.*

*Басе ёди разми пилон карда буд,*

[10] Давлатшоҳи Самарқандӣ. "Тазкират-уш-шуаро".-Хуҷанд: Ношир, 2015.- С.52.

[11] Фирдавсии Тӯсӣ соли 941 таваллуд шуда, соли 1020 аз олам гузаштааст ва бо чунин фарқияти синну сол оё метавонад Асадии Тӯсӣ мақоми устодии Фирдавсиро дошта бошад.

*Аз ин достон ёд н-оварда буд* [12].

Маълум аст, ки Асадии Тӯсӣ достони "Гаршосбнома"-ро дар назар дорад, ки аз назари Фирдавсӣ берун мондааст ва бо ифтихор ваъда медиҳад, ки назми ин достонро хоҳам кард:

*Ниҳоле буд ин руста, зогон дарахт,*
*Шуда хушку бе бору пажмурда сахт.*
*Ман акнун зи табъам баҳор оварам,*
*Мар ин шохи навро ба бор оварам*[13].

Ба ин тухматномаҳо нисбати Фирдавсии покнажод устод Шиблии Нуъмонӣ ҷавоб медиҳад: "Чунонки дар як шабонарӯз чаҳор ҳазор байт гуфта, таҳвили Фирдавсӣ дод ва ӯ онро дохили "Шоҳнома" кард ва ин ҳамон ашъорест, ки дар ҳамлаи Араб ва шикасти Эрон дар "Шоҳнома" мушоҳида мешавад.

Вале, ба ақидаи мо (Шиблии Нуъмонӣ дар назар аст.-О.Н.), ин ривоят бакуллӣ муҳмал ва ҷузъи афсона аст. Чи, аввалан, "Шоҳнома" нотамому ноқис набуда, ва, сониян, Асадӣ устоди Фирдавсӣ набуд[14] ва чунин каломе наметавонист бигӯяд. Солисан, дар як шабонарӯз Асадӣ наметавонист чаҳор ҳазор шеър бигӯяд ва гузашта аз ҳама, ҳар касе ашъори фавқи "Шоҳнома"-ро дида, бидонад, ки он ба сабки ашъори Асадӣ ҳеч шабоҳату таносубе надорад"[15]. Илова бар ин, замоне ки Асадӣ (таваллуд соли 1010) ба дунё меояд, Фирдавсӣ ба синни 70 расида буд ва чӣ тавр метавонист Асадӣ ба ин устоди сухан дар ҳунари шоирӣ роҳнамоӣ кунад. Ҳамзамон Асадӣ достони

---

[12] Асадии Тӯсӣ. Гаршобнома, бахши 11.Дар мардонагии Гаршосб.-https://ganjoor.net
[13] Ҳамон ҷо.
[14] Шарҳе, ки дар "Гаршосбнома" аз Фирдавсӣ зикр карда, ба таври қатъ маълум медорад, ки Фирдавсӣ шогирдӣ ӯ набуда. Ин як байтро мулоҳиза кунед:
Ба "Шоҳнома" Фирдавсии нағзгӯй,
Ки аз пеши гӯяндаон бурд гӯй.
[15] Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷилди аввал ва дувум.- Душанбе: ДДОТ, 2016. - С. 158.

худро замоне ба навиштан сар мекунад, ки “Шоҳнома” китобат шуда, дар байни мардум мавриди мадҳу ситоиш қарор дошт. Ҳам Асадӣ ва ҳам доираи адабии Маҳмудро ҳирси бадбинию ҳасудӣ маҷбур месозад, ки нисбати ин шоҳасари бузург ва холиқи он бадгумонӣ намояд.

Ниҳоят, фирдавсиситезиро мо дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ба мушоҳида мегирем, ки ин бадхоҳиҳо аз доираҳои адабии дарборӣ ба рисолаю тазкираҳо мекӯчад. Маҳмуд ҳеч гоҳ аз назми таърихи Аҷам манфиатеро намедид ва Давлатшоҳ даъво пеш меорад, ки “Ва Султон Маҳмуд Унсуриро фармуда буд, ки таърихи мулуки аҷамро дар қайди назм оварад ва Унсурӣ аз касрати иштиғол баҳонаҳо мекард ва метавонад буд, ки табъаш бар назми “Шоҳнома” қодир набуда бошад...”[16]. Унсурӣ ягон амри султонро ҷуръати рад карданро надошт ва агар чунин дастуре аз ҷониби Маҳмуд ҳам буд, Унсурӣ мефаҳмид, ки ба ин шоҳи туркасл назми таърихи Аҷам зарурат надорад, зеро дар таърихи ин мулук аҷдоди ӯ иштироке намекунанд, аз ин рӯ шуарои дарбори султон масъулияти назми таърихи Аҷамро ба Фирдавсӣ гузошта, чашмдор набуданд, ки “Шоҳнома”-и безавол то ин дараҷа сиёсати хонадони Ғазнавиёнро ба ҳеч баробар мекунад.

Давлатшоҳ даъво пеш меорад, ки Султон Маҳмуд ба хотири ин байт:

*Чу кӯдак лаб аз шири модар бишӯст,*
*Ба гаҳвора “Маҳмуд” гӯяд нахуст, --*

ки ӯро бағоят хуш омад, Фирдавсиро фармуд, то ба назми “Шоҳнома” қиём кунад... Муддати чаҳор соли дигар дар хиттаи Ғазнин ба назми “Шоҳнома” машғул буд ва баъд аз он иҷозат ҳосил кард, ки ба ватан равад ва ба назми “Шоҳнома”

[16] Давлатшоҳи Самарқандӣ. “Тазкират-уш-шуаро”.-Хуҷанд: Ношир, 2015.- С.52.

машғул бошад"[17]. Замоне ки Султон Маҳмуд ба қудрат расид, Фирдавсӣ даврони пирӣ меронд ва "Шоҳнома" ба охир расида буд. Давлатшоҳ бо ҳар роҳу восита мекӯшад, дар бунёди ин асари безавол дасти Маҳмудро бинад, ки ин таҳрифкориҳои ӯ ба воқеоти таърих рост намеояд.

Баъдтар аз Фирдавсӣ ва бузургии ӯ Мавлоно Ҷомӣ дар қисми ҳафтуми "Баҳористон" ёд мекунад ва боз ба ҳамон ривоятҳои мавҷуда рӯ меорад ва симои ин бузурги мулки сухан дар сояи сиёсатҳои замони шоир пинҳон мемонад.

Дар адабиёти туркзабонон аз асрҳои XIV-XV сар карда, муносибат ба саромадани адабиёти форс-тоҷик аз рӯи манфиатҳои сиёсии Темуриҳо ва аҳли рикоби онҳо сурат мегирифт, зеро дар ин марҳила адабиёт ва фарҳанги туркзабонон дар Мовароуннаҳр ва Хуросон нуфуз пайдо карда, ба фарҳангҳои дигар эҳтиёҷе намонда буд. Шоироне, ки баҳри тарғиби масоили худшиносии миллии мардумони бумии ин сарзамин қаламфарсоӣ карда буданд, дар доираҳои адабию сиёсии давр ба онҳо эътибори ҷиддӣ дода намешуд. Холиқ Мирзозода ин вазъиятро хеле хуб ба мушоҳида гирифта, менигорад: «Дар рӯйхат («Муҳокимат-ул-луғатайн»-и Навоӣ дар назар аст.О.Н.) номбар намудани Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Аттор, Амир Хусрав, Ҷалолидини Балхӣ, Камол ва Ҳофиз чунин маънӣ надорад, ки онҳо ба программаи мутолиаи шоирони асри XV дохил намешуданд…Ин рӯйхатро дар «Муҳокимат-ул-луғатайн» пурра карда, номҳои Амир Хусрав, Хоҷу, Салмони Соваҷӣ ва Ҳофизро ба забон гирифтани Навоӣ ва аз шоирони асри XV Амиршоҳӣ ва Котибро ном бурдани вай, доираи намунаи ибрати ин асрро боз ҳам равшантар кардааст»[18].

---

[17] Ҳамин асар. -С. 67
[18] Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик.- Душанбе; Маориф, 1986.-С. 125.

Ҳаким Фирдавсӣ дар ин рӯйхат ё роҳ намеёфт ё дар сари он баҳсҳо тул мекашид. Зеро ӯ дар «Шоҳнома» -и безаволи худ масоили худшиносию худогоҳии таърихии мардумони бумии ин сарзаминро ғояи асосии асари худ қарор дода, ҳукмронии бегонагонро намепазируфт ва эътироф намекард. Ҳамчунин Фирдавсӣ аз ҷиҳати мазҳаб ҳам бо ин баҳона дар доираҳои адабӣ ном намебурданд. Вале «Шоҳнома» ҳамчун дастури беҳтарини давлатдорӣ дар байни мардум ва марказҳои илмию сиёсии давр эътибори худро пайдо мекард. Аз ин рӯ, дар асоси мушоҳидаҳои Холиқ Мирзозода «Шоҳнома» дар асри XV ҷамъоварӣ ва ба тартиб дароварда шуд, вале чун ба лашкар ва сарлашкарони туркзабони Темурӣ мафҳум буд, дар доираи баланди қишри бомаърифати аристократӣ маҳдуд мемонд. Кӯшишҳои шоири дузабонаи турк Лутфӣ бобати дар мисоли «Шоҳнома» дар асоси маводи «Зафарномаи Темурӣ» офаридани «Темурнома» амалӣ нашуд.

Бо вуҷуди ин «Шоҳнома» бо аҳли сиёсати замон мавриди муносибати холисонае гашт. Шояд ба ҳамин сабаб буд, ки дар китобхонаи Ҳирот бо ташаббуси Мирзо Байсунғур аввалин нусхаи нисбатан пурраи «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ, ки ҳоло нусхаи муътабар ба ҳисоб меравад ва дар асри ХУ мураттаб шудааст, нигоҳ дошта мешуд[19].

Марҳилаи сеюми зидди Фирдавсӣ ва ормонҳои миллии ӯ ва дар баробари "Шоҳнома" кӯшиши офаридани достону таърихномаҳо бо унвонии "Гаршоспнома","Темурнома", "Бобурнома" ва ғайра **низ дар таърих сабт гардидааст.** Вале ягон шоире ба мартабаи баланди шоирии Фирдавсӣ баробар шуда наметавонад, баръакс, суханварони бузург ва

[19] Ҳамон ҷо.

донишманди тоҷик ба ҳунари шоирии ӯ муътақид мегарданд. Анварии Абевардӣ дар ҳаққи Фирдавсӣ чунин гӯяд:

*Офарин бар равони Фирдавсӣ,*
*Он ҳумоюннажоди фархунда:*
*Ӯ на устод буду мо шогирд,*
*Ӯ худованд буду мо банда.*

Ҳамзамон Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ дар боби "Зикри Саҳбону-л-аҷам Фирдавсии Тӯсӣ, раҳматуллоҳу" пеш аз фирдавситезиҳо аз бузургдошти Фирдавсӣ сухан ба миён меорад, ки ин порчаи ситоишӣ ба нигоштаи мазбур ҳам хотимаро ҳусн хоҳад бахшид ва ба муддаиёни ин шоири бузурги мулки Аҷам ҷавоби муносиб хоҳад буд:

Сиккае, к-андар сухан Фирдавсии Тӯсӣ нишонд,
Кофирам, гар ҳеч кас аз мардуми фурсӣ нишонд.
Аввал аз болои курсӣ бар замин омад сухан,
Ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд[20].

11.11.2024.
шаҳри Душанбе,
соати 00.21.

**Мулоҳизаҳои муҳаррир:**

**Якум.** Мақола хуб аст ва муаллифи матлаб масъалаи дифоъ аз Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯро ҳадафи илмию миллӣ қарор додааст. Ин иқдом дар ин шабу рӯз қаҳрамонӣ шумурда мешавад. Офарин!

**Дувум.** Агар муаллифи матлаб рӯйи абёти илҳоқӣ (изофӣ, иловагӣ, афзудашуда), ки шаҳомату шукӯҳи ин асари безаволи миллиро хадшадор месозанд, иҷмолан тамаркуз мекард, хуб мебуд, чаро ки ин мавзуъ (абёти иловашудаю

[20] Давлатшоҳи Самарқандӣ. "Тазкират-уш-шуаро".-Хуҷанд: Ношир, 2015.- С.65.

афзудаи "Шоҳнома") рози биёр мушкилоти дигари миллиро дар заминаи таҳрифи "Шоҳнома" ва қиём алайҳи Фирдавсии Тӯсиро мекушояд.

**Севум.** Муаллиф бо овардани намунаҳои ҷолиб аз ашъори мадҳии шоирони замони Ғазнавӣ ҳадафмандона муҳтавиёти шеъри мадҳиро, ки бар зарари миллат анҷом ёфта, дурӯғпароканию ситоиши бебунёди мулуки ғайриаҷамиро ба дунбол доштааст, интиқод мекунад, ки ҷолиб ва ҳадафнок аст.

**Чаҳорум.** Васеътар нишон додани мавзуъ ва масъалаи пойин бурдани мақому ҷойгоҳи "Шоҳнома" дар фарҳанги асримиёнагии форсии тоҷикӣ аз тариқи "ибтикорот"-и душманони миллат ва ҷумлаи беҳувиятону фурсатталабоне мисли шоирони дарбори Ғазнавию Салҷуқию Темурӣ ва амсоли инҳо матлабро соҳиби паём ва ҳадафи ҷиддии миллӣ мекунад. Бинобар ин, чанд ҷумлае дар ин замина илова бояд кард.

Бо эҳтиром, Нозим Нурзода
13 ноябри соли 2024, чоршанбе, соати 09:54

**Беҳрӯзи ЗАБЕҲУЛЛО**
*мудири шуъбаи адабиёти муосири*
*Институти забон ва адабиёти*
*ба номи Рӯдакии АМИТ*

## ПОДШОҲОНИ ПЕШДОДӢ – БУНЁДГУЗОРОНИ ТАМАДДУНИ БАШАРӢ

Шоҳ дар “Шоҳнома” танҳо ба маънои ҳоким нест, балки фаротар аз он ба маънои ҳаким аст. Бахусус, симои шоҳони пешдодӣ дар ин ҳамоса ба ҳамин маънӣ далолат мекунад. Афлотун ҳам дар китоби худ “Ҷумҳурият” аз бунёди мадинаи фозила суҳбат мекунад ва яке аз шартҳои бунёди ҷомеаи идеалӣ аз назари Афлотун ин буда, ки дар раъси қудрати он файласуф ё ҳаким қарор дошта бошад. Манзур аз файласуф ҳамон марди огоҳу доно аст. Дар ҳамосаи миллии оириётаборон низ маълумоте, ки дар бораи шоҳони пешдодӣ зикр шудааст, бар шартҳои Афлотун барои идораи ҷомеа мутобиқат дошта, балки фаротар аз он ҳаст. Аммо хираде, ки дар “Шоҳнома” ба таври мудом аз он ёд мекунад, ҳамсонӣ бо маъони хирад дар андарзҳои “Динкарди шашум” дорад. “Динкард” китоби бузургест ба забони паҳлавӣ, ки онро “Дарсномаҳои Зартуштӣ” низ ном мебаранд. Ба ҳамин тартиб, хирад дар “Динкарди шашум” ба ҷуз маънои аслии худ, ки неруи фаҳму дарк аст, ҳамчунин бахше аз низоми динии Урмузд низ ҳаст, ки ҷаҳонро офаридааст ва нигоҳдорӣ мекунад. Аз ин рӯ, “Шоҳнома” шоҳасарест, ки бо ситоиши худованди ҷону хирад оғоз мегардад. Бар асоси фармудаи Фирдавсӣ, инсон танҳо бо кумаки хирад имкон дорад, ки ҳам худро бишносад ва ҳам Худованди ҷаҳонофаринро:

*Парастанда бошию ҷӯянда роҳ,*
*Ба фармонҳо жарф кардан нигоҳ.*
*Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад [4,1].*

Ба далели муҳим будани ҷойгоҳи хирад Фирдавсӣ ин калимаро дар "Шоҳнома" беш аз 900 бор такрор кардааст. Хирад дар "Шоҳнома" ҳамчун бартарин гавҳари олами ҳастӣ ва масдари некиву некукирдорӣ муаррифӣ шудааст. Аҳаммияти хирад ва хирадгарой дар бахши устураии "Шоҳнома" ба таври мукаммал ба тасвир кашида шудааст. Қисмати шоҳони пешдодӣ дар "Шоҳнома" намунаи ошкори аҳаммияти хирад дар олами ҳастӣ ва ҳаёти башариро ба намоиш мегузорад. Корномаи шоҳони пешдодӣ манбаи ибрат ва омӯзиши ҷиддӣ бояд қарор гирад. Ҳар яке аз шоҳони пешдодӣ вобаста ба замон хидматҳои арзишманде барои башарият анҷом додаанд. "Шоҳони Пешдодӣ ба унвони аввалин подшоҳони рӯи замин, таъолим, ибдоъот ва ниҳодҳоеро таъсис карданд, ки ба рушди тамаддуни инсонҳо кумаки бисёре кардаанд" [2].

Фарқи асотир аз таърих дар он аст, ки ривоятҳои асотирӣ санади таърихӣ надоранд ва ба тариқи шифоҳӣ аз насл ба насл ба ёдгор мондаанд. Баъзе аз асотир бо пайдо шудани санад ба воқеияти таърихӣ табдил шудаанд. Ба фармудаи пажуҳишгари таърих Зухра Сайдмуродӣ: "Асотир нишондиҳандаи фарҳанг ва навҳаи тафаккури мардумон дар давронҳои куҳан ва забони гӯёи таърихӣ аст аз давронҳои пешотаърихӣ. Асотир намояндаи тадовуми зиндагии фарҳангии як миллат ва ба навъе таърихи он аст" [3]. Ҳамин мазмунро худи Фирдавсӣ низ дар бораи устура ва достонҳои шоҳасари хеш ба зебой таъриф кардааст:

*Ту инро дурӯгу фасона мадон,*
*Ба яксон равиш дар замона мадон.*

*Аз ӯ ҳар чи андархурад бо хирад,*
*Дигар бар раҳи рамзу маънӣ барад[4, 2].*

Нахустин хидмате, ки подшоҳони пешдодӣ анҷом додаанд ва аҳаммияти умумибашарӣ дорад, таъсиси аввалин ҷомеаҳо барои инсони ибтидоӣ будааст. Маҳз ҳамин омил, яъне сарҷамъ кардани инсонҳои ибтидоӣ дар ҷомеаҳои кучак барои зиндагии муштарак пойдевори бунёди тамаддуни башарӣ ба ҳисоб меравад. Сипас дар заминаи зиндагии муштарак бунёди дин, расму ойин, фарҳанг, назми хонавода, давлат асос гузошта шудааст. Ба қавли муҳаққиқ Заҳро Озарниюш: "Пешдодиён нахустин дудмони фармонраво дар таърихи асотирии Эрон ба "фармонравои ҷаҳон" маъруф буданд...Дар бовари умум асотир ҷанбаи ғайривоқеӣ ва афсонаӣ доранд, аммо бархилофи тасаввури омма дар илми асотиршиносӣ таърихи муттакӣ бар ривояти шифоҳиро устура мегӯянд. Силсилаи пешдодиён ба иллати адами вуҷуди санади мактуб, асар ё катибае аз давраи ҳукумат то ба имрӯз дар бахши асотирии таърихи Эрон ҷой гирифтаанд, чунончи, бо ковишҳои бостоншиносӣ асаре аз ин силсила ба даст биёяд, ҷойгоҳи он дар таърих тағйир мекунад" [2].

Шоҳони пешдодӣ дар "Шоҳнома" дорои сифатҳое мебошанд, ки маҳз ҳамин авсоф заминаи ташкили ҷомеаи башарӣ ва баъдан давлату тамаддунро фароҳам сохтааст. Аз рӯи маълумотҳое, ки дар бораи подшоҳони пешдодӣ дар "Шоҳнома" зикр шудааст, метавон сифатҳои барҷастаи онҳоро ба тартиби зайл номбар кард:

1. Яздонпарастӣ;
2. Ташкили нахустин ҷомеаҳои башарӣ;
3. Кашфи рамзу рози олами ҳастӣ;
4. Мураббӣ ва раҳнамои мардум;
5. Рисолати паёмбарӣ барои қавми худ;
6. Асосгузори давлат ва низоми сиёсӣ;

7. Содиркунандаи нахустин дастур ва қонун;

8. Мусаллат ба ҳикмату дониш;

9. Доду диҳиш;

10. Тамаддунофарӣ.

Яъне, низоми подшоҳӣ як раванди табиӣ буда, бар асоси зарурат шакл гирифта, подшоҳон низ мутобиқи лаёқат, ҷасорат ва ҳушу ройи хеш раҳбарии ақвоми ибтидоиро бар дӯши хеш гирифта, барои бақои онҳо хидмат кардаанд. Профессор Худоӣ Шарифзода муътақид буд, ки "Шоҳнома" бар асоси се идеяи марказӣ шакл гирифтааст: "Дар "Шоҳнома", гузашта аз ҳадаф ва назарҳои ҷузъӣ, ба фикри мо, се идеяи марказӣ ва роҳнамо мавҷуд мебошад, ки пайванди ин маҷмуаи бузурги гуногунмавзуро ба вуҷуд овардаанд: 1) Идеяи ба вуҷуд омадани ҷомеаи башарӣ; 2) Идеяи ватандӯстӣ ва ватанпарастии эронӣ; 3) Идеяи салоҳи иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи эронӣ" [6, 70].

Тибқи ривояти "Шоҳнома", аввалин касе ки низоми подшоҳиро бунёд ниҳодааст, Каюмарс буд:

*Пажуҳандаи номаи бостон,*
*Ки аз паҳлавонон занад достон.*
*Чунин гуфт: "К-оини тахту кулоҳ,*
*Каюмарс оварду ӯ буд шоҳ [4, 3].*

Каюмарс пояи давлати худро дар кӯҳ бунёд гузоштааст, зеро одамони ибтидоӣ барои бақои худ дар кӯҳҳо, ғорҳо ва ҷангалҳо зиндагӣ мекарданд. Каюмарс барои қавми худ пӯшиданӣ ва хурданиҳои нав кашф мекунад. Мутобиқи ривояти "Шоҳнома", Каюмарсро на танҳо одамон, балки ҷонварону парандагон низ итоат мекардаанд. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки ривояти нахустодам, ки дар "Шоҳнома" омадааст, бо ривоятҳои ақвоми дигар, аз ҷумла ривоятҳои ҳиндӣ, чинӣ, юнонӣ, сомӣ ва ғ... шабоҳатҳои зиёд дорад. Фарқият дар ҷузъиёт аст, аммо муҳтавои ҳамаи ин ривоятҳо тақрибан яксон

аст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки дар ривояту устураҳои ақвоми дигар ҷанбаҳои тахайюлӣ, муъҷизасозӣ ва фарозаминӣ бештар роҳ ёфтааст, аммо дар "Шоҳнома" устураҳо низ бар пояи хирад ва дониш мечарханд ва ба дур аз доираи дарку фаҳми башар нестанд. Ин равиш моҳияти воқеъгароиро дар устураҳои ҳамосаи миллӣ тақвияти бештар кардааст. Дувум, дар устураву ривоятҳои "Шоҳнома" тазод ва нақлҳои ғайривоқеӣ ва хилофи мантиқ камтар ба назар мерасад. Профессор Худоӣ Шарифзода дар ин замина навиштааст: "Таърихи пайдоиш ва инкишофи халқҳои мутамаддини ҷаҳон чанд марҳалаи муҳимми рушду инкишофро дорад, ки силсилаи онҳо яке бар дигаре пайваста ва вусъату афзоиш ёфта, таърихи фарҳанг ва адабиётро ба вуҷуд овардаанд. Аз марҳалаҳои оғозини фарҳангу адаб замони пайдоиш ва рушди устура мебошад. Асотири эронӣ, юнонӣ, чинӣ ва дигар халқҳои қадимӣ як замони тулонии фарҳангу ҷаҳоншиносии онҳоро дар бар гирифта, барои ташаккули ойину мазоҳиб ва ҷаҳонбинии илмии ибтидоияшон саҳми бузурге гузоштаанд" [6,70].

Ба ҳамин тартиб, пас аз Каюмарс Ҳушанг бар тахти подшоҳӣ менишинад ва суннати падарбузургашро идома медиҳад. Мутобиқи маълумоти "Шоҳнома", Ҳушанг фармонравои ҳафт иқлим будааст. Бузургтарин кашфиёти Ҳушанг оташ буд, ки бар асоси тасодуф рух медиҳад, аммо Ҳушанг онро ҳадяи эзадӣ медонад ва ба Яздон ниёиш ва шукргузорӣ мекунад:

*Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,*
*Ниёиш ҳамекарду хонд офарин.*
*Ки ӯро фурӯге чунин ҳадя дод,*
*Ҳамин оташ он гоҳ қибла ниҳод.*
*Бигуфто фурӯгест ин эзадӣ,*
*Парастид бояд агар бихрадӣ.*

*Бадон гаҳ будӣ оташи хубранг,*
*Чу мар тозиёнрост меҳроб санг [5,54].*

Бо кашфи оташ ба воситаи Ҳушанг башарият аз асри санг убур карда, ба асри оҳан – тамаддуни ҷадид даст меёбад. Дар "Шоҳнома" аз ин оташ ба унвони гавҳари ноёб зикр мешавад, ки ба кумаки дониш ба даст омадааст:

*Нахустин яке гавҳар омад ба чанг,*
*Ба дониш зи оҳан ҷудо кард санг [5,52].*

Бо кашфи оташ Ҳушанг ҳунари оҳангариро ба инсоният омӯхт ва башар ба абзоролоти оҳанӣ мусаллаҳ гардид. Бо кумаки абзорҳои оҳанин ҷӯбору коррез канда, заминҳоро обёрӣ намуданд. Сипас Ҳушанг кишти зироат ё худ кишоварзиро ба мардумон омӯхт. Дар қадами баъдӣ Ҳушангшоҳ ҳайвоноти ваҳширо аҳлӣ кард ва аз пусти ҳайвонот либос таҳия карданро таълим дод:

*Бад-ин гуна аз чарми пӯяндагон,*
*Бипӯшид болои гӯяндагон [4,5].*

Бад-ин гуна Ҳушанг дар тули чиҳил соли подшоҳии хеш ба мардум хидмат кард:

*Чиҳил сол бо шодкомию ноз,*
*Ба доду диҳиш буд он сарфароз.*
*Басе ранҷ бурд андар он рӯзгор,*
*Ба афсуну андешаи бешумор [4,5].*

Яъне, Ҳушангшоҳ инсонҳои ибтидоиро ҳам таълим медоду ҳам тарбият намуд ва бо адлу дод бар онҳо ҳукумат кардааст.

Таҳмурас низ оини падарони худро идома дод ва мактаби онҳоро тақвият намуд. Ин шоҳи донишманд ҳам бо кумаки ақлу дониш розҳои пӯшидаи ҷаҳонро ошкор кард, зеро шиори Таҳмурас чунин будааст:

*Ҳар он чиз, к-андар ҷаҳон судманд,*
*Кунам ошкоро, гушоям зи банд [4,5].*

Байти мазкур намоёнгари рӯҳи барозанда, ишқ ба дониш, майл ба кашфи асрори гетӣ ва иродаи шикастнопазири аҷдодони мо аст, ки аз бомдоди офариниш ба илму дониш ва аҳаммияти он воқиф буда, роҳи дуруст паймудаанд. Таҳмурас кашфиётҳои Ҳушангро такмилтар намуд ва ҳайвоноту парандагони бештарро ошкору аҳлӣ кард. Тарзи ресидани пашм барои таҳияи либос ва тайёр кардани хурок аз гушти ҳайвонотро омӯхт. Аҳлӣ кардани ҳайвоноту парандагон ҳам як протсесси осону сода набуда ва роҳу равиши хосро металабад. Ӯ ба инсонҳо равиши аҳлӣ сохтан ва парвариши олами вуҳуш ва парандагонро таълим медод:

*Биёварду омухтаншон гирифт,*
*Ҷаҳоне бад-ӯ монд андар шигифт.*
*Бифармудшон то навозанд гарм,*
*Нахонандашон ҷуз ба овози нарм [5,56-57].*

Нуктаи дигар ин аст, ки Таҳмурас дар раванди розгушоӣ аз асрори ҷаҳон Худовандро раҳнамои хеш медонист ва пайваста Яздонро ситоишу ниёиш мекард:

*Чунин гуфт: "К-инро ниёиш кунед,*
*Ҷаҳонофаринро ситоиш кунед,*
*Ки ӯ додамон бар дадон дастгоҳ,*
*Ситоиш мар ӯро, ки бинмуд роҳ [4,5].*

Дар замони шоҳ Ҷамшед асбобҳои размӣ ва ҷангафзорҳои оҳанин ба монанди ҷавшан, хафтон, диръ, баргустувон, дебо ва хазз сохта шудааст:

*Нахуст олати ҷангро даст бурд,*
*Дари ном ҷустан ба гардан супурд...*
*Чу хафтону чун диръу баргустувон,*
*Ҳама кард пайдо ба равшанравон [5,60].*

Манзур аз равшанравон дар байти боло дониш аст, зеро равони одам танҳо ба дониш мунаввар мешавад. Хидмати дигари Ҷамшед ин буд, ки нахустин шуда анҷумани

пешаварон (касбу кор) ва табақаҳои иҷтимоиро ташкил мекунад. Дар даврони Ҷамшед чор табақи иҷтимоӣ ташкил шудааст:

1. Котузиён (руҳониён).
2. Найсориён (лашкариён).
3. Кишоварзон.
4. Санъатгарон.

Ташкили ин табақаҳо ба содагӣ набуда, тибқи ривояти "Шоҳнома", панҷоҳ сол тул кашидааст:

*Аз ин ҳар якеро яке пойгоҳ,*
*Сазовор бигзиду бинмуд роҳ.*
*Ки то ҳар кас андозаи хешро,*
*Бибинад, бидонад каму бешро [4,6].*

Дар даврони ҳукумати Ҷамшед ҳуқуқу вазифаҳои ин чаҳор табақаи иҷтимоӣ муайяну мушаххас гардидааст.

Сипас Ҷамшед ҳунари аз гилу об хишт сохтан ва дар қолаби хос тайёр кардани онро омӯхт. Ҷамшед кошифи илми ҳандаса ва бунёдгари аввалин гармобаву коххои баланд ва хона барои зисту зиндагии мардумон будааст. Барои равшан кардани хонаҳо аз дили санги хоро гавҳар ё сангҳои дурахшандаро кашф карда ба мардум рӯшноӣ ҳадя намудааст. Кашфиёти дигари Ҷамшед ошкор кардани хушбӯиҳо аз гулу гиёҳон будааст:

*Дигар бӯйҳои хуш овард боз,*
*Ки доранд мардум ба бӯяш ниёз.*
*Чу бону чу кофуру чун мушки ноб,*
*Чу уду чу анбар чу равшангулоб [5,63].*

Ҷамшед асосгузори илми пизишкӣ низ буда, дар даврони ӯ роҳу равиши табобату дармони мардум оғоз гардидааст:

*Пизишкиву дармони ҳар дардманд,*
*Дари тандурустиву роҳи газанд,*
*Ҳама розҳо низ кард ошкор,*

*Ҷаҳонро наёмад чун ӯ хостор [5,63].*

Аз кашфиётҳои дигари Ҷамшедшоҳ сохтани киштӣ ва таълими ҳунари сафар кардан тавассути он дар дарёву баҳру уқёнусҳо мебошад. Бад-ин тариқ фосилаи байни кишварҳо ва қитъаҳои оламро кӯтоҳ кард:

*Гузар кард аз он пас ба киштӣ бар об,*
*Зи кишвар ба кишвар баромад шитоб [5,63].*

Дар "Шоҳнома" ба сароҳат таъкид мешавад, ки тамоми ҳамин кашфиётҳое, ки шоҳони пешдодӣ анҷом додаанд, ба кумаки донишу хирад имконпазир шудаанд. Ҳеч муъҷизае дар миён набуда, балки инсон бо қудрату тавони хеш ва бо такя ба ҷаҳонофарин ба ин дастовардҳои беназир мушарраф гардидааст:

*Чунин сол панҷаҳ биварзид низ,*
*Надид аз ҳунар бар хирад баста чиз [5,63].*

Яъне, Фирдавсӣ мефармояд, ки ҳеҷ асроре аз чашми хирад пӯшида нест ва инсони мусаллаҳ ба илму дониш қодир аст тамоми розҳои ниҳони ҷаҳонро ошкор намояд.

Масъалаи дигаре, ки дар "Шоҳнома" матраҳ мешавад, таърихи пайдоиши расму оинҳои миллии мардумони ориётабор ҳаст, ки санади муътабаре дар ин замина ба шумор меравад. Аз он рӯ, ки дар таърихномаҳо ва тазкираҳои дигар дар ин бора ривояту афсонаҳои зиёде ба равиши гуногун нақл шудааст, "Шоҳнома" танҳо манбаи муътамад ба шумор меравад, зеро дар ин китоб решаҳои тамоми расму оинҳо бо ҳаводиси табиӣ иртибот дошта, аз донишу хирад сарчашма мегиранд. Аз ҷумла, ривояти "Шоҳнома" дар мавриди қадимтарин ва бузургтарин ҷашни мардумони Ориёӣ – Наврӯз ҳам дар ин шоҳасар зикр гардида, ба воқеият наздиктар аст. Мутобиқи маълумоти ҳамосаи миллӣ, бунёдгузори ҷашни Наврӯз Ҷамшед будааст. Агар мо рамзи

ин ҷашнро дар паҳлуи кашфиётҳое, ки Ҷамшед анҷом додааст, бигзорем, маънои он равшантар хоҳад шуд:

*Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,*
*Аз он баршуда фарраҳи бахти ӯй.*
*Ба Ҷамшед - бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*
*Сари соли нав Ҳурмузу Фарвадин,*
*Баросуда аз ранҷи тан дил зи кин.*
*Ба Наврӯзи нав шоҳи гетифурӯз,*
*Бар он тахт биншаст фирӯз рӯз.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю руду ромишгарон хостанд.*
*Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,*
*Бимонда аз он хусравон ёдгор [4,7].*

"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар асл як хираднома аст. Бо ситоиши ҷаҳонофарин ва хирад оғоз гардида, то поён қиссаву ривоятҳо бар мадори хирад чарх мезананд ва аз ин меҳвар берун намешаванд. Ин равиш аз шигифтиҳои кори Фирдавсӣ аст. Мурурe бар корномаи шоҳони пешдодӣ дар "Шоҳнома" низ бар ҳамин асл далолат дорад. Шоҳони пешдодӣ инсонҳои маъмулӣ набуда, ороста ба перояи хираду дониш буда, тамоми тавони худро барои пешрафти башарият сарф кардаанд. Дар муборизаи инсон бо табиат пайваста аз донишу хирад кор гирифта, розҳои печидаи оламро аз ин тариқ ошкор намуда, ба инсоният роҳи расидан ба саодатро нишон додаанд. Беҳуда нест, ки Эрнест Ренон-муҳаққиқи бузурги Фаронса "Шоҳнома"-ро "санади бузурги нубуғ ва қудрати халлоқаи нажоди ориёӣ" медонад. Сент Буо мегӯяд: "Агар бигӯем асаре ба азамату жарфои "Шоҳнома" дар ҷаҳон ёфт мешавад, худ содалавҳона будааст". Ё худ Ампер Андре адиби итолиёӣ Фирдавсиро бузургтарин шоир дониста ва "Шоҳнома"-и ӯро аз ҳама ҳамосаҳои ба ҷо монда чун

“Одиссея” ва “Илиада”-и Ҳомер ё ҳамосаҳои маъруфи ҳиндӣ ва ё ҳамосаи “Ниблунген”-и олмонӣ бартар мешуморад.

Дар “Шоҳнома” вожаҳои ҷону хирад пайваста дар паҳлуи ҳам ба кор меравaнд. Хирад дар “Шоҳнома” ба маънии чашми ҷон муаррифӣ шудааст. Яъне ҳамчунон ки тан бе руҳ наметавонад бошад, ҷон ҳам бе хирад арзише надорад:

*Нигаҳдори тан бошу они хирад,*
*Ки ҷонро ба дониш хирад парварад [4,291].*

Ҳамин пайвастагии ҷону хирад дар саҳнаҳои гуногун, аз ҷумла разму базм дар саросари “Шоҳнома” ҳаргиз гусаста намешавад ва ин пайванди мантиқӣ яке аз муъҷизаҳои ҳамосаи миллӣ ба ҳисоб меравад. Хирад дар “Шоҳнома” ба масобаи калидест, ки ба воситаи он дарҳои ҳар ду сарой ба рӯйи инсон кушода хоҳанд шуд.

## Адабиёт


1. Навидимеҳр, Ҳамидризо. Баргузидаи достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. -Ҷ. 1. – Теҳрон: Интишороти остони қудси разавӣ, 1399. – 536 саҳ.

2. Озарниюш, Захро. Пешдодиён; нахустин силсилаи достонии Эрон. https://www.kojaro.com/history-art-culture/194707-pishdadian-dynasty-iran/

3. Сайдмуродӣ, Зухра. Нигарише бар устурашиносӣ дар Эрони бостон. -- https://www.noormags.ir/view/fa/articlepage/1983817/

4. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. – Теҳрон: Интишороти Фахри Розӣ, 1370. – 626 саҳ.

5. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. -Ҷ. 1. – Душанбе: “Адиб”, 1987. – 487 саҳ.

6. Шарифзода, Х. “Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе, 2014. -400 саҳ.

7. Шарифзода, Х. Достонҳои бузурги “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. – Душанбе: “Эр-граф”, 2018. – 400 саҳ.

**Нозим НУРЗОДА**
*Академияи миллии*
*илмҳои Тоҷикистон*

## ШУКӮҲИ ЭҲЁӢ ВА БАРНОМАРЕЗИҲОИ МИЛЛӢ
*(назаре муқаддимотӣ)*

Миллатҳои худсозу худофарин ҳамеша пайи рушду тараққианд ва бо истифода аз фурсатҳои мусоид дар бозофаринии шахсӣ-инфиродӣ, гурӯҳӣ, миллӣ ва мардумӣ сахт мекӯшанд ва дар ин замина дастовардҳои бузурге низ ба даст меоваранд. Фарзи мисол, Аврупо дар Даврони Эҳё (дар Италия аз асри X1V шуруъ шуда, дар дигар кишварҳои аврупоӣ асрҳои XV-XV1 иттифоқ афтодааст) бо такя ба илму дониш ва мантиқ яхи бузурги дерини хурофоту таассуби асримиёнагиро шикаста, роҳро барои сохтани давлатҳои миллию мутараққию мутамаддин ҳамвор сохт. Албатта, донишмандону файласуфони аврупоӣ бо таҳдиду фишору тааррузи мудавоми руҳонияти масеҳӣ, ходимони калисову дастгоҳҳои тафтишотӣ (инквизитсия)-и замон рӯ ба рӯ буданд ва дар роҳи мушкилписанди эҳёӣ ҳазорон нафарро талаф доданд. Аммо эҳёгарони аврупоӣ, ки аз шумори файласуфони табиатшиносони варзидаи замон маҳсуб мешуданд, билохира ба саодат расиданд ва элитаи динӣ-сиёсии пешрави замонро, ки дастгоҳ-аппарати муқавои давлатию мазҳабӣ тайи дасташон қарор дошт, маҷбур ба ақибнишинӣ ва шикаст намуданд. Вазъияти сиёсиву мафкуравии замон хеле мураккабу вахим буд. Руҳониён ва роҳибони масеҳӣ ҳамеша бар он мекӯшиданд, ки на танҳо бар ибодоту руҳиёти мардумӣ, балки бар умури дунявӣ тасаллути комил дошта бошанд ва барои ин ҳадафро дунбол кардан аз тамоми имконот истифода мебурданд. Ҳатто шоҳону императоронро

таҳти контроли худ даровардан мехостанд (ниг.: Мчедлов М. П. Католицизм. –Москва: Издательство политической литературы, 1974. -С.11). Бо ин ҳама мушкилот мутафаккирону табиатшиносони эҳёӣ ба по хестанд ва аз тариқи силоҳи ақлу мантиқ алайҳи зулму ҷаҳолату таассуби калисоӣ муқовимат карданд.

Пешгомони ҷараёни Эҳё ва ё Ренессанс (**Ренесса́нс** аз забонҳои фаронсавии "Renaissance", италиявии "Rinascimento" ва лотинии "renasci" ба маънои "навтавлидшавӣ, эҳёшавӣ")-и аврупоӣ инсонмеҳварӣ (антропосентризм)-ро ба майдони илм оварда (ниг.: Горфункель А. Х. Философия эпохи возрождения. –Москва: Высшая школа, 1980. С.345), барои истиқлоли донишҳои илмӣ ва фалсафӣ дар сатҳи давлатию ҷамъиятӣ ҳадафмандона мубориза бурданд (ниг.: Горфункель А. Х. Философия эпохи возрождения. –Москва: Высшая школа, 1980. С.345-346). Эҳё ё Ренесанси аврупоӣ маънои бозгашт ба ақлдоварӣ ва хирадмеҳварӣ, ки дар фалсафаи юнонӣ ва сиёсати римӣ мақом ва ҷойгоҳи калидӣ доштааст, мебошад. Мутафаккирони даврони эҳёӣ аз тариқи зинда кардани мантиқу фалсафаи юнонӣ дар мақоми абзори таъсиррасонии иҷтимоию фикрию сиёсӣ саъю талош намуданд, ки дастгоҳи муқтадир ва дар айни замон печидаю пӯсидаи калисоӣ ва низом-системаи истибдодии давлатдории асримиёнагиро аз пой дароваранд. Ба дунболи табиатшиносон-эҳёгарони аврупоӣ, мутафаккирони баъдӣ Жан Мелйе (1664-1729), Шарл Луи Монтескиё (1689-1755), Франсуа Мари Волтер (1694-1778), Жан Жак Руссо (1712-1778), Жюлен Офре Ламетри (1709-1751), Дени Дидро (1713-1784), Этйен Бонно Кондиляк (1715-1780) ва дигарон бо ташаббусоту ибтикороти ҷиддии илмӣ ва фалсафӣ Даврони Эҳё ё Ренессанси аврупоиро рақам зада, пойдевори инсонмеҳварӣ, озодандешӣ ва донишбунёдии давлат ва ҷомеаҳои минбаъдаи ғарбиро гузоштанд. Муҳимтар аз ҳама,

мутафаккирони Даврони Эҳё бо баҳои ҷон моҳияти таассуб-фанатизми динию мазҳабиро, ки боиси рукуду нузули фикрию маданӣ дар таърихи башарӣ гардида буд, ошкор сохта, макру фитнагариҳои иерархияи калисоӣ ва персонал-ҳайати раҳбарию иҷроии дастгоҳҳои пахшу нашри хурофоти мазҳабиро фош намуданд. Аз ҷумла, Франсуа Мари Волтер (1694-1778) мегӯяд, ки: "мусаллам аст, ки диёнати масеҳӣ барои фиребгарону қаллобон василаи хубе будааст, ки мардумро тайи 17 аср фиреб диҳанд ва тули 14 қарн мутаассибон бо истифода аз теғ бародарони худро куштанд" (ниг.: Антология мировой философии. –Том 2.–Москва: Мысль, 1970. С.554). Волтер оптимистона ояндабинӣ мекунад, ки "насли наве ба воя мерасанд, ки ба таассуб (фанатизм) танаффур меварзанд. Вақте мерасад, ки аз давлат файласуфон бармехезанд ва ҳукумат ақл побарҷо мегардад" (ниг.: Антология мировой философии. –Том 2.–Москва: Мысль, 1970. С.557). Ба ин тартиб, озодандешии даврони Эҳё дар озодандешии марҳилаи маорифпарварӣ идома ёфт (ниг.: Горфункель А. Х. Философия эпохи возрождения. –Москва: Высшая школа, 1980. С.354).

Бояд тазаккур дод, ки дар олами асримиёнагии Шарқ, ки ислом ба унвони диёнати муташаккил ва мафкураи фарогир машруият дошт, низ Замони Эҳё вуҷуд доштааст ва он дар китоби донишманди урупоӣ Адам Метс (ниг.: Адам Мец. Мусульманский Ренесанс. Москва: Наука, 1973) муфассал шарҳу баён ёфтааст. Дар он давра, ки истилоҳан Эҳёи мусулмонӣ номгузорӣ шудааст, тӣаҳаввулоти фикрӣ ва тағйироти назарию маданӣ дар қаламрави хилофати исломӣ ба мушоҳида мерасад. Назар ба қавли манобеъи асримиёнагии исломӣ, дар давраи яке аз сарафрозтарин халифаҳои Аббосӣ Маъмун (786 - 833) роҳи гуфтугӯ ва муколамаҳои фарҳангӣ байни қишрҳои гуногуни динӣ,

мазҳабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ кушода шуд. Маъмун барои гуфтугӯйи тамаддунҳои ғайриарабӣ ва ғайриисломӣ дар миқёси хилофат фазо ва шароити мусоиди фарҳангӣ ба вуҷуд овард. Дар ин давра, кор то ба ҷойе расида буд, ки бархе аз намояндагони шадидтарин ҳаракати миллигаройии иронӣ - шуубия дар "Байтулҳикма" - и Маъмун мақому мансабе доштанд (ниг.: Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ду қарни сукут. Теҳрон, 1381. С. 289-301). Ба ин тартиб, дар давраи амири Аббосӣ Абӯҷаъфар Мансур (754-775) наҳзати тарҷумаи осори юнонӣ, мисрӣ, ҳиндӣ шуруъ шуда, ин раванд дар замони ҳукуматдории Ҳорунаррашид (786-809) ва Маъмун (813-833) густариш ёфта, муносибати амирони Аббосӣ ба илму ҳикмат ва олимону донишмандон муътадил гардид ва шароити бози фарҳангӣ барои тарвиҷи илму фалсафа дар қаламрави хилофат ба вуҷуд омад. Дар ин давра китобҳои Уқлидус, Афлотун, Арасту, Буқрот, Ҷолинус ва соири донишмандону файласуфони юнонию румӣ тарҷума шуданд ва майдони баҳсу муҷодилаҳои илмӣ-фалсафӣ густарда гардид (ниг.: Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал.Теҳрон:Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1371. -С.44-45).

Ба ин тариқ, амирони Аббосӣ, ки Замони Эҳёи мусулмониро асос гузоштанд, бо кумаки иронитаборон, бахусус хуросониён рӯйи кор омаданд ва дар ташаккулу рушди давлатдории Аббосӣ нақши Бармакиён, ки дудмони миллӣ буд, хеле бузург аст. Муаррихон бар ин назаранд, ки Бармакиён фарзандони шахсе буданд, ки симати раёсати мазҳабии яке аз буткадаҳои шаҳри Балх, яъне Навбаҳор (бутхонаи ҷадид)-ро доштанд. Бармак зоҳиран лақаби умумии касоне будааст, ки ба ин мақом мерасиданд. Аз ин тоифа Холид дар айёми даъвати Абумуслими Хуросонӣ қабули ислом кард ва дар хидмати ӯ ба унвони котиб ва муншӣ дохил

шуда, ба ҳамин симат дар дастгоҳи Мансури Аббосӣ расид. Писари Холид Яҳё дар расонидани Ҳорун ба хилофат кумак кард. Писарони Яҳё – Фазл, Ҷаъфар, Муҳаммад ва Мусо пас аз расидани падар ба вазорати Ҳорун ҳама ба корҳои идорӣ, сиёсӣ ва ҷангӣ ҷалб шуданд. Агар Яҳёи Бармакӣ намебуд, Ҳоруни Аббосӣ ба хилофат намерасид. Ҳодӣ мехост писари худ Ҷаъфарро ҷонишини хеш қарор диҳад ва Ҳорунро аз валиаҳдӣ барканор кунад. Барои анҷоми ин кор ҳозир шуд, ки 20 ҳазор динорро ба Яҳёи Бармакӣ бидиҳад, лекин Яҳё зери бор нарафт ва Ҳорун чун ба хилофат расид, аз Яҳё мукаррар ташаккур кард (ниг.: Пирниё, Ҳасан, Оштиёнӣ, Иқбол. Таърихи Ирон: аз оғоз то давраи паҳлавӣ. –Теҳрон: Самир, 1384. С.470). Ин буд, ки дар замони Бармакиён қудрат ва нуфузи иронӣ дар дастгоҳи Аббосӣ ба мунтаҳои дараҷа расид (ниг.: Зайдон, Ҷурҷӣ. Таърихи тамаддуни ислом. Тарҷума ва нигориши Алӣ Ҷавоҳиркалом. –Теҳрон: Амири Кабир, 1333. С.312) ва майдони рушди илму фалсафа густурда гардид.

Вале замони Эҳёи мусулмонӣ дар марoҳили дигари таърихӣ ва салтанати амирони минбаъда ба шикаст мувоҷеҳ гардид ва роҳи илму маориф аз тариқи омӯзиши улуми фалсафӣ ва табиӣ-риёзӣ баста мешавад. Амир Мутаваккил (847-861) ба аҳли ҳадис ва суннат эътиқод карда, хуни ононеро, ки ба баҳси холиқ будан ё набудани Қуръон иштиғол меварзиданд, мубоҳ кард. Ӯ таълиму тарбияи мутавассити аҳли замма (яҳудиён, масеҳиён, зардуштиён)-ро мамнӯъ эълом дошта, хондани фарзандони ононро дар мадориси мусулмонон қатъиян манъ кард. Ҳамчунин китобфурӯшонро савганд дод, ки китобҳои фалсафӣ ва соири осореро, ки дар хусуси масоили каломӣ ва ҷадалӣ иттилоъ медоданд, нафурӯшанд (ниг.: Султонзода, Ҳусайн. Таърихи мадориси Ирон аз аҳди бостон то таъсиси Дорулфунун. Теҳрон, 1364. – С.71).

Қатъи назар аз фишору тааррузи сиёсию мафкуравӣ мардуми форсу тоҷик ба сӯйи пеш гом бардоштанд ва дар бозсозии фикрию маданӣ ва ба вуҷуд овардани Эҳёи миллӣ саҳми муносиб гузоштанд. Донишманд ва файласуфи тоҷик устод Акбар Турсон нимаи аввали солҳои ҳаштодуми асри бист доир ба Давраи Эҳё ё Ренесанси тоҷик китоби махсусе таҳти унвони “Эҳёи Аҷам” (ниг.: Турсунов, Акбар. Эҳёи Аҷам: руҷуи таърихию публисистӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.) таълиф намуда буд, ки миёни ҷомеаи илмию мадании вақти миллӣ ҳамсадоӣ пайдо кард. Муаллифи китоб кӯшидааст, ки бар мабнои манобеи таърихию адабӣ ва илмию фалсафӣ Даврони Эҳёи миллиро таъйин намояд ва тавассути мисолу намунаҳои мушаххаси илмию назарӣ ва адабию ҳунарӣ раванди бозофаринии миллиро дар шароити нави таърихӣ нишон диҳад. Воқеан, замони салтанати сулолаҳои миллии Тоҳирӣ, Саффорӣ ва Сомонӣ майдони муборизоти сиёсию фикрӣ ва маънавию маданӣ боз шуд ва шароити муътадили бозофаринии забонию фарҳангӣ фароҳам омад. Албатта, дар фароҳам омадани чунин шароите нақши амирони хирадпарвари Тоҳирӣ, Саффорӣ ва Сомонӣ бузург мебошад. Аз ҳама муҳим, асрҳои нуҳуму даҳуми мелодӣ дар қаламрави сиёсию фарҳангии Сомонӣ даврони Эҳё ё Ренесанси миллӣ муаррифӣ гардидааст.

Махсусан, дар давраи салтанати Сомониён ба забон ва сиёсати миллӣ ҳамчун аносири ҳувиятию эҳёгарии миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд ва забони миллӣ, таҳким ва густариши он ба унвони асли давлатдорӣ ва мафкурасозӣ авлавият пайдо намуд. Аз тарафи дигар, амирони хирадпарвари Сомонӣ аз ҳувият ва нажоди худ сахт ҳимоят мекарданд. То ҷое ки як идда таърихнигорон Сомониёнро мансуб ба қарияи Сомон (аз ободиҳои наздики Самарқанд) донистa, эшонро дар асл, зардуштӣ ва аз умарои маҳаллии

ironӣ қаламдод кардаанд (ниг.: Оштиёнӣ, Иқбол. Таърихи Ирон пас аз ислом: авз садри ислом то инқирози Қоҷория. – Теҳрон: Нашри Номак, 1378. С.195).

Мутафаккирон ва шоироне, ки дар давраи салтанати хонадони Сомониён зиндагӣ ва эҷод кардаанд, дар фазои бози фарҳангӣ аз силоҳи муқаввои фикрӣ – забони миллӣ истифода намуда, онро ба забони илму ҳикмат табдил дода, бо ин забон ҷомеаро аз фарҳангу маънавиёти миллӣ огоҳ гардониданд. Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Фирдавсӣ ва Носири Хусрав барин абармардони майдони сухан, забон ва ҳикмат, бо андешаи баланди фалсафӣ раванди таҳаввули андешаи миллӣ ва бедории фарҳангии ҷомеаро такмил, таҳким ва густариш дода, саҳифаи тозаи Давраи Эҳёи миллиро рақам заданд. Бинои "Шоҳнома", ки аз ҳошкориҳои беназири миллию ҷаҳонист, маҳз дар асри Сомониён гузошта шуд. Вазирони донишманду донишдӯст ҳам монанди Ҷайҳонӣ, Абулфазли Балъамӣ ва Абуалии Балъамӣ дар замони Сомониён ва Эҳёи миллӣ ба сар бурда, дар ривоҷу равнақи илму маорифи миллӣ саҳми арзанда гузоштанд (ниг.: Шафақ, Ризозода. Таърихи адабиёти Ирон. –Теҳрон: Интишороти Оҳанг, 1369. С.43-44).

Давлатдорони Сомонӣ бо ба вуҷуд овардани фазою шароити мусоиди сиёсию фарҳангӣ неруҳои миллиеро рӯйи кор оварданд, ки дар бедории фикрӣ ва таҳаввули андешаи миллии ҷомеаи давр саҳми калидӣ гузоштанд. Лекин ин вазъи солими сиёсиву фарҳангӣ, ки дар партави сиёсати миллии фарҳангӣ ба вуҷуд оварда шуда буд, бо васвасаи дастгоҳи таҷассусии хилофати Бағдод тавассути Қарахониёну Ғазнавиёни бегона тағйир дода шуд ва боиси ба вуҷуд омадани таассубу хурофоти динӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию мафкуравӣ гардид. Саранҷом бар асари бетафовутию саҳлангории дастгоҳҳои давлатӣ, ҳокимони маҳаллӣ ва

руҳониёни мутаассиби минтақавӣ давлати миллии Сомониён шикаст хурд (ниг.: Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. С.388-389) ва Эҳё-Ренессанси миллӣ ба нокомӣ дучор гардид.

Дар садаи бист устод Айнӣ, академик Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода барин фарзандони фарзонаи миллат роҳи Эҳёи фарҳангу тамаддуни тоҷикиро тай намуда, дар ин масир устуворона қадам бардоштанд. Вале ҷанги ҳамватанӣ, ки ибтидои солҳои ҳаштодуми асри гузашта ба вуқуъ пайваст (солҳои 1992-1997), барномаю дурнамои сиёсию давлатӣ ва фарҳангиро, ки бар асоси Эҳёи миллӣ дар шароити нави таърихӣ тарҳрезӣ шуда буданд, нақше бар об кард. Бо ба вуҷуд омадани фурсати мусоид ва расидан ба марҳилаи ваҳдати миллӣ, дақиқан аз авохири солҳои навадуми асри гузашта тасмимоти раҳбарияти давлат ва Ҳукумати нави Тоҷикистон дар қиболи Эҳёи миллӣ ва фарҳангикунонии ҷомеа авлавият пайдо намуд. Ин буд, ки аз тариқи таҷлили солрӯзи бузургтарин чеҳраҳои илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ давлат ва ҷомеаи навини тоҷик хишти асоси Эҳё-Ренессанси миллиро дар замон ва шароити нави таърихӣ гузошт. Аз ҷумла, дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи осори гузашта солгардҳои шоирону мутафаккирони бузурги миллӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҳаким Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ ва дигарон дар сатҳи баланди сиёсӣ ва фарҳангӣ доир гардид. Баргузории Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ба унвони тадбири сиёсӣ ва фарҳангӣ (ниг.:Тамаддуни ориёӣ ва худшиносии миллӣ. //Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: «Деваштич», 2008. - С.3), ки таҷлили саросарии он дар соли 2006 иттифоқ афтода буд, тағйиру таҳаввулотеро дар самти

шинохт ва муаррифии мероси арзишманди фарҳангу тамаддуни ориёӣ дар марҳилаи давлатсозии миллӣ ба вуҷуд овард. Таҷлили Соли Бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва дар ин замина баргузор намудани ҳамоишу конфронсҳои байналмилалӣ марҳилаи навини эҳёй-ренессансиро ба вуҷуд овард. Омӯзишу таблиғи фарҳангу тамаддуни бостонии миллӣ, ки реша дар умқит таърихи тоҷик дорад, сатҳи худшиносию худогоҳии миллиро боло бурд ва раванди ҳувиятсозию давлатмадории миллиро таҳкиму тақвият бахшид.

Мутаассифона, бар асари бетафовутӣ, саҳлангорӣ, фурсатталабӣ, бегонасолорӣ ва хурофаписандӣ, ки чун амрози вогир ва хатарнок руҳу равони аксари зиёиёну фарҳангиёну мақомдорони миллиро фаро гирифтааст, раванди эҳёй-ренессансӣ дар минтақа сусту карахт шуд. Карахтӣ ва заъфу сустӣ дар ин марҳилаи ҳассоси сиёсиву мафкуравӣ, ки маъмулан, миллатҳои қавӣ бар милали заиф тасаллут пайдо менамоянд, ба манфиати кор нест. Аврупо ва дар маҷмуъ, Ғарб тавассути роҳандозии барномаҳои Эҳёй-Ренессансӣ ба рушду тараққӣ ва суботу амният даст ёфтанд. Мо ҳам имкон дорем, ки ташаббусоту ибтикороти раҳбарияти олии кишвар дар қиболи эҳёи фарҳангу тамаддуни миллӣ пайгирона ва ҳадафмандона идома диҳем ва роҳро барои сохтмони давлати миллӣ ва ҷомеаи мутамаддини минтақавӣ ҳамвор созем. Танҳо хоҳишу пофишориҳои муташаккилонаи миллӣ ва ҳамбастагии қишрҳои маданию сиёсӣ зарурат дораду халос. Ба ин маъно, ҳар кӣ иддаои зиёигарӣ ва ҳувиятшиносӣ мекунад, набояд бетараф бошад, балки бояд дар бароварда сохтани манофеи миллию давлатӣ саҳм бигирад. Ин воқеиятест, ки пешорӯйи мо қарор дорад.

Муҳимтар аз ҳама, шинохту корбасти суннатҳои ақлонии асримиёнагӣ ва таҷрибаи Эҳёи аврупоӣ имкон фароҳам

меоварад, ки ҷомеаи тоҷик бо такя ба донишҳои илмӣ ба пеш ҳаракат карда, дар баробари таҳдиду хатару чолишҳои глобалии имрӯзӣ истод шавад. Аз ҷониби дигар, муқовимату мубориза бо неруҳои фурсатталаби таҳдидсозу чолишгари имрӯзӣ, ки аз ҳар тараф мунсаҷим шуда, шикасти ҳувияту ҳайсияти моро ҳадаф қарор додаанд, тақозои замон аст. Фаъол шудан ва дар муқобили ҳар таҳдиду хатаре, ки ба нобудию шикасти миллат мунҷар мешавад, ҳадафмандона воистодан дар садри феҳристи аҳдофи миллӣ қарор дорад. Афзун бар ин, дастандаркорону масъулини ниҳодҳои марбутаи маърифатию фарҳангию мафкуравӣ, аз як тараф ва ҷомеаи маданӣ, аз тарафи дигар, дар ҳамбастагӣ метавонанд неруи бузургеро ба вуҷуд оварда, дар заминаи тақвияти руҳияи миллию ҳофизаи таърихӣ барномарезиҳои сиёсӣ-мафкуравӣ ва илмӣ-тарбиятиро роҳандозӣ намоянд. Мунтаҳо, то ба ҳадди як ҷомеаи хирадбунёд расонидани ҷомеаи тоҷик вазифаю ҳадафи асосии мост. Танҳо дар ин сурат мо метавонем аз шукӯҳи Эҳёи миллӣ дар марҳилаи нави таърихӣ таҷлил намоем ва роҳро барои шукуфоию сарсабзии давлати миллӣ ҳамвор созем. Агар дар ин масъала андаке таъхир мекунем ва саҳлангорию фориғболӣ менамоем, ҳатман бозандаем ва фардоиёну ояндагон моро нахоҳанд бахшид.

**Сайфиддин ШАРИФЗОДА**
*сармутахассиси шуъбаи*
*маорифи ноҳияи Шоҳмансури*
*шаҳри Душанбе*

## МУЛОҲИЗАҲОИ НАВ ПЕРОМУНИ КИШВАРИ БОСТОНИИ КУМЕД

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар шароите фароҳам омадааст, ки ба таҳқиқу омӯзиши саҳифаҳои нави таърихи аҳди қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик бештар диққат дода, саҳифаҳои нав ва пурифтихори онро дар асоси маъхазу сарчашмаҳои нави таърихӣ ошкор намоем. Ба донишҷӯёни фаъолу эҷодкор, магистрҳо, аспирантону докторантҳо ва умуман аҳли илму адаб манзур менамоем, ки ин кори наҷиб, шоистаи дастгирӣ ва арзи сипос шуда метавонад.

Тазаккур ба ёдоварист, ки яке аз мавзуъҳои таҳқиқталаб ва камомӯхташудаи таърихи миллатамон ин кишвари бостонии Кумед, хусусан таъсиси давлати Кумед, рушду такомули он мебошад. Ҳоло ба таҳқиқу омӯзиши ин мавзуи муҳиму рӯзмарра камари ҳиммат бастан кори савоб буда, онро шоистаи тақдир ва арзу сипос ҳисобидан қобили қабул аст. Аз ин хотир, бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих" перомуни таърихи аҳди қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик сухан ронда, масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи саҳифаҳои нави пурифтихори онро ҷиддан таъкид месозанд: «Таърих фарогири замонҳои гузашта ва имрӯза мебошад. Дар доираи ин фосилаи замонҳо одамон ба ташаккули ҷамъияти инсонӣ баҳо медиҳанд ва воқеиятро ошкор месозанд. Мо ба таърихи халқи тоҷик аз рӯйи ҳамин ҳақиқат назар андохта, саҳифаҳои

пурифтихори онро меомӯзем, бо корномаи гузаштагон шинос мешавем, анъанаҳои неки ба ёдгор гузоштаи онҳоро идома медиҳем ва ҳар яки онро гиромӣ медорем [13, 697].

Оре, ҳамин ишораҳои сабақомӯз моро ҷиддан илҳоми тоза бахшида, ба таҳқиқу омӯзиши саҳифаҳои норавшану торики таърихи миллати бостониамон роҳнамуд месозад. Халқи тоҷик таърихи хеле қадима дошта, дар тӯли асрҳо дар соҳилҳои дарёҳои Сир, Зарафшон, водиҳои Фарғона, Самарқанду Бухоро, Сариосиё, Ҳисор, Вахш, Кулоб, Бадахшон ва Раштонзамин бо қувваи табиат мубориза бурда, барои зада гардондани ҳуҷуму тохтутозҳои ғоратгаронаи аҷнабиён ва душманони берунӣ мардонавор мубориза бурдааст. Бесабаб нест, ки бостоншиносон дар бисёр маҳалҳои кишварамон олотҳои гуногун, бошишгоҳҳои одамони асри санг ва давраҳои минбаъдаро дарёфт намудаанд. Мутаассифона, дар сарчашмаҳои хаттӣ перомуни давлати Кумед санаду далелҳо ниҳоят камтар ба чашм мерасанд. Муаллифи китоби «Тоҷикон», академик Бобоҷон Ғафуров дар асоси ахбори сарчашмаҳои хаттӣ зикр мекунад, ки “Дар ҳайати давлати Мовароуннаҳр дар болооби дарёи Вахш (Сурхоб) мулки Қумод арзи вуҷуд мекард [2, 408]. Ҳамзамон, ба харитаи саҳифаи 404-и шоҳасари “Тоҷикон” (қисми якум) назар андохта, ақидаи болоро пурра тасдиқ кардан мумкин аст. Чуноне ошкор мегардад, ин ақидаи бебаҳс дар “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров бевосита дарҷ гардида, аз ҳақиқати ҳол мужда мерасонад, “...дар байни дарёи Кофарниҳон (дарёи Ромит) ва Вахш (Сурхоб) – вилояти Вашгирд (Файзобод) бо пойтахти худ шаҳри Вашгирд ва дар саргаҳи дарёҳои Кофарниҳон (дарёи Ромит) ва Вахш (Сурхоб) мулки қадимаи Кумед арзи вуҷуд доштанд...” [2, 345]

Ҳамзамон, ин ақидаро донишманди таърихи халқи тоҷик, доктори илмҳои таърих, академик Нуъмон Неъматов

дастгирӣ намуда, дар асари машҳури худ «Давлати Сомониён» тазаккур медиҳад, ки тоҷикон дар асрҳои IX-X «дар ҳавзаи дарёи Вахш (Сурхоб) як қатор давлату вилоятҳо ҷойгир шуда буданд. Дар болооби Вахшоб (дарёи Сурхоб) давлати Кумед (Қумод) таъсис гардида буд, ки ҳудуди ноҳияҳои водиҳои Қаротегину Дарвоз ва қисми шимолии вилояти Бадахшони куҳиро дарбар мегирифт" [1,64].

Сайёҳи Чин Сюан Сиан соли 645 дар ёддоштҳояш оиди ин масъала ахбори муфиде оварда бағоят ҷолиб қайд намудааст. Мувофиқи он "Вилояти Кумед дар манбаҳои хитоӣ бо номи Гуи – Ми сабт шудааст. Ин кишвар дар водии Дарвоз, Қаротегин ва Ванҷ ҷойгир будааст. Қабилаҳои кумедиҳо (кумиҷиён) дар ин ҷо зиндагӣ ва умр ба сар мебурдаанд. Бо гузашти асрҳо, топоними Қумод (Кумед) дар асрҳои IV-III то мелод аз байн рафта, ба ҷойи он топоними Жошт, Рошт, Рашт пайдо мешавад" [4, 233].

Дар "Ҳудуд –ул олам" ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ водии Қаротегин (Раштонзамин) бо номҳои Қумод, Кумед, Ғурқанд, Рошт, Жошт, Рашт, Ғарм, Қаротегин ва Раштонзамин номбар шудааст, ки ин лоиқи ифтихор мебошад.

Муҳаққиқи руси асри XIX А. Арестов дар тадқиқи худ менависад, ки вилояти Кю-ми-то (Киёмито) мулки Кумедро дар назар дорад, ки эҳтимол мулкҳои Қаротегинро дарбар мегирифт. Сайёҳи машҳури рус Грим Грижимайло низ ҳамин ақидаро дастгирӣ намуда, зикр менамояд, ки Гӯи-ми-то ба водии Қаротегин ҳаммафҳум мебошад. Дигар сайёҳи тоинқилобии рус Н. Свертсов менависад, ки "Кумед"-ин номи аслии қадимаи Қаротегин мебошад. Инчунин, олими машҳури тоинқилобии рус А. П. Федченко низ дар ёддоштҳои худ тазаккур медиҳад, ки "Кумед" номи аслии қадимаи Қаротегин аст [6. 103].

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолии мамлакатамон муаррихони ҷумҳурӣ ба таҳқиқу омӯзиши масоили мубрами таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла давлати Кумед ва мардуми он саҳифаҳои нав кушоданд. Чунончӣ муҳаққиқи намоёни тоҷик Ғолиб Ғоибов дар "Ҷуғрофияи таърихии Осиёи Марказӣ" маълумот медиҳад, ки бо далелҳои овардаи Сюан Сиан вилояти Кумед бо Хуталон ҳамсарҳад буда, аз вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон то ҳудуди ноҳияи Шуғнонро дарбар мегирифт [3. 221]. Ҳамзамон, як гурӯҳ олимони нимаи асри X1X ҳудуди байни Хатлон ва Шуғнонро (водии Рашт, Дарвоз ва Ванҷ)-ро Кумед номида, ин ақидаро асосан дастгирӣ намуданд, ки он боиси таваҷҷуҳ мебошад.

Муҳаққиқи намоёни тоҷик Ғолиб Ғоибов дар китоби "Таърихи Ҳисори Шодмон, Ҷағониён ва Душанбе", низ менависад, ки "Кумиҷиён – қавме буданд ки мувофиқи маълумоти "Ҳудуд – ул – олам" дар қисми шимолу шарқии вилоятҳои Хуталон дар Вашгирду Рашт то Олой мезистанд. Ин мардумон диловару ҷанговар, шуҷоу далер ва инсондӯст буданд" [3.125].

Дар воқеъ, сарчашмашиноси машҳури тоҷик Ғолиб Ғоибов дар асари дигараш "Юриши аввали арабҳо дар Осиёи Миёна" (Душанбе -1986) ба ин масъала эътибори ҷиддӣ дода, менависад, ки "дар навиштаҷоти солноманависи хитоӣ Сюан Сиан омадааст, ки дар шимолу шарқи мулки Кедоло (Хутал) мулки Сайю-Ми-То (Кумед) воқеъ гардидааст. Сарҳади Кумед аз ҷануб ба мулки Шинсина (Шуғнон) ва аз ҷануби ғарб то дарёи Фоҷу (дарёи Сиёҳ) рафта мерасад. Хуллас, дар манбаҳои Хитоӣ номи Кумед бо номи Гуй –Ми-То сабт мегардад, ки ин вилоят тақрибан ҳудуди ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ва мулки Раштро дар бармегирифт" [5, 123]. Ба ҳамин тариқ, аён мегардад, ки ба қавли муаррихи маъруф Ғолиб Ғоибов,

мулкҳои шимолу шарқии Хуталон, ноҳияи Файзобод (Вашгирд), Раштонзамин, Дарвозу Ванҷ ба мулки Кумед (Қумод) дохил шуда, ёдгории Қалъаи таърихӣ ва бостонии Каррон ба харобаҳои таърихии он мансуб мебошанд.

Аз ахбори хитоӣ бармеояд, ки соли 719 ҳокими Кумед аз қабилаи туркҳо (Янто) бо номи Налоян маълум будааст. Ӯ дар мактуби худ ба номи императори Хитой навишта, арз кардааст, ки арабҳо мулки вайро ғорат карда, ба аҳолӣ ҷаримаи зиёде бастанд. Дар мабаҳои арабии соли 719 бошад, мутаассифона, дар бораи забткорӣ ва ба даст даровардани мулки Кумед ягон маълумот ва нишондоде нест.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо, хусусан ахбори маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ, қабилаҳои кӯчманчии сакоӣ худро куми, кумиҷиён меномиданд, ки дар сарзамини Қаротегину Дарвоз ва Ванҷ зиндагӣ мекарданд. Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ омадааст, ки қабилаҳои кӯчманчӣ, ки асосан ба чорводорӣ машғул буданд, онҳо чорвои худро дар фасли тирамоҳу зимистон зери барфу борон нигоҳ медоштанд. Аксари онҳо аз таъсири ҳавои хунук нобуд мешуданд ва дар забони қирғизӣ, "Қуй" маънои гӯсфанд ва "Мот", маънои нобуд шуданро дорад, ки дар саргаҳи дарёи Сурхоб бо номҳои Куймот, Қумой, Қумӣ, Қуй, Қой ва ба ҳамин монанд деҳаҳо мавҷуд буданд, ки онҳо ба номи Кумед хеле наздиканд.

Таърихнигори тоҷик Нуъмон Қосимов тибқи ахбори "Ҳудуд-ул-олам" зикр менамояд, ки Кумед, Камад, Камид, Кимод, Қимид, Кумез мулки қадимаи Тахористон ба ҳисоб рафта, дар ҷанубу шарқ бо Хуталон ва дар ҷануб бо Шуғнон ҳамсарҳад буд. Ба қавли Птолемей, дар асри 1 мелодӣ роҳҳои Бохтару Суғд дар Кумед бо ҳам пайваст шуда, то Чин тӯл мекашиданд. Ин далел аз он шаҳодат медиҳанд, ки роҳи "Абрешим" аз мулки Кумед (Рашт) гузашта, то Олой ва ба Чин рафта мерасид. Дар аҳди қадим, қаламрави Кумед аз

Сурхондарё то Олой тул кашида, ҳудуди он бо мурури замон тағйир меёфт. Ба тариқе ишора ёфт, ки дар аввали асрҳои миёна Кумед ба давлатҳои хурд –хурд тақсим шуда, пароканда мегардад. Масалан, Э. Шавана ва А. Н. Бернштам ба Қаротегин ва Олой, В. В. Бартольд ба Дарвозу Қаротегин, шимоли Бадахшон ва мавзеи болооби Кофарниҳон (дарёи Ромит) то ба вилояти Сурхондарё, А. Н. Зелинский ба Помири шимолӣ ва водии Вахон, Г. Юля бошад, ба Рашту Дарвозу Ванҷ ва Рӯшон нисбат медиҳанд. Аз ин хотир, муаррихи тоҷик Н. Қосимов ба ахбори "Ҳудуд-ул-олам" такя намуда, перомуни ҳудуди давлати Кумед мухтасаран андеша меронад: он дар қадим ҳудуди аз Термиз (вилояти Сурхондарё) то Олой тӯл кашида, қаламрави он бо мурури замон тағйир меёфт. Дар аввали солшумории мелодӣ, Кумед қаламрави Рашту Дарвозу Ванҷро дарбар мегирифт. Бесабаб нест, ки олимону бостоншиносон ва фарҳангшиносону таърихнигорон, Рашт ва Ғармро ҳамаънои якдигар меҳисобанд.

Дар аввали асри Х1Х олимон, ҷуғрофишиносон ва фарҳангшиносони рус топоними «Рашт»-ро аз арабӣ ба форсӣ баргардониданд, ки маънои «кӯҳдоман, талу теппа, ғарами санг, сангҳои азим, харсанг, ва кӯҳпора»-ро ифода менамояд. Дар луғати забони паҳлавӣ ҳам, «Ғарм» ба маънои доманакӯҳ, ғарами санг, шаххҳои азимҷусса, талу теппа, кӯҳпора ва ғайра зикр ёфтааст, ки аз ҳамон маънои калимаи арабии «Рашт» гирифта шудааст ва ин истилоҳ дар муддати беш аз 960 сол бо номи «Ғарм» дар харитаи ҷаҳон шинохта шудааст.

Сарчашмаҳои хаттии чинӣ ва юнонии асри XI то мелод ишораҳое доранд, ки зиндагии инсон дар ин сарзамин хеле барвақт оғоз ёфтааст. Сокинонаш аз қабилаҳои сакоӣ ва тахориҳо буда, бо забони мардуми шарқии эронӣ гуфтугӯ

мекарданд. Номҳои Ғарм, Вардуч, Хуфак, Шингилич, Нушор, Ялдимич, Нимич, Муҷихарф, Машконак, Ҷафр, Ҷорф, Вушхарв, Ушхарв, Курговат, Качамандӣ, Самсолиқ иборaҳои ҳамон забон маҳсуб меёбанд.

Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» менависад, ки «Ҷанговарон ҳанӯз дар асри IV то мелод аз шамшерҳои оҳанини дарозиашон 1,2 метр, ханҷарҳо (бо забони ҳамонвақта картаҳо), табарҳои яктеға ва дутеғаи ҷангӣ (сагарис) истифода мебурданд. Ин қабил табарҳои ҷангӣ дар ҳафриёти гӯрхонаҳои қадимаи Помир ёфт шуданд» [1, 122].

Бостоншиносон ба ҳамин монанд табарҳо ва найзаву шамшерҳои ҷангии асри IV то милодро соли 1988 аз қабристон мавзеъҳои ноҳияи Лахш ( собиқ ноҳияи Ҷиргатол) ҳамроҳи ҷасади ҷанговар ёфтанд. Дар қабр дигар ашёву анҷомҳои рӯзғори одамони ибтидоӣ низ мавҷуд буданд. Хуллас, олимону кишваршиносон ва муаррихон дар он ақидае мебошанд, ки ёдгориҳои таърихии аз ин сарзамин бадастомада ба асри санг тааллуқ дошта, таърихи беш аз 4 ҳазорсола ва аз он ҳам зиёдтарро доро мебошанд.

Таърихнависи машҳури Юнони Қадим Ктесей дар бораи сернуфуз будани давлати Кумед ва ганҷинаҳои фаровони ин сарзамин ахбори муфидеро пешниҳод намудааст. Зикр бояд намуд, ки ахбори сарчашмаҳои хаттӣ перомуни қавми кумиҷиён низ бағоят муфид буда, аз хислат ва рафтори беҳтарини инсонии онҳо шаҳодат медиҳанд. Бесабаб нест, ки дар "Ҳудуд-ул-олам" хислатҳои меҳнатдӯстӣ, ҷасурӣ ва далерии онҳо сабт гардидааст.

Соли 1979 бо ташаббуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии олими шинохта, академик Юсуфшоҳ Ёқубов экспедитсияи илмии тадқиқотӣ – омӯзишӣ ташкил карда шуд ва таи чанд соли охир дар ин сарзамин (дар қаламрави ноҳияи Тоҷикободу Лахш) ба омӯзиши таърихи

давлати Кумед машғул шуда, ба дастовардҳои басанда ноил гардид. Чунончӣ, соли 2013 дар наздикии деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз бостоншинос Юсуфшоҳ Ёқубов шаҳри қадимаеро дарёфт намуд, ки харобаҳои қадимаи он ба давлати Кумед тааллуқ доранд. Пажуҳиш нишон медиҳад, ки харобаҳои ин шаҳр тақрибан 32 гектарро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофии олимони Юнон, кӯҳистони шарқии Бухороро вилояти Кумед ташкил медод. Хатти сарҳади Кумед дар ғарбу шимол кӯҳҳои Суғд (ҳозира қаторкӯҳҳои Ҳисор, Зарафшон), дар шарқ саргаҳи Вахшрӯд (саргаҳи дарёи Сурхоб), дар ҷануб кӯҳҳои Вахш ва соҳили рости дарёи Ҷайҳун (Панҷ), яъне, Дарвозу Бадахшонро дарбар мегирифт. Ба вилояти Кумед ноҳияҳои ҳозираи Сариосёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шаҳри Турсунзода, ноҳияи Шаҳринав, шаҳрҳои Ҳисору Душанбе, Ваҳдат, ноҳияҳои Варзоб, Рӯдакӣ, Файзобод, шаҳри Роғун, ноҳияҳои водии Рашт, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Вахон Ишкошим, Мурғоб ва мавзеи Олойи Ҷумҳурии Қирғизистон дохил мешуданд. Аҳолии Кумед дар асрҳои 111 то мелод ва 1У мелодӣ сакоиҳо буданд, ки онҳо ба чорводорӣ ва зироаткорӣ шуғл меварзиданд.

Аз рӯи маълумоти солноманигорон ва ахбори сарчашмаҳои дигар вилояти Кумед мутаассифона дар аввали асрҳои миёна ба подшоҳиҳои хурд – хурд тақсим мешавад. Дар асрҳои VII –VIII Кумеди қадим вилоятҳои Сурхандарёи Ӯзбекистон, ноҳияҳои Аҳорун, Турсунзода, Шаҳринав, Шумон-Ҳисор, Вашгирд- Файзобод ва Роштонзамин (водии Сурхоб) – ро дарбар мегирифт".

Дар яке аз сарчашмаҳои муътабари таърихии асри X "Ҳудуд -ул- олам" перомуни рӯдҳои ин мавзеъ ахбори муфид мавҷуд аст, ки мувофиқи он "Рӯдест Кумеҷиён (Кофарниҳон), ки аз кӯҳҳои Бутамон (номи вилояти асримиёнагии саргаҳи

соҳили чапи рӯди Зарафшон) сар гирад ва аз миёнаи вилояти Қубодиён даргузарад ва ба Ҷайҳун дарафтад" [1. 113]. Хуласи калом, аз мулки кумиҷиён рудҳои Варзобу Кофарниҳон аз қаторкуҳҳои Ҳисору Зарафшон сарчашма мегиранд. Дарёи пуртуғёни Сурхоб (Вахш) бошад, аз қаторкуҳҳои Олой, қуллаҳои баланди қаторкӯҳҳои Бадахшон, Пётри 1 ва Қаротегин аз пиряхҳои Питовкул ва Тандикӯл сарчашма гирифта, аз миёни мулки Рашт ва Қубодиён гузашта, ба дарёи Ҷайҳун (Амударё) мерезад.

Мувофиқи ахбороти Ибни Руст, рӯдҳои Кум, Ниҳон ва Ховар аз кӯҳҳои Бутамон сарчашма мегиранд. Ба ақидаи шарқшиноси рус В. В. Бартолд, рӯди Кум ба рӯди имрӯзаи Қаратоғ, Ниҳон ба Тӯпаланг ва Ховар ба Сангарак дуруст меоянд.

Шарқшиноси маъруфи рус В. В. Бартолд дар "Тоҷикон" ном асараш ишора менамояд, ки яке аз шохобҳои калони дарёи Сурхоб, ки аз қаторкӯҳи Олой сарчашма мегирад, Кум (Кумсу) ном дорад. Ҳамзамон дар Энсиклопедияи Советии тоҷик омадааст, ки (Кумед) эҳтимол аз номи шохоби дарёи Сурхоб "Кум" гирифта шудааст.

Кумиҷиён бо мақсади ҳифзи марзҳои худ бо аҷнабиёну истилогарон ҳамеша мубориза мебурданд. Онҳо дар давраи муборизаи Ғазнавиёну Қарохониён марзу ҳудудҳои худро мардонавор пуштибонӣ мекарданд. Онҳо бо мақсади мустаҳкам ва устувор гардонидани марзҳои худ дар болои деворҳои баланд дидбонҳо ташкил мекарданд.

Воқеан, ҳаёти маданӣ ва санъати Кумед, Қумод рушд ва такомул ёфта будааст, ки дар ин хусус сарчашмаҳои хаттӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд. Бесабаб нест, ки академик Бобоҷон Ғафуров дар "Тоҷикон" иттилоъ медиҳад, ки "дар мулки Хуталон ва Қумод раққосаҳои фаттоне буданд, ки аҷнабиён (бегоназаминҳо, истилогарон) рақси онҳоро

гирдбоди гашти духтар меномиданд. Раққосаҳо пироҳани ҳарири шерозаҳояш зардӯзии гулобӣ, шолварҳои беқасаби нилранг ва кафшҳои қирмизии кемӯхтӣ доштанд, ки ба қомати расову дилрабои онҳо чунон қоиму шинам меафтод, ки бинанда аз ҳусни онҳо дар ҳайрат мемонд" [2, 327]. Ба таҳқиқи Б. Ғафуров номи даҳҳо асбобҳои мусиқӣ он замон то ба замони мо омада расидаанд... Бисёр навою оҳангу мақомҳои гушнавоз эҷод гардидаанд. Баъзеи онҳоро дастаи навозандагону ҳофизон иҷро мекарданд. Ба таъбири Б. Ғафуров дар асри VII театри лухтак маҳз аз Осиёи Миёна ба Чин гузаштааст. Инчунин академик Н. Неъматов маълумот медиҳад, ки дар асрҳои IX-X санъати мусиқӣ, рақс, сурудхонӣ ба дараҷае рушд намуд, ки дар асоси омӯзишу таҳқиқи онҳо Абунасри Форобӣ асари калонҳаҷми "Китоб – ул- мусиқӣ ал-кабир"- ро (иборат аз се китоб) таълиф намудааст [2. 81]. Бесабаб нест, ки аз пешрафт ва рушди санъати мусиқии он давра санаду далелҳои воқеӣ шаҳодат медиҳанд. Маҳз дар ин давра жанрҳои мусиқии тантанавӣ, идона, маишӣ, ҷангӣ, мотамӣ истифода мешуданд. Созҳои торӣ – танбӯр, рубоб, чанг, барбат (панҷтор), най, сурнай, шайпур, карнай, доира (зарбӣ), табл, уд чағона, сатур ва ғайра ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Зимнан ахбори манбаъҳои таърихи нишон медиҳанд, ки бостоншиносон соли 1946 намудҳои гуногуни ёдгориҳои таърихии аҳди қадим ва асрҳои миёна аз ҷумла ҳайкалчаи тиллоии Анохитро аз наздикии деҳаи Ҳисораки ҷомеаи деҳоти Ҳоит ёфтанд, ки ба асрҳои II-I то мелод, яъне ба замони давлатдории кумиҷиён рост меоянд. Ин ёдгории нодир ва пурқимати таърихӣ дар осорхонаи шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия маҳфуз аст. Инчунин, ба ҳамин монанд дар деҳаи Оқсойи ноҳияи Лахш гӯрхонаҳое ёфт шуданд, ки ба асрҳои IV –III то мелодӣ рост меоянд. Ба ақидаи бостоншиносон зару заварҳои

аз ин гурхонаҳо ёфтшуда ба давраи сакоиҳо, кумиҷиён тааллуқ доранд. Дар қабристонҳои ноҳияи Лахш шамшери дудама, табар, сипар, гӯшвораҳои нуқрагӣ, тангаҳо ва зарфҳои гуногун низ ёфт шуданд, ки онҳо дар осорхонаи миллии ҷумҳуриявӣ, дар шаҳри Душанбе нигоҳдорӣ мешаванд.

Шарқшиноси рус В. В. Григорев дар китобаш «Таърихи халқҳои Шарқ» иттилоъ медиҳад, ки «сакоиҳо дар доманаи кӯҳҳои Қаротегин ва Олой зиндагӣ ва сукунат доштанд. Дар вақти юриши Искандари Зулқарнайн ва ҳатто зиёда аз дусад сол пеш аз он Сайҳо ва Сакоиҳо дар ин водӣ умр ба сар мебурданд…» [6, 143]. Сокинони ин манзилгоҳҳо зарфҳо ва асбобу анҷоми рӯзғорашонро дар коргоҳи кулолӣ тайёр мекарданд. Кулолгарӣ дар ҳаёти одамон мавқеи муҳим дошт. Онҳо аз лойи кулол хишт, тандурҳои хурду калон ва зарфҳои гуногуни рӯзғорро месохтанд, ки он аз пешрафти тарзи ҳаёт ва зиндагии қарнҳои дури сокинони ин мулки қадим гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамзамон, аз вайронаҳои Қалъаи Рашт, Қалъаи Сурх, Қалъаи Лаби Об, Қалъаи Ҳоит, Қалъаи Ҳисорак, Қалъаи Имлок (дар соҳили чапи резишгоҳи дарёи Хингоб), Қалъаи Дарбанд дар деҳаи Сари Ҷар (дар душохаи шоҳроҳи Рашту Дарвоз) сӯзанҳои аз устухон сохташуда, гӯшвораҳо, мӯҳр, тангаҳои нуқрагӣ, мисӣ, табарҳои биринҷӣ, найза ва дигар асбобу анҷоми рӯзғор дарёфт шудаанд, ки онҳо ба асрҳои 1У-111 то мелод мутааллиқ буданд.

Бостоншиносони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тӯли солҳои гуногун дар наздикии шаҳраки Ҳоит ва деҳаҳои Ҳисорак, Ясманд, Нӯшор истиқоматгоҳҳои одамони ҷомеаи ибтидоӣ ва 60 адад олоту асбобҳои одамони ибтидоиро дарёфт намуданд. Ба ақидаи бостоншиносон олотҳои дарёфтшуда, таърихи беш аз чорҳазорсола доранд, ки ба асрҳои 1У -111 то мелод ба давраи кумиҷиён рост меоянд.

Ин санадҳои таърихӣ собит менамоянд, ки чандин ҳазор сол

муқаддам одамони ҷомеаи ибтидоӣ дар ин сарзамин умр ба сар мебурданд.

Соли 1957 дар байни деҳаҳои Шавриқиём ва Мулло Кенҷаи ноҳияи Тоҷикобод ҳангоми шудгор кардани заминҳо якчанд адад қабрҳои одамони қадимро пайдо намуданд, ки дар дохили онҳо устухонҳо, шамшер, сипар, найза, табар, бозубанд ва дигар ашёҳо ёфт шуданд. Бостоншиносон муайян мекунанд, ки ин ашёҳо таърихи беш аз дуҳазору ҳафтсадсола доранд. Дар воқеъ, минбаъд дар ин мавзеъ бо мақсади дарёфти асбобу анҷомҳо ва ашёҳои рӯзгори одамони қадим кофтуковҳои бостоншиносӣ ба мақсад мувофиқ аст. Имрӯз ин мавзеъ бо номи «Дашти Сақоӣ» маълум аст.

Дар соли 1965 ҳангоми ҳамвор кардани заминҳои қисмати чапи шаҳраки Ғарм бинои вайронае ёфт шуд, ки ду тарафи меҳроби он бо рангҳои сурх, сафед ва кабуд, бо санъати баланд гулкорӣ карда шуда буданд. Дар маркази шаҳраки Ғарм (дар ҷойи қалъаи собиқ беки Қаротегин, ҳоло бинои Шуъбаи Хадамоти давлатии оташнишонии гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Рашт), дар Қалъаи Лаби Об, Қалъаи Сурх, Дарбанд, Сангвор, Қалъаи шаҳраки Оби Гарм, Дарвоз, Ҳоит, Нушори Боло ёдгориҳои зиёди таърихӣ ёфт шуданд, ки онҳоро бостоншиносон таҳқиқ ва баррасӣ намуда, саҳифаҳои торик ва хираи таърихи ин сарзаминро ҳамаҷониба амиқ ва бозгуӣ намуданд.

Собиқ буллдозерчии муассисаи роҳсозии №10-и ноҳияи Рашт (собиқ ноҳияи Ғарм) Саъдон Ҳакимов (ёдаш ба хайр) нақл мекард, ки "...соли 1969 ҳангоми кушодани роҳи байни совхози 40 солагии Тоҷикистон ва деҳаи Даҳана дар наздикии деҳаи Болошаҳр (байни шаҳраки Нովобод ва деҳаи Самсолиқ) аз шафат чуқурии теппа сағонаи сафолини дар оташ тафсондашудаи рангаш сурх дастрас гардид, ки аз панҷ қисм: сапали пой, соқ, ронҳои пой, миён ва сари майит иборат буда,

ҳар як қисми он яклухт бо якдигар пайваст карда шуда буд. Ҳангоми буридани қабати хок нӯги бели булдозер онро шикаст, ки мо онро ҷамъоварӣ карда, ба мавзеи дигар гӯрондем, агар лозим шавад, ҷояшро нишон дода метавонам...”.

Тазаккури он мусаллам аст, ки ҳанӯз аз давраҳои қадим муносибатҳои бозоргонӣ дар ин сарзамин рушду нумуъ карда, хусусан савдогарон аз кишварҳои дуру наздик барои тиҷорат меомаданд. Онҳо ба водии Рашту Дарвоз (Кумед) пахта, либос, пойафзол, чой, корд, зару зевар ва зарфҳои гуногун меоварданд ва аз ин кишвар зини асп, урама, эзангу, кӯза, косаҳои сафолин, мева, меваи хушк, равғани зағир, асал, пӯсти рӯбоҳ, хирс, пашм, табақҳои лоину чӯбин, чархаи ресандагӣ ва дигар маҳсулоти кишоварзиро мебурданд. Зимнан таъкид кардан ҷоиз аст, ки ташаккул ва тараққии муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии аҳди қадим ва асрҳои миёнаи тоҷикон, хусусан кумиҷиёнро баррасӣ ва таҳқиқ кардан кори ниҳоят муфид ва саривақтӣ буда, ба аҳамияти илмию амалӣ молик аст.

Дар яке аз суҳбатҳо академик Юсуфшоҳ Ёқубов гуфтанд, ки “...Ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносӣ дар соҳили рости дарёи Ёқсу (шохоби дарёи Сурхоб) дар деҳаи Чоргулаки ноҳияи Лахш табарчаи биринҷӣ ёфт шуд, ки таърихи беш аз чорҳазорсола дорад. Аз ин хотир, имрӯз кофтуковҳои бостониро дар ин мавзеъ идома додан ба мақсад мувофиқ аст. Хосатан қалъаҳо, қабрҳо ва манзилгоҳҳои одамони қадим асбобу анҷомҳои зиёдеро дарёфт кардан мумкин аст, ки таърихи чандинасра доранд. Дар деворҳои ростфаромадаи ғорҳо ва аксҳои рӯи тахтасангҳо одамон дар даст найза ва милтиқ (камон) тасвир шудаанд. Инчунин акси сагҳои шикорӣ низ тасвир ёфтаанд”.

Сокини деҳаи Фатҳободи ноҳияи Тоҷикобод Абоил Аҳмадов дар яке аз суҳбатҳо ёдовар шуд, ки “соли 1980 дар вазифаи директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и деҳаи Фатҳободи ноҳияи Тоҷикобод кору фаъолият менамудам. Кишваршиноси шинохта Ёқубов Юсуфшоҳ ба мактабамон меҳмон шуда омад. Мо омӯзгорон устодро хуб пазирой намудем. Аз беаҳамиятӣ ва беандешагӣ мӯҳри шоҳони қадимаи ин диёрро, ки аз метали қиматбаҳо сохта шуда буду вазни хосаи зиёде дошт, аз осорхонаи муассисаи таълимӣ гирифта, ба ӯ супоридем. Ин мӯҳри қимматнокро ба осорхонаи шаҳри Санкт Петербург (шаҳри Ленинград) супоридаанд...”. Ин ақидаи Абоил Аҳмадовро муовини ӯ Мирзовалӣ Мирзоҳодиев низ тасдиқ намуд.

Дар деҳаи Нушори Поёни ноҳияи Тоҷикобод тангаҳои нуқрагине, ёфт шуданд, ки аз назари муҳаққиқон ба асрҳои 1У-111 то мелод мансуб мебошанд. Ин тангаҳо дар муассисаи таълимии ҳамин деҳа нигоҳдорӣ карда шуданд. Дар рӯи тангаҳо бо забони юнонӣ (Шоҳ Селевк) навишта шудааст. Аз саҳифаҳои китоби «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров ба мо маълум аст, ки Шоҳ Селевк яке аз машҳуртарин сарлашкари Искандари Мақдунӣ ва поягузори салтанати селевкиҳо мебошад.

Соли 1964 бозёфтҳои хеле пурқимат, аз ҷумла шамшери нуқрагин, сипор, гушворҳои тиллоии занона, тангаҳои нуқрагин аз қисмати шарқии шаҳраки Ғарм ёфт шуданд, ки ба асри 1-и то мелод тааллуқ доранд ва дар рӯи онҳо «Обол Герай» (Шоҳ Селевк) навишта шудааст. Инчунин, соли 1964 дар деҳаи Ҳисораки Шурои деҳоти Ҳоит ҳайкалчаи тиллое ёфт шуд, ки ба асрҳои II-I то мелод мансубият дорад. Биноан, соли 1950 дар деҳаи Қалъаи Сурх ҳангоми тахту ҳамвор намудани заминҳо аз чуқурии 3 метр бинои масҷиди кӯҳнаи хеле боҳашамат ёфт шуд, ки аз дохили меҳроби масҷид шамшер, сипар, дастбандҳо, тиркаши нуқрагӣ, узангуи асп ва

як қатор ашёву анҷомҳо ёфта шуданд, ки ба асрҳои IV-III то мелод тааллуқ доранд. Ин бозёфтҳои таърихӣ ҳоло дар Осорхонаи миллии ҷумҳуриявӣ, дар шаҳри Душанбе нигоҳ дошта мешаванд.

Дар ишораҳои сайёҳи Чин Сюан Сиан маълум мегардад, ки сокинони ин кишвар бо обёрӣ, кофтани каналҳо, зироаткорӣ, парвариши асп, шутур, бузу гӯсфанд, чорвои калони шохдор, кулолгарӣ ва бинокорӣ машғул буданд. Аз гил кӯза, хурмача, коса ва ҳар гуна зарфҳои дигар сохта, онҳоро дар оташ обутоб медоданд. Аз гилу рег сохтани танӯрро ҳам ёд гирифта буданд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар он замон соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ, хусусан хусусан газворбофӣ рушд карда буд, одамон либосҳои мухталиф омода мекарданд. Ҳамзамон нахи зағир бадошт буда, одамон аз он газвор мебофтанд. Аз пашми гӯсфанд ва шутур юртаҳо мебофтанд ва дар онҳо тамоми фасли сол зиндагӣ мекарданд. Инчунин, либосҳои мардум аз пӯсти ҳайвонҳо, пашм ва пӯсти дарахтон дӯхта мешуданд.

Чӯпонҳо тобистон бо рамаашон ба чарогоҳҳои баландкӯҳ мерафтанд, онҳо дар каппаҳо ва ё ғорҳо зиндагӣ мекарданд. Чунин бозёфтҳо аз ҳаёту зиндагии чӯпонони асри биринҷ шаҳодат медиҳанд.

Каналҳо бо меҳнати пурмашаққати ғуломон дар зарфи се - чор сол кофта мешуданд. Тахминан шаш ҳазор сол муқаддам одамон ба истифода ва гудохтани мис оғоз намуда буданд. Олотҳои аз мис сохташуда тез кунд мешуданд. Дар ҳазорсолаи IV-III то мелод одамон омехтаи фулузот, биринҷро низ истифода мекарданд. Биринҷ барои сохтани яроқҳои гуногун ва дигар олотҳои меҳнат маҳсулоти хубе буд. Тахминан дар ҳазорсолаи II ва аввалҳои ҳазорсолаи I то мелод истифодаи оҳан ҳам оғоз ёфт, ки сокинони ин кишвар аз он васеъ истифода мебурданд.

Бостоншиносон дар тӯли солҳои гуногун қалъа, кӯшкҳо, мазорҳо ва мақбараҳои одамони қадимро дар соҳили дарёҳои Қизилсу (Сурхоб) ва Оқсу (Сафедоб) ва дараҳои танги ин сарзамин кофта ёфтанд. Дар дохили қабрҳо яроқу аслиҳа, ашёву анҷомҳои рӯзгор, табари биринҷӣ ва милтиқу (камонғулак) найзаҳои шикорӣ ҳамроҳи мурдаҳо гӯронида шуда буданд. Дар қабрҳои занҳо бошад, зару зеварҳои зиёдеро мегузоштанд.

Ёдрас кардани лозим аст, ки олимон ва тадқиқотчиёни барҷастаи рус С. М. Мушканов, А. Северцев, Федченко, Семён-Тянь-Шанский, Н. П. Прижевалский ва чанде дигарон якумин шуда, боигариҳои водии Раштро кашф намуданд ва таърихи халқи тоҷик ва қирғизро бо забони русӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд.

Дар қаламрави ноҳияи Лахш ҳанӯз аз даврони шуравӣ то имрӯз панҷ канал: "Пиёзӣ" бо дарозии 16 километр, "Ҷиёнқирғиз" бо дарозии 13 километр, "Чилонбӣ" бо дарозии 10 километр, "Сарталло" бо дарозии 10 километр ва "Ғулама" бо дарозии 36 километр аз ҷониби мутахассисон ва сокинони ноҳия кофта ба истифода дода шуданд, ки ҳангоми кофтани ин каналҳо даҳҳо кӯзаву хурмаҳо, асбобу анҷомҳои рӯзғори одамони қадим ва олотҳои меҳнат ёфт шуданд, ки аксари онҳо дар осорхонаҳои муассисаҳои таълимӣ ва дар манзилҳои сокинони ноҳия нигоҳдорӣ карда мешуданд. Минбаъд ҷамъоварии комплексии ин бозёфтҳо рӯзмара буда, ташкил намудани осорхонаи таърихӣ-этнографӣ дар маркази ноҳияи Рашт (шаҳраки Ғарм) ба мақсад мувофиқ аст.

Зикри он муфид аст, ки мутаассифона, аз ҳаёт ва зиндагии одамони аҳди қадими мулки Рашт то имрӯз маълумоти ниҳоят кам боқӣ мондаанд. Сабаб дар он аст, ки дар натиҷаи заминларзаҳои солҳои 1911, 1941, 1949 ва солҳои минбаъда, ки қувваи аз 7 то 9 балл доштанд, аксари кӯшкҳо, қалъаҳо,

манораҳо, мадрасаву масҷидҳо, биною иншоотҳои маъмурию фарҳангӣ ва мазорҳо вайрон шуда, ба хоктӯда табдил ёфтанд. Вале бо вуҷуди он дарёфт ва аз нав барқарор намудани бинову иншоотҳо ва ёдгориҳои таърихии аҳди қадими ин сарзамин кори пурсавоб буда, ҳамагон дар ин ҷода бояд саҳми арзандаи хешро гузоранд, зеро ин омили муҳим дар омӯхтани таърихи кишвар ва тарбияи меҳандӯстии наслҳои оянда нақши арзанда гузошта метавонад.

Адабиёти истифодашуда:


1.Бартолд В. В. Тоҷикон //Садои Шарқ – 1990, №1. С. 92-103.
2.Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон:Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.- Кит. якум - Душанбе: Ирфон - 1983. - 569 с.
3.Ғоибов Ғ. Таърихи Ҳисори Шодмон,Чағониён ва Душанбе. - Душанбе: Амри илм, 1999. - 225 с.
4.Ғоибов Ғ. Ҷуғрофияи таърихи Осиёи Марказӣ – Душанбе, 2017. -64 с.
5. Ғоибов Ғ. Ранние походы арабов в среднюю Азию. - Душанбе: Дониш, 1989. – 144 с.
6. Григорев В. В. Таърихи халқҳои Шарқ.- Ленинград, 1927. - 256 с.
7. Ёқубов Ю. Кумед // Газетаи муаллимон. -1983. 12 апрел.
8.Муҳиддинов Э. Қисмате аз таърихи Рашти куҳан (Очерки таърихӣ). -Душанбе, 1991 - 143 с.
9.Неъматов Н. Давлати Сомониён: Тоҷикон дар асрҳои 1Х-Х. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 304 с.
10.Наботӣ Н. ва Олимов М. Раштонзамин. – Душанбе, 2008. - 377 с.
11.Пянков И. В. Кум, Кумед. -М., 1963. -131 с.
12. Ҳудуд – ул – олам //Таҳиягари матн Н. Қосимов. – Душанбе: Дониш, 1983. -132 с.

13. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. -Душанбе: Ирфон, 2016. - 697 с.
14.Энсиклопедияи Советии Тоҷик. -Ҷ.3. - Душанбе, 1983. С. 540.

# АХЛОҚИ МИЛЛӢ ВА НИҲОДИНАСОЗИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҶТИМОӢ

**Маҳмадалӣ МУЗАФФАРӢ**
*доктори илмҳои фалсафӣ,*
*профессор, узви вобастаи АМИТ,*
*директори Маркази антропологияи АМИТ*

## ҶОЙГОҲИ АХЛОҚ ВА ХАРАКТЕРИ МИЛЛӢ ДАР ТАЪЙИНИ САРНАВИШТИ МИЛЛАТ

Фарҳанг падидаи басо мураккаби иҷтимоист. Фарҳангро фарҳангшиносон ба ду самти нисбатан мустақил ҷудо намудаанд, ки якеро фарҳанги маънавӣ, дигареро фарҳанги моддӣ ном мебаранд.

Дар таърихи рушди тамаддун ин ду самт бо якдигар ҳамеша алоқаманд будаанд. Ин алоқамандӣ боиси ташаккулёбии ҷузъиёти фарҳангии гуногунсамт гардидааст. Яке аз ҷузъиёти таркибии фарҳанги маънавӣ ахлоқ ва шуури ахлоқӣ ба шумор меравад. Ахлоқ ҳамчун самти илмӣ ва таҳқурсии шуури ахлоқӣ дар ҷамъият яке аз ҳафт шакли шуури ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Таърихи ташаккулёбии шуури ахлоқӣ ва андешаҳо дар бораи ахлоқ аз таърихи пайдоиши инсоният сарчашма мегиранд.

Бо ифтихор ва қаноатмандӣ гуфтан мумкин, ки аз андешаҳои ахлоқӣ, равонию хирадӣ ва аз муқаддасоти маънавии халқи тоҷик башарият хеле зиёд истифода бурдааст ва ҳанӯз ҳам истифода мебарад. Бояд дар назар дошт, ки сарчашмаи назарияи ахлоқ кайҳо боз дар китоби тоҷикон – Авесто ҳамчун шиори нахустамали шахс сабт гардидааст.

Чунин сарчашмаи назариявии ахлоқ "Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек" мебошад.

Ба ахлоқ аз нуқтаи назари сифатҳои инсон, моҳияти вай ва аз ҷониби инсон офаридани тасвири олам баҳо медиҳанд. Бояд дар назар дошт, ки миёни мутафаккирони ба омӯзиши ахлоқ сарукордошта, то ҳол риштаи натоиҷи раднашавандаеро аз зарурати мавҷуд будани ахлоқ то кирдори аз вай беруномада, дуруст муайян накардаанд. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки худи ахлоқ чист ва вай чӣ гуна падида аст?

Маънои луғавии мафҳуми "ахлоқ" шакли ҷамъи офаридашуда, халқ гардидааст. Дар чунин маъно ахлоқ ҳолати сириштии инсон ба ҳисоб меравад.

Ахлоқ яке аз самтҳои илми фалсафист. Ахлоқ амал ва муносибатҳои миёни одамонро, ки бо меъёри тасаввури "некӣ" ва "бадӣ" санҷида шудааст, меноманд.

Муайян намудани предмети ахлоқ дар илмҳои фалсафӣ, мушкилии зиёдеро ба миён овардааст.

Асосан ахлоқ падидаи мураккабе аст, ки масъалаҳои гуногуни фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама яке аз масъалаҳои асосии ахлоқ муайян намудани таносуби миёни амали "нек" ва "бад" аст. Дувум – ошкоршавии "маънои зиндагӣ" ва дар доираи амали ахлоқии инсон баҳри ба ҳадаф расидани инсон аст. Сеюм, масъалаи "озодии ирода" дар иҷрои ин ва ё он амали ахлоқӣ ба ҳисоб меравад.

Маҷмӯи ин масъалаҳо мазмуни умумии ахлоқро шояд ошкор созанд. Ба ғайр аз ин ахлоқ ҳамчун илм муайян намудани арзишҳои ахлоқӣ мебошад. Ба қатори арзишҳои ахлоқӣ кадом арзишҳо дохиланд?

Якум арзишҳое, ки аз фарҳанги миллии мо сарчашма мегиранд, мутафаккирони мо онҳоро эътироф кардаанд ва дар зиндагии худ онҳоро риоя намудаанд.

Дувум арзишҳое, ки аз фарҳанги динӣ мерос мондаанд.

Сеюм арзишҳое, ки аз моҳият ва тинати ирсии инсон бармеоянд.

Вобаста ба усули тафсир ва ҳалли масъалаҳои ахлоқ ва арзишҳои ахлоқӣ илми ахлоқро ба се самт ё қисмҳои таҳқиқотӣ ҷудо намудаанд.

Қисми якумро "назарияи ахлоқ" ташкил медиҳад. Дар ин қисм масъалаҳои омӯзиши ҷузъиёти ахлоқ (элементҳои морал) ҳаллу фасл мешаванд, қисми дувум, ки ахлоқи нормативӣ номида мешавад, масъалаҳои муайян намудани принсипҳои рафтори одамонро ташкил медиҳанд. Қисми сеюмро "ахлоқи амалӣ" меноманд. Дар ин қисм, маҷмӯи масъалаҳое, ки дар фаъолияти инсон ба вуқуъ мепайванданд, омӯхта мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ахлоқи амалӣ қисме аз илми ахлоқ аст, ки тавассути он мафҳуми "фалсафаи амалӣ" ба миён омадааст. Маҳз ба хотири танҳо фаъолияти инсон ва қобили дарк будани ин фаъолият, амали ахлоқии инсон бештар мушоҳидашаванда ба назар мерасад. Дар асоси мушоҳидашавандагии амали ахлоқӣ, муайян намудани шуури ахлоқии шахс муяссар мегардад.

Ҳангоме, ки сухан дар бораи илмияти ин ва ё он падидае меравад, ки ҳамчун самти илмӣ эътироф шудааст, бояд дар назар дошт, ки мафҳуму мақулаҳои дар чунин самт истифодашаванда, на дар маънои мутлақ, балки дар маънои нисбӣ, истифода мешаванд. Дар ин ҷо, мафҳум ва мақулаҳои илми ахлоқ истисно нестанд.

Масалан, муҳимтарин мафҳумҳои калидии илми ахлоқ мафҳумҳои "хайр", "шар", "хуб" ва "бад" ҳисобида мешаванд. Дар доираи амали хайр ва шар, хуб ва бад фаъолияти инсон чунон гуногун ба назар мерасад, ки табақабандии онҳо аз имкон берун аст.

Аз тарафи дигар, дар асарҳои ба ахлоқ бахшидашудаи ниёгон, доираи ба илми ахлоқ тааллуқ доштани ин ё он мафҳум равшан нест. Азбаски табақабандии самтҳои илмӣ дар он замон чандон ба роҳ монда нашуда буд, аҳли қалам дар асарҳои худ, масъалаи мафҳумҳои ба ахлоқ дахл надоштаро низ, ҳамчун мафҳуми илми ахлоқ истифода бурдаанд. Барои намуна, асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо номи "Ахлоқи муҳсинӣ" – ро меоварем. Муаллиф дар асари худ мафҳумҳои зиёде, ки аз доираи илми ахлоқ берун меоянд истифода бурдааст. Масалан машварат, тадбир, сиёсат, таяққуз, ҳибрат ва монанди ин мафҳумҳо хоса ба илми ахлоқ тааллуқ надоранд. Дар ҳар сурат ин мафҳумҳоро дар маънои мутлақи худ фаҳмидан ва истифода бурдан нашояд.

Дар шароити муосир вобаста бо дарназардошти дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ, вазъияти иқтисодиву сиёсӣ, фарҳангӣ ва муҳити иттилоотӣ, мо бояд бо ақоиди ахлоқи классикӣ, бо усули интихоби ғояҳои мутобиқ ба давру замони худ муроҷиат намоем. Бо ин меъёр, мо ба арзишҳои ахлоқии муносиб ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи тоҷик бояд бештар диққат диҳем. Дар чунин интихоб, албатта, падидаҳои ахлоқии ниёгон, ки дар мафҳумҳои "некӣ", "адолат", "адаб", олиҳимматӣ", "хулқу рафқ", "шафқат", "саховату эҳсон", "эҳтиром", "аҳду вафо" ва ғайра ифода шудааст, мавриди таваҷҷуҳ бояд қарор гиранд. Чунки падидаҳои ахлоқии номбурда мафҳумҳои калидии ахлоқӣ мебошанд. Дар баробари ин, аз баъзе андешаҳои ахлоқие, ки ба пешрафти хиради мардум монеа мешаванд ва гӯё ки эътирофи онҳо барои мо "тақдирсоз" аст, канораҷӯйӣ бояд кард.

Омӯзиши таърих ва ташаккулёбии шуури ахлоқӣ пажуҳишгаронро ба хулосаҳои гуногун овардааст. Ба андешаи онҳо, инсон бояд мувофиқи сиришти худ накӯкор ва дарккунандаву арзишгузорандаи амали худ бошад. Таҳқиқот

нишон медиҳад, ки инсон табиатан меҳрубону ғамхор барои дигарон буда, чунин сифатҳо бояд бештар тақвият бахшад.

Албатта, барои ташаккули шуури ахлоқӣ аҳамияти муҳити зист, ҳаёти иҷтимоӣ кам нест. Дигаргуншавии муҳити зист дар навбати худ ба дигаргуншавии шуури ахлоқӣ оварда мерасонад. Аз тарафи дигар, худи одамон субъекти дигаргунсози муҳити зист ҳисобида мешаванд.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва андешаҳои шахсии баъзе аз мутафаккирон ба хулосае омадан мумкин аст, ки инсон метавонад табиатан бадкирдор ва бадандеш ҳам бошад. Аз ин рӯ, яке аз сифатҳои хоси баъзе аз шахсон бадсириштӣ ва бадандешист. Маҳз аз сабаби мавҷуд будани чунин сифатҳо, таърихан зарурияти ташкил додани сохторҳои давлатӣ – қудратӣ ва меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ дар ҷамъият ба миён омадааст.

Миёни баъзе мутафаккирин ва ба вижа мутафаккирони динбовар андешаи дигаре низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он шуури ахлоқӣ бе дин наметавонад вуҷуд дошта бошад. Аз ин сабаб онҳо динро асоси пайдоиш ва пойдории ахлоқ мешуморанд. Ба андешаи мо, мавҷуд будани ахлоқ ва шуури ахлоқӣ аз дин вобаста нест. Дурусташ ин аст, ки мо яке аз вазифаҳои асосии динро бояд ташвиқу тарғиби беҳтаршавии ахлоқи мардум ва ташаккулёбии шуури ахлоқӣ дар ҷомеа эътироф намоем.

Аз тарафи дигар, ахлоқи суннатии мо бешубҳа, бар асоси суннатҳои дини ислом ташаккул ёфтаанд. Кадоме аз асари классикии ниёгони тоҷикро агар нагирем, андешаҳои ахлоқӣ ва фалсафии онҳо аз чаҳорчӯбаи назариёти динӣ берун нест. Ҳамагуна даъвате, ки баҳри ташаккулёбии ахлоқи ҳамида зикр шудааст, ҳатман дар чаҳорчӯбаи таълимоти динӣ қарор дорад. То ҳатто дар андешаҳои аҳли тасаввуф, ки то андозае тафаккури эшон аз чаҳорчӯбаи таълимоти динӣ озод аст,

оҳанги "муросо" ба ақоиди дин даркшаванда аст. Беҳуда нест, ки андешаи "Қуръон оят ба оят адаб аст" вирди забонҳост. Бинобар ин, аз ҳақиқат дур нест, ки ҳадафи ахлоқи суннатии мо бештар такягоҳи ташаккулёбии шуури ахлоқии динӣ бошад. Ин эътиқод ва ҳамдилӣ дар масъалаи мавқеи дин аз куҷо сарчашма мегирад?

Сурат гирифтани ҳисси ғарбгароӣ ҳанӯз аз замонӣ ташаккулёбии илм ба миён омада буд. Аз ин рӯ, эътибори зиёд додан ба китобҳои муқаддас, аз ҷумла Библия тасодуфӣ набуд. Бе сабаб нест, ки ғарбгароён зарурати ахлоқро аз андешаҳои дар Таврот сабтшуда, ба монанди "қатл накун", "зино накун", "дуздӣ накун" ва ғайра меҳисобиданд. Бояд дар назар дошт, ки сабаби сарчашмаи ахлоқро дар дин пиндоштан, бо мақсади ҷудо намудани расму оини дини номбурда буд. Агар ба гузашта назар кунем, дар равиши таърихи башарият шуури ахлоқӣ ҳамеша дар чаҳорчубаи ду ҷанба ҷойгир буд, яъне барои худ ва барои дигарон. Баҳри ғалабаи ақоиди ин ва ё он дин, хусусияти дини дигаре маҳкум карда мешуд. Таҳти шиори "ба ҷонибдории яке аз динҳо ва ё мазҳабҳо" миёни онҳо нобасомониҳои зиёде ба амал меомад. Дар натиҷа мазҳаби ғолиб ҳамоно кӯшиш менамуд, ки ахлоқи мазҳаби дигарро аз байн барад. Дар ин бора мисолҳои зиёде аз дини яҳудӣ ва ислом овардан мумкин аст.

Муайян намудани моҳият ва пайдоиши ахлоқ кори осон нест. Аз тарафи дигар, бо ҷустуҷӯ намудани таърихи ахлоқ, хондани асарҳои ба масъалаҳои ахлоқ бахшидашуда, бевосита ахлоқи ҷомеаро наметавон беҳтар ва мувофиқи мақсад ташаккул дод. Чунки ҳолатҳои ахлоқӣ назар ба хирад бештар ба эҳсосоти мардум вобастагӣ доранд.

Зоҳиршавии шуури ахлоқиро дар ҷомеа, албатта, ба аломатҳои математикӣ ҳисоб намудан аз имкон берун аст. Дар ин бора дар замони худ Арасту мегӯяд, ки ҳақиқат дар ахлоқ

дар шакли умумӣ ва тахминӣ зоҳир мегардад. Дар тақвияти ин андеша файласуфи олмонӣ Гегел низ чунин баён намудааст. Ба ақидаи ӯ, фикри он ки илм мардумро хушахлоқ мегардонад, монанди андешаест, ки донистани анатомия ва физиология моро ба фаҳмиши чӣ гуна ҳазмшавии хӯрок бурда мерасонад.

Дар таърихи ахлоқ бархе аз муҳаққиқон баҳри исботи нисбӣ будани меъёрҳои ахлоқӣ кӯшишҳои зиёде намудаанд. Ин гуфтаҳо маънои онро надорад, ки мо аз таҳқиқу баррасии таърихи ахлоқ худдорӣ намоем. Баръакс, мо медонем, ки ашъори мутафаккирони тоҷик, ки аз панду ҳикматҳои оламшумули ахлоқӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ беназиранд. Мазмунан ин панду ҳикматҳо аксаран ба масъалаи ахлоқ бахшида шудаанд, ки бояд ҳатман таҳлилу таҳқиқ шаванд ва ба хонандагон дастрас бошанд.

Бинобар ин, бо тариқи мантиқӣ ифода намудани моҳияти ахлоқ ва бо меъёрҳои ақлонӣ санҷидани он, то андозае натиҷаи мусбат доданаш ғайриимкон аст. Ин далели он аст, ки ахлоқ худ басанда ва худҳадаф аст. Аз ҳамин сабаб, арзишҳо ахлоқро асос шуда наметавонанд, чунки ахлоқ худ яке аз асоси арзишҳост.

Муаллифи арзишҳо ва алоқамандкунандаи онҳо худи инсон аст, ки ӯ арзишҳоро "ниқоб" – и инсонӣ мепӯшонад. Бесабаб нест, ки мураккабии хусусияти ахлоқ мутафаккиронро маҷбур сохтааст, ки дар баҳодиҳӣ нисбат ба ахлоқ гоҳ воситаи саркӯб кардан, гоҳе асоси ахлоқро аз олами ҳайвон пазируфтан ва гоҳе ахлоқро натиҷаи ҳамкории одамон шуморанд. Имрӯзҳо асосан дар фарҳанги Ғарб, андешаҳои нисбат ба ахлоқ дахлдошта, бо ҳадафи асоснок намудани муносибатҳои иҷтимоии одамон, баҳри идора намудани ҷомеа, гуфта шудаанд. Новобаста аз ин ҳадафҳо, суоле ба миён меояд, ки оё ахлоқ барои шахс ва ҷомеа зарурате дорад ё на?

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки муаммои саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон то андозае аз ахлоқи ӯ вобаста аст. Тибқи андешаҳои мардуми ориёитабор саломатии инсон натиҷаи накӯкории ӯст.

Андеша дар бораи маризӣ ҳамчун барномаи то ба тавлиди шахс тартибдода ва аз ин сабаб тавозӯъ ё итоат намудани шахс ва бо ин усул маҳкум кардани ғурури ӯ қобили қабул набуд. Сабаби маризиро пизишкони тоҷик ҳамавақт дар вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва ҳолатҳои манфии асаби инсон медиданд. Ҳолатҳои танбалӣ, бефаровезӣ, надоштани қобилияти мутамарказии самти фикрӣ, устувор набудани тафаккур, эҳсосот ва хирад оқибат ба маризии ҷисмониву равонӣ оварда мерасонанд. Дар натиҷа, сабабгори асосии азобу машаққати инсон андешаҳои ноқису касифи ӯ ба ҳисоб мераванд. Тибби муосир низ, тандурустии инсонро ҳамчун натиҷаи равонии ба ахлоқ омехта эътироф дорад. Ҳолатҳои равонӣ ва ахлоқӣ ба монанди асабоният, бетоқатӣ, ҳаяҷон, бахилӣ, майли интиқом, ҳасад, кибру ғурур, бегонашавӣ аз мардум асоси маризиҳои ҷисмониву равонӣ мегарданд.

Аз назорати виҷдон ва андешаи дуруст дар канор мондан, сабаби қувватгирии ҳолати худбинӣ ва худпарастӣ гардида, дар натиҷа ҳолатҳои мусбати ахлоқӣ коста шуда, дар маҷмуъ боиси фосид шудани қобилияти фикрӣ мегарданд. Аз ин рӯ, мо дар симои ҷинояткор вайроншавии ду нерӯи бо ҳам вобаста – равон ва ахлоқро мебинем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки саломатӣ ҳолатест, ки инсон худро аз ҷиҳати ҷисмонию равонӣ ва хирадӣ хуб ҳис мекунад, андешаю кирдораш ба меъёри ин се ҳолати инсонӣ ҷавобгӯ мебошад.

Чунонки қайд гардид, асоси мавҷудияти ахлоқро бо ҳеҷ як меъёрҳои дар боло зикршуда наметавон санҷид. Меъёрҳои номбурда танҳо дар раванди донишомӯзӣ равшан дарк

мегарданд. Саволҳои зиндагии инсонро муайянкунанда, ба монанди “некӣ ва бадӣ чист?”, “ҳақиқат чист?”, “моҳияти зиндагӣ аз чи иборат аст?” гарчанде аҳамияти маърифатӣ дошта бошанд ҳам, аммо моҳияти тасаввури ахлоқӣ низ дар онҳо тавъаманд. Аз тарафи дигар, агар шахс масъалаҳои ба ахлоқ бахшидаро ба шахси дигар шарҳ ва тафсир диҳад, дар чунин ҳолат масъалаҳои ахлоқӣ ба маърифатӣ табдил меёбанд. Ин далели бо ҳам алоқаманд будани ҳолатҳои маърифатӣ ва ахлоқӣ мебошад. Аз ин алоқмандӣ бармеояд, ки нақши ахлоқ дар раванди маърифат басо равшан аст. Тасодуфӣ нест, ки меъёрҳои ахлоқӣ воситаҳои асосӣ дар равиши маърифат ҳисобида мешаванд. Маърифат дар навбати худ такя бар дарки бевоситаи муҳити атроф, натиҷагирӣ аз чунин дарк ва ба эътибор гирифтани фарҳанги гузаштагон аст. Вале муяссар шудан ба дониши асил бе фаҳмиш ва арзишгузории тинати ахлоқии муаллифони фарҳанг ғайриимкон мебуд. Донишҳое, ки моҳияти ахлоқро равшан месозанд, маълумотеро дар бар мегиранд, ки қонунҳои инкишофи ҷамъият, ташаккулёбии ҷаҳонбинии мардум дар шакли ақоиди ҷиддӣ сабт шуда, ҳамчун идеал, орзую ҳадаф сурат мегиранд.

Одамон на ҳама вақт ҳадафи амали ахлоқро дуруст дарк менамоянд. Дар баъзе маврид рафтори шахси алоҳида шояд мухолифи фаҳмиши дигарон бошад, вале агар рафтори он шахс бо ахлоқи хирадмандона асоснок шуда бошад, дер ё зуд моҳияти мусбат доштанаш ошкор мегардад. Тарбия ва ташаккули ахлоқи ҳамида бидуни пиндору гуфтору рафтори бошуурона ва иродаи озод муяссар нахоҳад шуд. Рафтору гуфторе, ки аз ботини шахс бошуурона берун наояд, далолати ахлоқи манфӣ доштан аст. Дар баробари бо маърифат тавъам будани ахлоқ, аҳамияти он баҳри сермаҳсулии тафаккур ва озодии ирода кам нест. Ахлоқи бошуурона, ки бо чароғи

маърифат, яъне дониш мунаввар шудааст, то андозае равшангари роҳи натиҷоти шахс дар зиндагӣ аст.

Роҳи ахлоқ ва маърифат барои шахсони дар ин роҳ раванда, ҳамеша сабз ва ҳамвор аст. Вале дар ҷамъият нафароне, ки бо мақсади худнамоӣ ва ибодат ва дигар анъанаҳои динӣ ширкат меварзанд, чунин чорабиниҳо ахлоқи бошууронаро аз онҳо нameталабад. Вале аксарияти мардум чунин амалро натиҷаи ахлоқи бошуурона меҳисобанд, ки моҳиятан арзишгузории аз ҳақиқат дур аст.

Дар раванди ташаккули шуури ахлоқӣ тинати фардии инсон мавқеи хосеро соҳиб аст. Дар ин раванд, дар роҳҳои пурпечутоби зиндагӣ муъҷизае нест. Шахсро зарур аст, ки зинаҳои ахлоқиро пайгирона тай кунад. Нафароне, ки ин зинаҳои ахлоқиро бошуурона ва ҳамчун шахси бомасъулият паси сар мекунанд, бе чуну чаро маҳбуби дигарон хоҳанд шуд. Агар фаъолияти ахлоқии шахс аз хиради ӯ сарчашма нагирад, натиҷаҳои чунин фаъолият ҳисси қаноатмандии маънавиро ба миён нахоҳад овард.

Суоли дигар он аст, ки оё ҷаҳонбинии шахс таҳкурсии ахлоқи ӯ шуда метавонад? Кӯшиш дар роҳи ба як қолаби муайян даровардани рафтори ахлоқӣ шахсро ба чунин натиҷа мерасонад, ки шакли ҷаҳонбинӣ ҳамеша таъйинкунандаи ахлоқ гардад. Меъёрҳои ахлоқӣ вобаста ба макону замон ва ҷаҳонбинии шахс дигаргуншавандаанд. Ахлоқи устувор ва поянда ин виҷдон ва ҳисси дарки ҳақиқат аст, ки бояд дар хиради ҳар як инсон мавҷуд бошад.

Ҳарчанд омилҳои пайдошавии ахлоқ бо таҳқиқот муайян нашудаанд, вале бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки қобилияти дарёфт ва фаҳмиши зарурати ахлоқ дар хиради мо ҷой дорад.

Қаноатмандӣ ва хулосабарории мо, ки асосашро муносибати тарафайни одамон ташкил медиҳанд, далели мавҷуд будани шуури ахлоқӣ дар мост. Асоси ахлоқро, чӣ

тавре, ки зикр гардид, то андозе ҷаҳонбинӣ ташкил медиҳад. Ҷиҳати мусбати масъалаи ахлоқ дар он аст, ки одамон новобаста аз дину мазҳаб, ҷаҳонбинию маълумот, миллату нажод, дер ё зуд, ҷӯёи моҳияти ахлоқ мешаванд. Рӯ овардани одамон ба ахлоқ сабабҳои гуногун дорад. Якеро шароити зиндагӣ ва муносибат миёни мардум, дигареро таҳлил ва омӯзиши китобҳо ва ғайра водор месозад, ки масъалаҳои ахлоқиро барои худ равшан созанд. Шахсоне ки танҳо бо роҳи худомӯзӣ ва таҳлилу тафсири навиштаҳо дар бораи ахлоқ роҳсипор ва ташаккули ахлоқи ҳамидаро интихоб намуда бошанд, зиёд нестанд.

Аксарияти мардуми мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб ҳангоми аз кор озод ва машғули тамошои филмҳои бадеӣ будан, масъала ба рафтори ин ва ё он шахс баҳои субъективӣ доданро ба худ касб намудаанд. Бояд эътироф намуд, ки асосҳои ғоявӣ ва тарзи ҷаҳонбиние, ки дар заминаи онҳо ахлоқ ба миён омадааст, ба монанди фаҳмиши усул ва натиҷаҳои риёзати ҷисмонӣ зарур ва ҳатмист. Бе равшан намудани ҳадаф дар зиндагӣ ва фаҳмиши моҳияти он, ҳамагуна кӯшиш ва риёзати мо дар ҷодаи ахлоқ аз аҳамият холист. Агар ҳадафи зиндагӣ равшан ва муайян набошад, рафтори ахлоқии мо бенатиҷа, шояд ба гумроҳӣ низ оварда расонад.

Риёзати ахлоқие, ки мардум дар ҷамъият то андозае пайравӣ мекунанд, ин риёзат барои хушҳол будан ва қаноатмандии нафс ва ҷисм мебошад. Бинобар ин, шинохти тафовут миёни риёзати ахлоқӣ ва шуури ахлоқии худташаккулёфта, зарур ва ҳатмист. Фарқ намудани чунин тафовут ва арзишгузории дуруст ба қобилияти худ шарти муҳими дар ҷамъият муваффақият пайдо намудан аст.

Дар ҳар як ҷамъият нафароне низ ҳастанд, ки адабиёти зиёдеро дар масъалаи риёзати ахлоқӣ мутолиа намуданд. Бояд дар назар дошт, ки риёзати ахлоқӣ яке аз масъалаҳои муҳими

дину мазҳаб ва дигар мактабҳои фикрист. Аз ин рӯ, шумораи нафарони ахлоқро бо ченаки фаҳмиши худ санҷанда ва шарҳдиҳанда кам нестанд. Гурӯҳе ахлоқро ҳамчун инкори ҳама гуна ҳаёти моддигароянда, гурӯҳи дигар – инкори ҳолатҳои хушбахтии равонию хирад мешуморанд. Аз ин нуқтаи назар, риёзати ахлоқии чунин шахсон бефоида ва ба фоидаи ҷамъият буда наметавонад. Чунин шахсон, гарчанде пас аз мухлати муайяне аз ақидаи худ даст кашида, ба ҳаёти муқаррарии ҷамъиятӣ бармегарданд, вале расидани таъсири манфияшон ба муҳити иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Аз тарафи дигар, агар шахс дар муҳити анъанавӣ, зиндагӣ дошта бошад, вай тезтар ба риёзати ахлоқии аз дин сарчашма гирифта, ворид мегардад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки мардум тавассути расму оин оила барпо мекунанд, фарзанд ба дунё меоваранд, пас аз иҷрои ин анъанаҳо мухлате маризу пир мешаванд ва рӯзе саҳнаи зиндагиро тарк мекунанд. Дар ин раванд шахс дарк менамояд, ки саҳнаи зоҳирии зиндагӣ ин мубориза барои ҳаёт, хушҳолӣ, ҷамъоварии молу ашё ва ғайра будааст. Пас шахс ба моҳияти чунин зиндагӣ "сарфаҳм" рафта, моҳияти ахлоқро дар мутобиқ сохтан ба чунин тарзи ҳаёт мебинад.

Дар фарҳанги мардумӣ нисбат ба шахсоне, ки дар роҳи росткориву хушгуфтории зоҳирӣ ва ботинӣ раҳсипор мешаванд, меъёрҳои ахлоқии дар амал иҷрошаванда, пешниҳод мешуд. Яке аз чунин меъёр ва ё категорияҳои ахлоқии дар заминаи ҷаҳонбинии ориёӣ ташаккулёфта, ин категорияи "устуворӣ" аст. Шахс дар доираи ин меъёр аз зарар расонидан ба одамон ва муҳити атроф худдорӣ намуда, бояд ҳақиқатгӯ ва ҳақиқатпараст бошад. Молу ашёи бегонаро аз худ накунад ва эҳсосоту хоҳишҳои худро дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ бисанҷад ва нагузорад, ки онҳо аз

чаҳорчӯбаи ақлонӣ берун бароянд, ки ин ҳама дар натиҷаи устуворӣ ба амал меояд.

Мазмуни ҳолати "устуворӣ" якчанд паҳлӯҳои мушаххаси ахлоқиро низ дар бар мегирад.

Пеш аз ҳама, пок нигоҳ доштани ҷисми биологии худ бо роҳи шустушӯй ва ғизои тозаву мувофиқ хӯрдан, ки покии зоҳириро дар бар мегирад. Ҷиҳати ботинӣ бошад, ба он далолат мекунад, ки шахс ҳамеша бо андешаҳои дуруст ва мантиқӣ зиндагӣ кунад. Дар ҷомеа, дар муносибат ба одамон (новобаста аз сифатҳои манфии онҳо) мушфиқу ғамхор бошад. Қаноатманд будан, шукрона ба зиндагии ором у осоишта намудан, дар худ тарбия намудани одати тобоварӣ, ташаккул додани равону хиради хеш ва ғайра дарбаргирандаи ҷанбаи ботинианд. Бояд қайд намуд, ки ин андешаҳои ахлоқии баёнгардида, гарчанде сарчашмаи онҳо аз фарҳанги қадим оғоз гардида бошад ҳам, вале имрӯз онҳо қобили қабули фарҳанги умумибашариянд.

Аҳаммияти риёзати устувор чун ду шакли низоми ахлоқӣ ё нигоҳ доштани "устувории равону хирад"-и хеш асос ва воситаи идора намудани шуури омма мебошанд, ки дар таҷрибаи давлатдорӣ санҷида шудаанд.

Агар мо дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷамъиятӣ мушоҳидакор набошем, ба моҳияти ин ва ё он воқеа, ҳодиса бо ченаки меъёрҳои ахлоқӣ баҳо дода наметавонем, паёмадҳои воқеаро намефаҳмем, аз ӯҳдаи муайян намудани сабаб ва хусусияти он намебароем. Он мушкилоте, ки дар вақташ мо онро ҳал накарда будем, ногузир, дар ҳолати номувофиқ бо ӯ рӯ ба рӯ хоҳем шуд.

Аз ин сабаб дар раванди ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ арзишгузории ахлоқро ба таъхир гузоштан, чунин натиҷа дорад, ки мо пойбанди мушкилоти вазнинтаре хоҳем гашт. Бинобар ин, санҷиш бо меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷамъият, дар

муносибат бо одамон, нисбат ба санҷиши муносибат миёни ду ва якчанд шахс, муфидтар ва арзишмандтар аст.

Дар ҷамъият воқеаҳои гуногун ва ҳодисаҳои ғайричашмдошт рӯй медиҳанд. Чунин гуногунрангии ҳодисаҳо шахси мушоҳидакорро маҷбур месозад, ки бо дарназардошти сифатҳои ахлоқии худ, бо ченаки меъёрҳои ахлоқӣ фаъолияти дигаронро арзишгузорӣ кунад.

Равшан намудани решаҳои пайдоиши ҷаҳолат кори заҳматталаби илмист. Дар ҷустуҷӯйи асосҳои пайдоиши ҷаҳолат яке аз мутафаккирони Ғарб И.Кант ба чунин хулоса омада буд, ки решаи ҷаҳолат дар ботини инсон, дар шакли ниҳон мавҷуд аст. Бо ин далел ӯ иқрор дошт, ки инсон табиатан монанди ҳайвон сифати аҳриманиро низ дорост.

Дар таърихи фарҳанг мутафаккирони зиёде кӯшиш намудаанд, ки сарчашмаи зулмоту ноадолатиро муайян созанд. Дар натиҷа решаи бадкориро гоҳ дар тинати инсон ва гоҳ дар мавҷудияти шайтон маънидод намудаанд. Сифатҳои манфии инсонро ба шайтон ва сифатҳои мусбатро ба худи инсон нисбат додаанд.

Бархе аз муҳаққиқон бар чунин ақидаанд, ки бадӣ дар шакли объективӣ вуҷуд надорад. Ин ақида аз он мебарояд, ки худи ҳолатҳои “бадӣ”, “зулм” ва “беадолатӣ” ҳолатҳои нисбиянд. Ниёгон бар он ақидаанд, ки бадӣ ва беадолатӣ вуҷуд доранд, вале бе сифати мухолифи худ пурра фаҳмидашаванда нахоҳанд буд. Ин сифатҳо дар қиёси якдигар хуб даркшавандаанд.

Масалан, тибқи ақоиди авастоӣ некӣ ва бадӣ – ақоиди ҳамеша муқобили якдигар вуҷуд доранд. Яке аз ин ду нерӯ ҳангоми аз миён рафтанаш, олами моддӣ шакли дигарро мегирад ва дар фарҷоми кайҳон танҳо яке аз нерӯ – некӣ боқӣ хоҳад монд. Ба ибораи дигар, рушноӣ (некӣ) бар зулмот (бадӣ) ғолиб меояд ва вайро комилан аз байн хоҳад бурд.

Некӣ ва бадӣ дар тинати шахс сурат гирифта, дар тарозуи ахлоқ ҳарду баробарвазн вуҷуд доранд. Тафовути ин ду ҳолати равонию хирадиро нисбат ба якдигар мо танҳо бо меъёрҳои ахлоқӣ метавонем равшан созем.

Одатан равиши тафаккур дар ду самт, яъне ба сӯи некӣ ва бадӣ равон аст. Фаҳмиши таносуби ин ду нерӯ донистани меъёрҳои ахлоқиро металабад. Ҳолатҳои ахлоқии худбинӣ ва худпарастӣ, сифатҳое мебошанд, ки инсон, агар аз онҳо озод бошад, ҳар чӣ бештар қобили қабули атрофиён қарор хоҳад шуд. Дар озод шудан аз ин сифатҳои ахлоқӣ шахс бояд ҳар чӣ бештар ба хирад такя кунад. Мафҳумҳои "худбин" ва "худпараст" дар маънои этимологияшон танҳо дорои маънои манфӣ нестанд. Аз решаи калимаи "худ" мафҳумҳои "худшиносӣ", "худогоҳӣ" ва ғайра ҳолатҳои ахлоқии мусбат пайдо шудаанд. Вале калимаҳои "худбин" ва "худпараст", ки аз мафҳуми "худ" реша гирифтаанд, бо сабаби тобиши ахлоқӣ доштанашон, ҳамчун сифатҳои манфӣ дарк мешаванд. Ахлоқ ҳамчун падидаи хосаи инсонӣ на танҳо барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки пеш аз ҳама, баҳри оромии ботинии шахс зарур ва ҳатмист. Ахлоқ тафаккури инсонро аз сифатҳои манфӣ озод менамояд.

Таҳқиқотҳои анатомию физиологӣ нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои эҳсосӣ на танҳо дар асоси равишҳои психикӣ, балки ҳолатҳои тасаввури ахлоқӣ низ сурат мегиранд. Ин ҳолатҳо метавонанд бо роҳи воридшавӣ ба таҳтулшуур боиси кирдори мусбат ва ё манфии одамон гарданд. Бесабаб нест, ки тасаввури манфии ба ахлоқ вобаста ҳолатҳои психофизиологии манфиро ба миён меоварад.

Равандҳои навини таҳаввули иҷтимоӣ дар заминаи рушди технологӣ метавонанд ба дигаргунии муносибатҳои ахлоқӣ оварда расонанд. Дигаргуншавии арзишҳои ҷомеа ва пайдоиши шакли нави онҳо, бегумон ба дигаргуншавии

арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ оварда мерасонанд. Дар ҳаёти имрӯза пурра ворид шудани техника ва технологияи нави компютерӣ, табиати муоширати бевоситаи одамонро тадриҷан аз байн мебарад, ки ин ҷиддияти риоя намудани принсипҳои анъанавии ахлоқро коҳиш медиҳад. Дигаргуншавии шароити зисти одамон дар деҳот, оҳиста – оҳиста хусусияти шаҳрнишиниро гирифта, зарурати риояи анъана ва иҷрои урфу одату расму русумро дар миёни мардум шояд ба тадриҷ аз байн барад, ки ин ногузир ба ахлоқи одамон низ таъсир хоҳад расонд.

Дар шароите, ки аксарияти одамон бо истифода аз таҷҳизоту технологияи навин баҳри рӯзгузаронӣ саргарми кору зиндагии хешанд, вақт барои муоширати бевосита намемонад ва ҳар кас кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои қонеъ гардонидани табиати маънавии худ ҷаҳони кӯчаке биофарад, то ки ӯро аз парешонҳолию дармондагӣ муҳофизат кунад. Чунин ҳолат сабаби бегонашавӣ миёни одамон гашта, дар натиҷа, муносибат миёни одамон сурати механикӣ мегирад ва афрод бинобар заиф шудани ҳисси инсондӯстӣ, масъулияти иҷтимоӣ ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ камтар таваҷҷуҳ медиҳанд. Нахустин нишонаҳое, ки ҳатман ба вазъияти ногувор мерасонад, ин авҷ гирифтани ҳодисоти фарҳангӣ, ки берун аз меъёри оммавӣ мебошад. Дар чунин вазъият гурӯҳе аз одамон фаъолияти яроқбадастон, филмҳои зӯроварӣ, расмҳои марду зани бараҳна, ахбори мунтазам дар бораи дуздиву ҷинояткориро мунтазиранд.

Фарогирии маданияти оммавӣ ва фазои густурдаи иттилоотие, ки он дорад, хотираи одамонро аз маълумотҳои нолозим пур сохта, бо ин роҳ дар шакли ташаккулнаёфтаи низоми ахлоқии ҷомеа ва алалхусус низоми ахлоқии ташаккулнаёфтаи насли наврас аломатҳо ва ҳаракатҳои ғайриахлоқиро ба воя расониданашон мумкин аст. Амалҳои аз

равону хирад берун омада метавонанд шуури ахлоқии мардумро коста ва вайрон созанд. Имрӯзҳо қисми зиёди одамон беҳбудии зиндагиро дар қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонии худ мебинанд. Дониш, ақида, маънавиёт барои баъзе аз онҳо он қадар ҳам арзише надоранд. Дар шуури одамон ақидае ҷойгир шудааст, ки мувофиқи он талаботи асосии инсон ва асоси ахлоқ дар зинда мондан ва мутобиқшавӣ ба вазъият аст. Кӯшиши мутобиқшавӣ ба муҳити атроф ва бо ин усул зиндагиро пеш бурдан, шахсро албатта аз роҳҳои гуногуни муносибат оҳиста – оҳиста дур месозад.

Масалан, ҳолати равонию ахлоқие, ки дар фарҳанги Ғарб ҷой дорад, ин боварӣ ба таълимоти психоаналитикӣ мебошад. Чунин таълимот асоси равонию ахлоқии фаъолияти инсонро дар завқи табиии ӯ мебинад. Баъзеҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз чунин завқ худро дар канор  гиранд, нафарони дигаре дар зери фишори чунин ғариза мондаанд.

Баъзе аз ҷавонон бар чунин ақидаанд, ки гӯё тафаккур, чунонки дар боло зикр шуд, дар муқоиса бо ҷисм ҳеҷ аст. Аз ин ҷо, қонеъ кардани талаботи ғаризаҳои табиӣ, хоҳиши шаҳват, зӯроварӣ ва ғайра бештар диққати ҷавононро ба худ ҷалб намудаанд.

Бархе аз шахсон озодиро дар дониш ва илм мебинанд. Қайд кардан зарур аст, ки ибтидои ҳама гуна амали ахлоқӣ ва ғайриахлоқӣ аз фаҳмиш ва шакли ҷаҳонбинӣ вобаста аст.

Масъулияти ахлоқии шаҳрванд ва яке аз сифатҳои асосии шахс дар зиндагӣ накӯкор будан аст. Нарасонидани зарар ба дигарон, ба муҳити атроф яке аз сифатҳои бунёдиест, ки сифатҳои дигари ахлоқӣ барои он ҳамчун шоху панҷа ба ҳисоб меравaнд. Бо боварӣ гуфтан мумкин нест, ки дар замони муосир зарароварӣ кам шуда бошад. Зарар бошад ба се намуд тақсим аст: зарари ҷисмонӣ, равонӣ ва ақлонӣ. Ҳар кадоме аз

онҳо тобиши ахлоқӣ дорад ва моҳиятан мафҳумҳои ахлоқиянд. Зарари ҷисмонӣ шакли соддатарини зарар аст. Таъсири зарари равонӣ ба системаи хаёл, ирода, фикр ва эҳсосоти инсон мерасад. Зарари ақлонӣ бошад, таъсираш ба тамоми вуҷуди инсон расида, вазнинтарин ва давомноктарин зарар ба шумор меравад. Масалан, агар мо шахсро бо хотираи хуб надоштанаш маҳкум кунем, ё ин ки “Шумо бе ирода ё бе диққат мебошед” гуфта таъкид намоем, шахс шояд чандон аз мо наранҷад. Агар мо шахсро ба беақлӣ ва бехирадӣ айбдор кунем, вай аз мо дар ҳақиқат ранҷиданаш мумкин. Сабаби чунин дарк дар он аст, ки хирад сифати моҳиятии инсон аст. Эҳсосот, хотира ва ғайра сифатҳои равонӣ дар ҳайвон ҳам вуҷуд доранд, вале ҳангоме, ки сухан дар бораи “хирад” меравад, ин сифат танҳо сифати хоси инсон бувад. Аз ин рӯ, надоштани хирад ва ё шахси бехирад, ба ҳайвон баробар аст.

Имрӯзҳо бо таъсири раванди глобализатсия навъҳои гуногуни зараррасонӣ ба миён омадаанд, яъне зараррасонии иқтисодӣ, молиявӣ, озуқавӣ, техникӣ, ахборотӣ ва ғайра.

Аз тарафи дигар, зарар дар кадом шакле сурат нагирад, дар натиҷа ба субъекти зараррасон баргаштанаш аз эҳтимол берун нест. Дар ин бора, дар қонуни куҳанбунёди мардуми ориёитабор “Қонуни Манух” гуфта шудааст: “Зараррасон ҳатман мариз хоҳад шуд, шахси безарар саломат хоҳад монд”.[1]

Мутобиқи натиҷагирӣ аз коркарди ахлоқӣ, агар зараррасон ҷазои худро аз тарафи қонун набинад, баъдан пушаймонӣ аз амалаш вайро гирифтори маризӣ ва дучори бадбахтиҳо хоҳад намуд. Набард бо виҷдони худ, тасаввури ӯро дастболо намуда, дар шакли асабонӣ ҷисму ҷони худро маҷрӯҳ месозад. Дар афкори ахлоқии ниёгон далелҳои зиёде мавҷуд аст, ки майли куштор оҳиста – оҳиста ба худкушӣ ба анҷом мерасад. То

[1] Қонуни Манух. М., 2002. С. 52.

ҳатто, одати тамокукашӣ, ки аз як тараф, амали беозор аст, ифодашавии он майли зӯроварист.

Чунонки дар боло зикр шуд, рукни сегонаи “пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” – ро дар ҳақиқат бунёди асосии на танҳо таълимоти ниёгони мо, балки пояи ҳама гуна таълимоти ахлоқии умумибашарӣ шуморидан мумкин аст.

Пайдарҳамии ин рукни сегона тасодуфӣ нест. Фаҳмиши табиати инсон муаллифи ин гуфторро водор сохтааст, ки сарчашмаи амали инсонро муайян сохта, ифодашавӣ ва натиҷаи ҷараёни ин сарчашмаро равшан созад. Фикри инсон, чунон ки гуфтаанд, базрест, ки баъди пошидан мешукуфад ва гуфторро ба бор меоварад ва мутобиқи он рафтори одамӣ сурат мегирад. Аз ин сабаб, пайдарҳамии ин рукн, пайдарҳамии фикру гуфтору рафтор аст. Аз фикр гуфтор ва аз гуфтор рафтор сарчашма мегирад.

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки моҳияти инсон дар пиндору гуфтору рафтори ӯ ошкор мешавад. Ҳар як номувофиқати миёни ин се рукн ҳақиқатро халалдор намуда, ба инсон зараровар аст. Бинобар ин, шахс бояд сарфи назар аз замон, макон ва шароити иҷтимоии мавҷудбуда, кӯшиш намояд, ки амалаш аз сухан ва суханаш аз андешааш сарчашма гирад. Фикр сарчашмаи амал аст, сухан бошад сарчашмаи саломатӣ ва ё маризист. Аз ин сабаб, мазмуни сухану шакли онро нигоҳ бояд дошт. Андешаҳои бофта ва нодуруст, риёкорӣ, махфӣ нигоҳ доштани хоҳиш, моҳияти покизагии инсонро нопок намуда, қобилияти ҳиссӣ ва дарки ҳадсиро хароб месозанд. Ин амалҳо аз ҳар як шахс масъулияти ахлоқиро талаб мекунанд.

Ахлоқи ҳамида аз шахс як қатор масъулияти ахлоқиро талаб мекунад. Пеш аз ҳама накӯкор будан. Яке аз сифатҳои асосии шахси накӯкор даст кашидан аз зарар нисбат ба олами атроф аст.

Масъулияти дигари ахлоқӣ берун будани шахс аз ҳарисӣ ва манфиатҷӯӣ мебошад. Масалан, ба яғмо бурдани ашёи ба кас дахлдошта, аз тарафи каси дигар, аз ҳарисии ӯ далолат мекунад. Агар шахс дар чунин ҳолат бошад, боз ду сифати дигар, яъне чашмгуруснагӣ ва бегонашавӣ ба ҳарисӣ зам мешаванд. Пӯшида нест, ки имрӯзҳо ҳадафи зиндагии як қатор одамон пулу мол, ҳаёти бодабдаба, бошукӯҳ ва дар натиҷа ифроткорӣ гаштааст.

Мутаассифона, нафароне дида мешаванд, ки бо мақсади ҳарҷӣ бештар ба даст овардани сарват ҳарифони худро аз байн мебаранд, гурӯҳҳоро муқобили якдигар равона месозанд, ҷангу кашмакашиҳои зиёдеро дар доираи ҷамъият ба миён меоваранд. Имрӯз ҳолате ба миён омадааст, ки асосҳои ахлоқиро ҳамчун арзиш пешниҳод менамоянд. Дар натиҷа нафароне, ки дар ин набарди ҳарисию манфиатҷӯӣ муваффақият ба даст намеоранд, ноком, бетолеъ ва бадбахт ҳисобида мешаванд. Мо бояд бифаҳмем, ки давлатманд шахсе нест, ки аз молу ашё беандоза таъмин аст, давлатманд касест, ки худбасанда, худдонанда ва хударзиш аст. Беҳуда нест, ки мутафаккири бузурги Юнони антиқа Арасту мефармояд: Ҳангоми интихоби дӯст, ту бояд шахсеро интихоб кунӣ, ки ӯ худ бе молу ашё чист ва кист? На он шахсеро, ки вай зиёд молу ашё дорад ва на он шахсеро, ки мардум вайро молу ашёдор меҳисобанд. Чунки ҳангоми аз даст додани молу ашёи худ, чунин шахс бе ҳеҷ мемонад, на молу ашёдор ва на дар тасаввури одамон, дигар сарватманд аст ва на худбасандаву хирадманд. Бинобар ин, агар кас дар майдони ҳарисӣ худро заиф ҳис кунад, шояд ин далели он бошад, ки ӯ табиатан аз фиреби саробмонанди зиндагӣ озод ва пок аст.

Аз ин сабаб моликияти шахсӣ дар ҷамъият бояд ҳадду ҳудуде дошта бошад ва ба меъёре ҷавобгӯ бошад. Рақобати

пулу мол ва аз худ намудани ҳарҷи бештар сарват, на барои шахси алоҳида ва на барои ҷамъияту миллат манфиатовар аст.

Масъулияти дигари ахлоқӣ покдоман будан аст. Покдоманӣ худ қувваест, ки инсон ӯро барои ташаккули ҷисму равони худ истифода мебарад. Покшавӣ қисми таркибии тарбияи ҷисмонӣ ва равонист. Пок нигоҳ доштани ҷисму нафс аз ду амал иборат аст: покии зоҳирӣ ва покии ботинӣ.

Покии ботинӣ ё худ тозагии ботинӣ нисбат ба зоҳирӣ муҳимтар аст. Тоза нигоҳ доштани бадан яке аз талаботи ахлоқии инсон аст. Дар роҳи покии ботинӣ ва зоҳирӣ рафтан, ин маънои онро дорад, ки шахс аз нӯшидани шароб, тамокукашӣ, бадгӯӣ, фосиқӣ, дӯстӣ ва муоширaт бо одамони нопок дар канор аст. Ҳамаи ин амалҳо дар натиҷа хирадро норавшан ва тира сохта, шахс оҳиста-оҳиста ба амалҳои ғайриахлоқӣ даст мезанад. Усули покшавии ҷисм ва равони инсон нахостани муошират бо одамони нопок аст.

Масъулияти дигари ахлоқӣ дар худ ташаккул додани қаноатмандист. Дар фарҳанги имрӯзаи Аврупо қонеъ нашудан ба ҳама паҳлӯҳои зиндагӣ ҳисси мусбат ҳисобида мешавад. Дар фарҳанги тоҷик қонеъ нашудан ҳисси манфӣ шуморида мешавад.

Тибқи табиати худ инсон ҳолати шахшударо намепазирад. Чунин ҳис, албатта, манфӣ нест. Гирифтори ҳисси қаноатмандӣ шудан низ, натиҷаи мусбатро намедиҳад.

Равшан аст, ки дар замони муосир талаботи беохири моддӣ, ба даст овардани сарвати зиёд, кашфи асрори табиат, дигаргун кардани он "манфиати" рӯзафзуни зиёде дар арзишиносии одамон ба миён овардааст.

Арзишҳои навин инсонро ба ҳаёти пурҷӯшу хурӯш, ба мубориза ва муваффақиятҳои моддӣ ба даст овардан, даъват мекунад. Ҳама гуна арзишҳои навин, эҳсосот, фикр ва ахлоқи навинро тақозо доранд.

Масъулияти дигари ахлоқӣ худ фидокорист. Фидокорӣ риёзати яквақта набуда, мувофиқи барномаи шахс, ки дар назди худ гузоштааст, амалӣ мегардад. Агар шахси дар роҳи фидокорӣ раванда, муваффақияти бузург ба даст наоварад, то андозае худшиносии ӯ бо роҳи ташаккул додани қобилияти ҳиссию иродавии худ ба дараҷае мерасад. Барои шахс барвақт аз хоб хестан, ба варзиш машғул шудан, хӯроки кам, вале серғизо хурдан, муносибату муоширати хуб дар муҳити зист доштан, аз ришвагирию ришвадиҳӣ озод будан, бо меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кардан, дар маҷмуъ амалҳои фидокорӣ ҳисобида мешаванд.

Масъулияти дигари ахлоқӣ, ин масъалаи худомӯзиву худшиносист. Худомӯзиву худшиносӣ ҳадафи нахустин ва охирини инсон аст. Танҳо худомӯзӣ, омӯхтани дониш ва илм метавонад инсонро ба камолот расонад.

Ҷамъияти инсонӣ бе ахлоқ пойдор буда наметавонад. Ахлоқ пойдеворест, ки бинои зиндагӣ аз ӯ оғоз мегардад. Вай таҳкурсиест, ки илму дониш баҳри беҳбудии ҳаёти мардум дуруст истифода бурда мешаванд.

Ҳар як миллате, ки масъалаи ахлоқро дар таърихи худ масъалаи дуюмдараҷа меҳисобад, ба фасод ва таназзул дучор хоҳад шуд.

Беҳуда нест, ки ниёгони мо, хушбахтона, дар масъалаи аҳамvияти ахлоқ ва рушд намудани шуури ахлоқ андешаҳо баён намудаанд. Ин аст, ки мо ахлоқро ҳамчун падида ва ҷузъи фарҳанг хонда, мардуми худро ҳамчун мардуми фарҳангсоз бояд ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Масъалаи дигаре, ки ба монанди ахлоқ дар ҷомеаи мо муҳим ва зарур аст, ин муайян намудани характери миллии тоҷикон аст. Масъалаи ахлоқ ва характери миллӣ бо ҳам робитаи зич доранд. Робитаи зич доштани ахлоқ бо характери

миллӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки ахлоқ нисбат ба характери миллӣ, ҳамчун "пойдевор" ҳисобида мешавад.

Агар ба таърихи ташаккулёбии андешаҳои ахлоқӣ назар намоем, яке аз муродифҳои мафҳуми "ахлоқ" ин мафҳуми "хислат" аст. Фаҳмиши хислатро дар фалсафаи антиқа дар амали ахлоқии шахс медиданд. Масалан, яке аз шогирдони Арасту – Теофраст таснифи хислатҳои шахсро (дар тақсимбандии 30 гурӯҳӣ) ба мафҳумҳои ахлоқӣ ҷамъбаст намудааст. Ба ибораи дигар, барои муайян намудани хислати шахс, Теофраст аз мафҳум ва мақулаҳои илми ахлоқ истифода бурдааст. Чунин усул аз он далолат мекунад, ки масъалаи ахлоқи шахс ва характери ӯ бо ҳам зич алоқамананд. Агар хислати шахс ва падидаҳои ахлоқии ӯ бо ҳам тавъам бошанд, пас хислати умум низ бо ахлоқи миллӣ алоқаманд аст.

Муайян намудани хислати миллӣ кори осон нест. Аввал ин ки дар таърихи мардумшиносӣ то ба имрӯз аз нуқтаи назари муҳаққиқон ҳеҷ яке аз хислатҳои халқу миллатҳо дуруст ва бо тарзи илмӣ ва қаноатмандкунанда муайян нашудаанд.

Дар масъалаи муайян ва арзишгузорӣ намудани хислати миллӣ мутафаккирони Ғарб кӯшиши зиёде намудаанд. Вале дар ин масъала дуртар аз баёни ҷузъиёти ҷудогонаи хислати миллӣ, нарафтаанд. Масалан, мутафаккирони олмонӣ дар омӯзиши хислати миллӣ, пешқадаманд. Вале дар натиҷа, бо пуррагӣ муайян намудани хислати миллии худи олмониҳо, ба онҳо муяссар нашудааст. Аввал, ин ки хислат ҳамчун падидаи инсонӣ дар адабиёти антропологӣ то ҳол таърифи ягонаро соҳиб нест. Дувум, ин ки бе дуруст муайян намудани хислати фардӣ, муайян намудани "хислати миллат" муяссар намегардад. Аз ин рӯ, дар ҳақиқат муайян намудани мафҳуми "хислат", кори илмии заҳматталаб аст.

Хислати фардӣ ва сохтори он оинаест, ки сохтори хислати миллиро дар он мебинанд. Агар системаи сифатҳои хислати

фардӣ муайян набошанд, пас системаи ҷузъиёти хислати миллӣ низ нопурра ва норавшан мемонад.

Ҷамъият худ маҷмӯи ҳаёт ва фаъолияти фардии нисбатан мустақилест, ки дар якҷоягӣ, бо кору пайкори худ, муносибатҳои гуногуни иҷтимоиро ба миён меоваранд. Яъне бидуни фард худи ҷамъият вуҷуд дошта наметавонад. Ҳар як фард ба худ хислати хосеро дорост. Хислати ҳар як фард бо ҷузъиёташ такрорнашаванда ва нодир аст. Дар маҷмуъ ягонагии фардҳо, ягонагии ҷамъиятро меофарад. Ҷузъиёти муштараки фардҳо, ки дар худ хусусияти умумӣ дорад, умумияти миллиро ташкил медиҳад. Агар мо умумияти сифатҳои ахлоқиву равонии фардҳои гуногунро дар як ҷомеа дарк нанамоем, пас ягонагии чунин сифатҳоро муайян кардан ба мо муяссар намегардад. Аз ин сабаб, хислати миллиро муайян намудан, моро ба мушкилоти "математикӣ" рӯ ба рӯ месозад.

Аз тарафи дигар, муайян намудани хислати миллӣ дар он аст, ки мо ва дигарон ҳамеша дар бораи "менталитет"-и ин ва ё он миллат пурсон мешавем. Муайян намудани хислати миллат, ин муайян намудани менталитети миллат аст. То он ки хислати миллат муайян набошад, менталитети ӯ низ норавшан боқӣ мемонад, ки аз ин сабаб, зарурати муайян намудани хислати ин ва ё он миллат ба миён меояд.

Акнун, чунон ки гуфта шуд, хислати фард ва хислати миллат мафҳумҳои такмилдиҳандаи якдигаранд. Аз ин сабаб қайд намудан лозим аст, ки мафҳуми "хислат" чиро мефаҳмонад? Мо бояд дар заминаи омӯзиши хислати фард, симои равонӣ ва намоди хислати миллиро тасвир намоем. Дар чунин ҳолат ягонагии сифатҳои хислати фардҳо, хислати миллиро ташкил хоҳад дод.

Хислат гуфта, сифатҳои нисбатан устувори равонӣ ва ахлоқиеро номанд, ки дар ҳар як лаҳзаи фаъолияти инсон

зоҳир гардида, ба фардияти ӯ симои нотакрор мебахшанд. Албатта, чунин таъриф, бе дигаргунии мазмунӣ, хислати миллиро ифода карда наметавонад. Пас ягонагӣ ва ҷанбаҳои умумии хислати фардҳои ҷомеа, ки ба таври устувор ва муназзам зоҳир мешаванд, хислати миллиро ташкил медиҳанд.

Масалан, ҳангоми омӯзиши хислати фард элементҳои равонии ӯ бо тариқи муқоисавӣ таҳлил ва баррасӣ мешаванд. Ба қатори элементҳои равонӣ дараҷаи ҷалб намудани диққат, "тасаввури равшан", "ҳаёти рангин", "хотираи қавӣ", "ҳис ва эҳсосоти тағйирёбанда", "тафаккури мантиқӣ", "хусусиятҳои ирода" ва ғайра, дохил мешаванд. Гарчанде, ки ин равандҳо дар хислати миллӣ вуҷуд доранд, вале ин ҷузъиёт мавриди арзишгузории ҷудогона қарор надоранд.

Дар хислати миллӣ ҷузъиёти хислати фардӣ танҳо дар қолаби шакли зоҳирӣ ифода мешаванд, ки дар маҷмуъ вайро "менталитет" меноманд.

Менталитети миллат, аз як тараф, дарбаргирандаи ҳама ҳолатҳои равонии мардум бошад, аз тарафи дигар, инъикоскунандаи муҳимтарин ва умумитарин ҳолатҳои равонии афрод аст. Аз тарафи дигар, гарчанде, ки асоси менталитетро ҳолатҳои равонии одамон ташкил медиҳанд, менталитет худ арзишгузор ва дигаргункунандаи ҳолатҳои равонии мардуми ҷомеа мебошад.

Менталитет ё худ хислати миллӣ, аз як тараф, маҳсул ва аз тарафи дигар, муҳаррики фарҳанги миллӣ ҳисобида мешавад. Дар дараҷаи менталитети миллӣ ҳама дигаргуниҳои равонии мардуми ҷомеа ба тариқи мутамарказ инъикосшавандаанд.

Равандҳои устувори дарк, хаёлот, хотира, тафаккур ва аксуламалҳои мардум дар якҷоягӣ мазмун ва мундариҷаи хислати миллиро ташкил дод. Дар ин ҷо яке аз андешаҳои равоншиносонро бояд мавриди арзишгузорӣ қарор диҳем.

Одатан ду падидаи асосии тинати инсонро қолаби сохтории хислат мешуморанд, ки якеро “ахлоқ” ва дигареро “ирода” меноманд.

Шинохти хислат худҳадаф набуда, ҳамеша мақсад аз омӯхтани он, ба гурӯҳҳо тақсим намудан ва ё тартиб додани типологияи одамон буд.

Азбаски ташхис намудани хислати фардӣ бо ҳама ҷузъиёташ кории мураккаби илмист, антропологҳо кӯшиш ба харҷ додаанд, ки хислати одамонро ба якчанд гурӯҳ ҷудо созанд. Дар антропологияи муосир ин кӯшиш самти илмии типологияро ба вуҷуд овард. Баҳри омӯзиши хислати фард, асосан кормандони ҳуқуқ-криминалистон, табибон ва омӯзгорон ҳавасманданд.

Пас ҳадаф аз омӯзиши хислати миллӣ дар чист ва манфиаташ барои ҷомеа аз чӣ иборат аст?

Аввал, ин ки ҳастии ҳар як фарҳанг далели сифатҳои хислати миллист. Ғоя ва ормонҳои гуногуни дар фарҳанги миллӣ баёншуда, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маърифатӣ, илмӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ, ҷаҳонбинӣ ва ғайра бахшида шудаанд, моҳиятан, муайянкунандаи менталитети миллатанд. Бо ибораи дигар, самтҳои гуногуни фарҳанг инъикоскунандаи паҳлуҳои хислати миллӣ мебошанд. Масалан, яке аз элементҳои муайянкунандаи хислати миллӣ, ин забони миллат аст. Таҳлили забонӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ниҳони психологияи миллӣ ошкор шаванд. Чунин нишондиҳандаҳо хусусияти ташхисӣ ваояндабинӣ доранд, ки самти амали мардумро дар ин ва ё он маврид метавон пешбинӣ намуд. Санҷиши фарҳангии характери миллӣ аз бисёр ҷиҳат моҳияти илмӣ пайдо менамояд.

Бояд дар назар дошт, ки фарҳанг на танҳо ошкоркунандаи хусусиятҳои мусбат, балки элементҳои манфӣ низ мебошанд.

Азбаски фарҳанг инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ–таърихист, ҳама гуна хусусиятҳои мусбат ва манфӣ, ки бештар дар психологияи миллат зоҳиршавандаанд, бо мурури замон, (дар чаҳорчӯбаи қонуни сабаб ва натиҷа) боз аз нав эҳё шуда, дар шуури миллӣ ҳувайдо мегарданд. Чунин қонунияти эҳёи хусусиятҳои фарҳангӣ, қонуни ирсияти инсонро мемонад. Масалан, хусусияти модарзодӣ дар ҳар як насл такроршаванда боқӣ мемонад. Хусусияти фарҳангӣ низ аз ин қонуният берун нест. Аз ин рӯ, фарҳанг яке аз муҳимтарин василаҳое мебошад, ки дар "оина" – и он характери миллиро дидан муяссар мегардад. Бо омӯзиши амиқи фарҳанги миллӣ метавон менталитети миллатро арзёбӣ намуд. Пас беасос нест, ки мо фарҳангро ҳастии миллат номидаанд. Мафҳуми "фарҳанг" яке аз мафҳумҳои бунёдии фарҳангшиносӣ ҳисобида мешавад. Мақулаи "фарҳанг" ба қатори он мафҳумҳое дохил аст, ки ҳам нисбат ба ҳаёти шахсӣ ва ҳам ҷамъиятӣ истифода бурда мешавад. Аз ин сабаб, зарур аст, ки мо каме дар бораи ҷанбаҳои хоси мафҳуми "фарҳанг", аз андешаҳои ҷамъиятшиносони муосир истифода бурда, маълумот диҳем. Хусусияти муқаррарие, ки дар мафҳуми "фарҳанг" истифода бурда мешавад арзиши бунёдӣ дошта, ин ва ё он тарзи ҳаёти инсонро бо ченаки "фарҳангӣ" ва "бефарҳангӣ" баҳо медиҳад. Чунин баҳодиҳӣ ҳам ба шахс ва ҳам ба миллат муносиб дида мешавад. Ба монанди ибораҳои "шахси бефарҳанг", "миллати бефарҳанг" мутобиқи чунин фаҳмиш фарҳанг ҳамчун падидаи мусбат ҳисобида мешавад, ки ба сӯйи фарҳангӣ будан, кӯшиш бояд намуд. Чунин фаҳмиш сабаби ба мақулаи илмӣ табдил ёфтани он гардид. Вале пас аз асри XIX дар тафаккури умум фаҳмиши ғайриаксиологии мафҳуми "фарҳанг" ба миён омад. Бо чунин маъно, мафҳуми "фарҳанг"–ро, новобаста аз хусусияти биологии инсон, омили ташаккулдиҳандаи табиати

инсон ҳисобидаанд. Дар ҳар сурат фарҳанг ҳамчун “оинаи” инъикоскунандаи хислати миллӣ боқӣ мемонад.

Албатта, фарҳанг хислати миллиро дар якчанд шаклҳои худ инъикос мекунад. Яке аз муҳимтарин таҳкурсии фарҳанг забони миллат аст. Дар таҳқиқоти ба фалсафаи фарҳанг бахшидашуда, кӯшиши зиёде баҳри муайян намудани хислати миллӣ бо воситаи забон сурат гирифтааст. Аз тарафи дигар, хислати миллиро на танҳо дар фарҳанги маънавӣ, балки дар фарҳанги моддӣ низ ҷустуҷӯ намудан зарур аст.

Равшан аст, ки фарҳанг низ ба монанди хислати миллӣ нотакрор ва нодир аст. Барои фаҳмиши ҷанбаҳои хоси ин ва ё он фарҳанг ченаки гуманистии шинохти фарҳангро бояд истифода бурд. Азбаски фарҳанг натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва созандагии миллат аст, инсон ҳам субъект ва ҳам объекти фарҳанг ҳисобида мешавад. Пас, ченаки инсонмеҳварӣ – асоси арзишгузорӣ ба ин ё он фарҳанг аст.

Бо чунин ченак фарҳанги тоҷик дар таърихи мавҷудияти худ инъикоскунандаи инсонгароӣ ва инсондӯстӣ гардидааст. Аммо мутаассифона, ин сифат дар фарҳанги мо ҳадди эътидоле надорад. Таҳаммулгароӣ дар ин самт дар фарҳанги мо дар худкамбинӣ ва худношиносӣ айният дода шудааст. Инсондустӣ, эҳтиром ба инсон ба қуввае табдил ёфтааст, ки намегузорад рафтори ғайриинсонӣ то андозае ҷой дошта бошад. Аз ин рӯ, хусусияти асосии хислати миллии тоҷикро ҳисси баланди инсондӯстӣ, муҳаббат ва эҳтиром ба инсон шумоapproximately мумкин аст.

Бояд дар назар дошт, ки хислати миллӣ бо муайян намудани кадом як сифате ба итмом намерасад. Хислати миллӣ аз низоми унсурҳои бо ҳам вобаста иборат буда, дар маҷмуъ падидаи нотакрор ва нисбатан пойдор аст.

**Аслиддин САЛИМОВ**
*сиёсатшинос*

# ПРОБЛЕМАИ БАРОБАРИИ ҶАМЪИЯТӢ ВА АХЛОҚИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ КОШИФӢ

Проблемаи баробарии ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ яке аз мавзуъҳои асосии фалсафаи сиёсӣ ба шумор меравад. Баробарии иҷтимоӣ дар натиҷаи ба идеяи адолат ва ахлоқ такя намудани одамон хосияти амалишавандагиро ба худ мегирад. Ҳамаи тасаввурот ва пешниҳоди инсонҳо дар бораи ахлоқ ва баробарӣ аз ҳаёти воқеӣ сарчашма гирифта, ҳадаф аз он бунёди ҷомеаи боадолат мебошад.

Инсонҳо дар бисёр мавридҳо кӯшиш менамоянд, ки сабаби нобаробарию нокомӣ, беадолатию бадбахтиро аз иродаи Худованд вобаста донанд. Аммо одамони зиёде эҳсос карда наметавонанд, ки тағйиротҳои ҳаётии онҳо маҳз бо сабаби дигаргун шудани ҷаҳонбинӣ ва эҳсосҳояшон мебошад. Аз ин рӯ, ба тақдир ва толеъ бовар кардани одамон боиси хушбахтӣ ва бадбахтиҳояшон намешавад, зеро иддае одамон эътироф мекунанд, ки онҳо тақдири хуб надоранд ва комёбӣ ҳаргиз насиби онҳо нахоҳад шуд. Баръакс, гурӯҳи дигар то вопасин нафасашон баояндаи бузург ва дурахшон гаштани ҳаёташон эътимод доранд. Аз ин рӯ, ба система даровардани сохтори тафаккур ва тасаввур ба назар хеле муҳим мерасад. Асоси чунинояндабинии ҳаётиро онҳо аз таҷрибаи зиндагӣ мегиранд, вале худи ин таҷрибаҳо маҳсули ҷаҳонбиниашон мебошанд.

Кошифӣ дар рисолаи "Ахлоқи муҳсинӣ" масъалаҳоеро гузоштааст, ки бевосита барои тамоми ҳаёт муҳим буда, одамон бо ҳамин арзишҳо зиндагӣ мекунанд. Ин масъалаҳо дар асоси виҷдон, эътиқод, шуур ва зеҳни инсон таҳлил

гардидаанд. Олами атрофро чӣ гуна қабул кардани одамон маҳсули арзишҳои ботиниашон мебошад. Маҳз арзишҳои ҷудонашаванда инсонро водор месозанд, ки ӯ рушд намояд ва талаботҳои азалиашро қонеъ созад. Барои қонеъ гардонидани талабот инсон тамоми роҳро меҷӯяд, то зинда монад ва хушбахтиро эҳсос кунад. Инсон аз оғози тавлид то фаророасии марг ҳамеша дар талоши қонеъгардонидани талаботи ҳаётӣ мебошад.

Кошифӣ дар рисолаи "Ахлоқи муҳсинӣ" сараввал масъалаи "шукр" карданро гузоштааст. Мутафаккир дар ин бора мегӯяд: "Он сипосу ситоиш бошад ҳар мунъимро, чун салтанат бузургтарин неъматҳост, пас султон бояд, ки ба шукргузорӣ ва сипосдории ин неъмат қиём намояд ва шукр ҳам ба дил бошаду ҳам ба забон... "[1.126]. Шукр ин ҷо аз лиҳози моҳият ба маънои оромӣ истифода нашудааст, он аз назари васеи фалсафӣ баррасӣ гардидааст.

Ҷомеа маҷмуи одамонест, ки ҳамаи онҳо новобаста аз хирад ва маънавиёт, қобилият ва истеъдод орзуҳои зиёд доранд. Нарасидан ба орзуҳо одамонро руҳафтода сохта, аз зиндагӣ дилгир месозад ва дар ҳамин ҷараён ҳисси норизоӣ аз ҳаёт дар ботинашон ба вуҷуд меояд.  Ҳар узви худро инсон бояд тобеи тоате гардонад ва онро машғули коре намояд. Масалан, "тоати чашм он аст, ки назар дар мухолифот ба ибрат кунад ва дар заифону зердастон ба шафқат нигоҳ кунад"[1.126].

Манзури мутафаккир, пеш ҳама, ба олам бо чашми хирад, ақл ва тафаккур нигоҳ кардан аст. Яъне, ҷаҳонро на ба таври хаёлӣ, балки бо ақлу заковат шинохтан мебошад. Ҳар он чизеро, ки дар назди мо қарор дорад, бояд онро омӯзем ва хусусиятҳояшро шиносем. Қобилияти шинохтан имкон медиҳад, ки инсон ҳаётро моҳиятан дарк намояд. Бештари низоъҳо аз сабаби хуб наомӯхтани ҳамдигар сар мезананд.

Масалан, низоъҳои оилавӣ низ сабабҳои ҳамдигарнофаҳмӣ ва худхоҳиро доранд.

Ба зердастон ҳамон вақт нигоҳи баробар менамоем, ки онҳоро ҳамчун инсон шиносем ва идеяҳояшонро дарк намоем. Аммо дар бештари маврид инсон хислати боло гузоштани худро нисбат ба дигарон дорад ва дар маврид ҳои зиёд ин ҳолатро мунтазам такрор месозад. Ҳисси бологузории худ аз дигарон ба инсони худкома хос аст. Инсон ҳамон вақт мақбули умум мешавад, ки ба одамон аз рӯйи мақому мартабаи иҷтимоиашон назар накунад ва онҳоро бо ҳам баробар донад.

Кошифӣ нақшу мақоми одамони оддиро баробар бо элитаҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ дидан мехоҳад. Ӯ ба зоти инсон ва қудрати халлоқии ӯ бовар дорад. Ҳамаи онҳое, ки ба нерӯву зеҳнашон такя карда, ба дигаргунсозии ҳаёташон мепардозанд, натиҷаи дилхоҳ ба даст меоранд. Аммо барои дигаргун сохтани ҳаёти иҷтимоӣ шуурро рушд додан лозим мебошад. Оламро одамон гуногун меомӯзанд ва вобаста ба фаҳмише, ки доранд, зиндагӣ хоҳанд кард.

Одамон ҳангоми дарёфт накардани роҳи кӯтоҳи расидан ба орзуҳояшон ба ғаму ғусса (пессимизм) такя карда ба нолидану айбдор кардани давлат, сиёсат ва ҳаёт мегузаранд. Ин раванд тарзи ҳаёти иҷтимоии мавҷударо тағйир надода, болотар аз он, сатҳи зиндагии шахсро хароб тар месозад. Аз ин рӯ, шукргузории умум сулҳро дар ҷомеа устувор мегардонад. Инсонҳоро дар чунин руҳия тарбия кардан аз муҳимтарин вазифаҳои давлат маҳсуб меёбад. Ҳеҷ кас набояд дар нокомиҳояш ношукрӣ намояд ва ба эҳсосот дода шавад, зеро ҳар як ношукрӣ ба ношукрии дигар сабаб мегардад.

Кошифӣ менависад: “тоати даст эҳсон ба фақирону муҳтоҷон. Тоати пой ба мавзеи дарвешону гӯшанишинони бе тамаъ ва зиёрати уламо мебошад. Шукргузорӣ сабаби зиёдии неъмат аст”[1.126]. Инсон дар ҳамаи ҳолатҳои ҳаёт метавонад

некӯкирдор бошад. Бешуурона ба одамон некие кардан маънои инсони нексириштро надорад, балки пайваста ва ногусаста некӣ намудан нишони шахсияти некӯкор мебошад. Эҳсонкорӣ ба фақирон ва муҳтоҷон ин ҳаргиз қаҳрамонӣ нест, балки қарзу фарзи инсон дар назди башар аст. Ҳаёти одамон вобастаи ҳам мебошад. Ҷисми инсон воситаест, ки барои тамоми ҳаёт хидмат мекунад, аммо ҷисм на танҳо барои талаботҳои фардӣ, балки барои ҳаёти руҳӣ низ хидмат менамояд. Маҳз ба ҳамин хотир, мутафаккир эҳсонкорӣ, парҳезкорӣ, накӯкорӣ ва мубориза бар зидди ҳар гуна иллатҳои инсониро заминаи расидан ба баробарии иҷтимоӣ маънидод мекунад.

Ба ҳаёти ҷисмонӣ ва ё руҳӣ хидмат кардани дасту пой аз сохтори заковату андешаи фард вобаста аст. Ҳар қадаре одамон ба қашшоқии маънавӣ гирифтор шаванд, ҳамон андоза онҳо худхоҳ мешаванд. Рушди гуногуни одамон дар сатҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва маънавӣ ба кӯшишҳои фардиашон вобаста аст. Андешаҳои Кошифӣ як навъ ҳақиқатеро мемонанд, ки воқеияти таърихӣ, фалсафӣ, динӣ ва ғайраро аз нигоҳи ақлонӣ собит намуда, роҳро ба сӯи баробарӣ ва адолат нишон медиҳанд.

Фалсафаи сиёсии Кошифӣ метавонад барои рушди гуманизм, алтруизм ва аскетизм хидмат кунад, зеро дар тамоми ҳолатҳо хислатҳои худхоҳӣ доштани сиёсатмадорон ва инсонҳоро ӯ манфӣ нишон додааст. Ношукрӣ, аз нигоҳи ӯ, сабаби камбизоатӣ ва бемориҳои зиёд мегардад. Инсон бояд дар доираи меъёрҳои ақл ва ахлоқ ҳаёташро ба нақша гирад. Ҳангоми некӯкорӣ инсонро иродаи матин ва эҳсосоти наҷиб насиб мегардад. Бинобар ин эҳсонкорӣ бузуртарин парҳез аз ҳар гуна иллатҳо мебошад. Коҳилӣ ба тавлиди бадбахтиҳо сабаб шуда, инсонро боиси танаффур мегардонад.

Дар ҳамаи давраҳои таърихии инсоният одамони қашшоқ, муҳтоҷ ва бепарасторро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, идеяҳои некӯкорӣ ва ахлоқ кӯҳнанашаванда мебошанд. Кошифӣ намегӯяд, ки шароитҳои иқтисодӣ бояд баробар бошанд, аммо ӯ одамонро дар назди Офаридгор ва шоҳ баробар медонад, ки ин нишонаи эътирофи баробар будани одамон дар назди ҳуқуқҳои табиӣ аст.

Кошифӣ дар шунидани ахбор узви шунавоиро мутлақ озод намеҳисобад, зеро ахборҳои манфие вуҷуд доранд, ки одамонро ба роҳи ғалат мебаранд. Агар шуури инсон рушд накарда бошад, онгоҳ ахбори ғалат сабаби ташаккули ҷаҳонбинии нодуруст мешавад.

Ҳаёт дар тасаввуроти мутафаккир ҳамчун як навъ имтиҳон барои инсон аст. Бояд қайд кард, ки аксари ношукриҳо дар мафкураи фард аз муҳити иҷтимоӣ ва мадании ҷамъият сарчашма мегиранд. Ношукрии зиёд нисбат ба ҳаёт сабаби бадбахтиҳои зиёд мешавад, он ба мағрурии фарсудашуда мебарад ва инсонро аз ҷомеа дур месозад. Бо мурури замон иддае аз одамон дар натиҷаи худшиносӣ маҳдудиятҳояшонро дарк мекунанд. Ҳадафи ниҳоӣ ва вазифаи инсон дар ҳаёт бошад, аз сохтани шахсияти худ ва мавҷуди дорои иродаи ахлоқӣ будан аст. Иқрор бояд шуд, ки мутафаккир дар замири ахлоқи ҷамъиятӣ, бунёди баробарии иҷтимоиро мебинад. Ба ибораи дигар, шукр дар осори Кошифӣ ба маънои адолат истифода мешавад. Ҳаёт дар ҷараёни ҳаракати худ ҳамеша тағйир меёбад, бинобарон шукргузориро дар ҳамаи давраҳои он баҷо овардан шарт ва зарур мебошад.

Дар таълимоти  Кошифӣ мафҳуми “сабр” мақоми арзанда дорад. Оид ба ин масъала ӯ навиштааст: “Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар ҳаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад. Зеро сабр мифтоҳи (калиди) кор аст ва дари хонаи роҳаш ҷуз бад-ин калид

накушоянд"[1.129]. Барои мутафаккир сатҳи пурсабрии инсон, дараҷаи камолоти маънавӣ, сохтори фиккронӣ ва эҳсоси некӯкорӣ аҳаммияти бузург доранд. Дар иртибот бо таҳлили масоили гуногун, ҳамчун олами моддӣ ва руҳӣ, андеша ва амалкард, донистан ва фаҳмидан, баробархоҳӣ ва беадолатӣ низ дар таълимоти мутафаккир ҳамчун арзиши ботинӣ баррасӣ мешаванд.

Кошифӣ ба монанди дигар мутафаккирон, бо истилоҳи муосир, тарафдори императиви ахлоқие аст, ки идеяи асосии он "маранҷу маранҷон" мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, фаҳмиши дурусти сабр инсонро соҳибирода сохта, дар руҳи шахс оптимизмро бедор мекунад. Дар ҳаёти инсон ҳаргуна ҳодиса ба амал омаданаш мумкин аст. Бинобар ин дар лаҳзаҳои душвортарин тоқат ва сабр карда тавонистан, хоси одамони дурандеш ва заковатманд мебошад.

То ҳол кӯшиши муттаҳид сохтани нерӯҳои ахлоқӣ барои башар ҳамчун праблемаи доимӣ қарор дорад. Маҳз хоҳиши айни ҳол расидан ба орзуҳои душвор ба таври хаёлӣ одамонро ба роҳи ғалат мебарад. Одамон медонанд, ки умр барои онҳо як маротиба дода мешавад. Бинобар ин мехоҳанд талаботҳояшонро бо осонтарин роҳҳо қонеъ созанд. Аммо тасаввуроти одамон дар бораи он, ки ингуна роҳҳо хеле кам мебошанд, вуҷуд надорад. Ҳар он чизе ки дар тасаввуроти инсон вуҷуд дорад, ҳақиқат буда наметавонад.

Сабр низ аз нигоҳи Кошифӣ ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ барои оромии руҳи одамон эҷод нашудааст. Он як навъ мубориза барои ҳаёт мебошад. Инсонҳо бояд тасаввур намоянд, ки дар паси ҳар гуна заҳматашон комёбӣ ниҳон аст. Ҳаёт ҳолатҳои вазнинтарине дорад, ба монанди марг, хиёнат, куштор ва ҳоказо, ки бешубҳа дар ин раванд ба инсон сабр зарур мебошад.

Пас, ҷанини пайдоиши ахлоқ аз раванди босуръат рушд кардани шуур ба вуҷуд меояд ва сонияи талаботҳо бо роҳи рост қонеъ мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки танҳо бо инкишофи ахлоқи фардӣ баробарии иҷтимоӣ таъмин мегардад.

Масъалаи "адолат" ҳангоми амалнамоӣ дар мавриди таваҷҷуҳи Кошифӣ қарор гирифтааст. Дар ин бора ӯ менависад: "адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсони он ки марҳами роҳате бар ҷаҳолати маҷруҳон ниҳанд. Дар хабар омадааст, ки як соат адли подшоҳ дар паллаи мизони тоат роиҷтар аст аз ибодати шастсола, зеро ки натиҷаи ибодат ҷуз ба омил бирасад ва фоидаи адл ба хосу ом ва хурду бузург ва асли бурдбории мулку миллат баракати он қоиму манзум шавад ва савоби адл аз ҳадду ҳисоб афзун аст ва аз мизи қиёс берун"[1.142].

Ба назари Кошифӣ ҳақиқати ягонае вуҷуд дорад, ки метавон онро аз ҳама арзишҳои умумиинсонӣ боло гузошт, ки он адолат аст. Адолат ягона мафҳумест, ки дар таълимоти мутафаккир ба дараҷаи идеали олӣ расонида шудааст. Гузашта аз ин, ӯ барои идоракунандагон дар асл донистани принсипи маънавии адолатро лозим медонад. Ҳатто ибодат наметавонад то ба дараҷаи адолат бирасад. Хидмат ба мазлумон, бепарасторон ва халқи заҳматписанд ин ибодати воқеӣ дар назди Худованд мебошад. Ҳисси адолатро дар вуҷуди хеш бедор намудан лозим аст, то нерӯҳои хобрафта эҳё гарданд. Ҳар қадаре, ки сохтори фикрронии фард дар хусуси адолат рушд намояд, ҳамон андоза дар ҷомеа шахсияти ӯ нуфуз ва мақоми баландро соҳиб мегардад.

Идеяҳои мутафаккир дар хусуси баробарии иҷтимоӣ ва адолат ба таври ҳамафарогир дар ҷомеа ва сохторҳои идоракунанда нишон дода нашудаанд. Аммо рушди тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ ба худи ҷомеа ва подшоҳ вобаста

шудаанд. Иродаи подшоҳ дар бунёди адолат барои ӯ асосӣ мебошад. Зуҳури ирода агар ба қонунҳои ахлоқӣ ва ақлонӣ наздик набошад, онгоҳ он метавонад сабаби нобаробариҳо гардида, ба ҳаёти осоиштаи ҷомеа осеб расонад. Аз ин рӯ, подшоҳ барои нигоҳ доштани имкониятҳои баробарии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вазифадор мебошад. Ба вуҷуд овардани адолат дар ҷомеа рисолати азалии подшоҳ маҳсуб дониста мешавад. Кошифӣ дар ин бора законатмандона менависад: "Ҳукамо гуфтанд: адл баробарӣ нигоҳ доштан аст миёни халқ"[1.144].

Аз ин идея чунин хулосае бармеояд, ки мутафаккир ҳақиқати ягонаи адолатро дар баробарии иҷтимоӣ мебинад. Оре, ҳар як фарди ҷомеа бояд бикӯшад, ки фардияти худро дошта бошад ва барои имкониятҳои баробарӣ мубориза барад. Ҳаракати иҷтимоӣ ва дигаргун гаштани муносибатҳои ҷомеа вобаста аз инкишофи ахлоқи суннатӣ мебошад Таҳқиқи идеяҳои Кошифӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ мубаллиғи адолат ва баробарӣ мебошад: баробарии инсонҳо дар имконият, баробарии сиёсӣ, баробарӣ дар имкониятҳои иқтисодӣ ва ғ. Моҳияти адолати иҷтимоӣ низ дар мавҷудияти чунин баробариҳо инъикос меёбад.

Шикастани нафси худро Кошифӣ як навъ мубориза барои рушди баробарии иҷтимоӣ маънидод менамояд. Эҳсосҳои манфӣ дар ботини инсон месабзанд, рушд мекунанд ва худи дорандаи ин арзишҳоро дар охир нобуд месозанд.

Дар тасаввуроти одамони бадахлоқ ҳарисӣ, маҳдудият, тангдастӣ, тарс, туда, айбдорнамоии дигарон ва дар мавриди аввал гузоштани тамоми манфиатҳои шахсӣ меистад. Дар ҳамин ҳолатҳо золимии шахс ва одилии ӯ намоён мешаванд. Миёни андешаи одилона ва золимона як қадам роҳ аст, аммо аз золимӣ ба одилӣ гузаштани одамон хеле душвор мебошад.

Одамон бояд дар руҳияи зулмпарастӣ тарбия наёбанд, зеро инсони зулмпараст рӯзе ба дигарон низ зулм мекунад.

Подшоҳ халқро метавонад дар руҳияи ахлоқ ва маънавиёт тарбия кунад ва ё баръакс, онро бе дарназардошти ахлоқ идора намояд. Ба ҳамаи одамон бо чашми баробар нигаристани подшоҳ, боиси пайдоиши ҳисси баробарӣ ва бародарӣ дар ҷомеа мегардад. Баробарӣ на дар маънои он, ки ба олиму золим якранг муносибат намоӣ, балки мувофиқ ба қобилияташон ба онҳо имконият додан аст. Озодӣ дар ҳамон вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки ба озодии дигарон монеае эҷод накунӣ.

Ба назар муҳим мерасад, ки андеша дар бораи он, ки баробарӣ озодиро маҳдуд мекунад, ба таври нодуруст ва яктарафа дар шуури иддае одамон шакл мегирад. Онҳо зимни ин танҳо баробарии муносибатҳои иқтисодиро дар назар мегиранд, аммо дар назди арзишҳои умумиинсонӣ ва умумимазҳабӣ ҳамагон баробар мебошанд. Мо наметавонем гурӯҳи одамонро равшанфикр ва гурӯҳи дигарро "торикфикр" унвон кунем. Ба одамони оддӣ назари паст дошта, ба шахсони мансабдор хушомад накардан, танҳо фикри онҳоро ҳақиқат наҳисобидан, миёни афроди ҷомеа марз нагузоштан аз сифатҳои муҳимтарин дар таълимоти Кошифӣ мебошанд.

Барои мавҷудияти баробарӣ инсонҳо бояд ҳуқуқро низ донанд. Надонистани ҳуқуқҳои табиӣ аз набудани маърифати ҳуқуқӣ сар мезанад. Шуури ҷомеа дар кадом самте, ки сиёсатмадорон онро раҳнамоӣ мекунанд, инкишоф меёбад. Дар ҳамин замина аз нигоҳи Кошифӣ ба ҳама баробар муносибат намудани подшоҳ маърифати оммаро рушд медиҳад ва одамон худро дар ҷомеаи боадолат тасаввур мекунанд. Аз ин рӯ, чунин идеяҳои мутафаккир ба ҳаёти амалӣ наздик буда, ба афкори умум таъсири мусбат

мерасонанд. Чунин роҳро барои расидан ба ахлоқ ва баробарӣ Кошифӣ тавассути аз худ кардани илм мебинад.

Баробарӣ ва адолат масъалаҳои аз ҳам ҷудонашаванда буда, одамон онро бояд баробар маърифат кунанд. Ниёзи одамон ба адолат яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар фалсафаи сиёсии Кошифӣ аз нигоҳи ахлоқ ва принсипҳои маънавӣ тасвир ёфта аст. Инсон танҳо худ метавонад ба талаботҳои беохираш ҷавоб гӯяд ва онҳоро қонеъ созад. Дар фаҳмиши психологӣ ва иқтисодӣ одамон ба хатогиҳо роҳ медиҳанд ва аз ҳамин сабаб низоъҳои иҷтимоӣ сар мезананд. Фаҳмиши инсон ҳарчанд ҳудуди муайян надорад, вале бештари одамон ҳатто заруртарин қонунҳои барои ҳаёти ҳаррӯзаашон муҳимро дарк намекунанд. Инсонҳо арзишҳои табиӣ доранд, ба монанди истеъдод ва қобилият, ки дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт ба онҳо мадад мекунанд, аммо рушди шуур мебояд, то онҳо имконияти дар майнаашон бударо тавассути қобилият ва истеъдод истифода баранд.

Кошифӣ менависад: "Аз ҷумлаи адл шунидани каломи додхоҳ аст, яъне гӯш ба сухани мазлумон кардан ва рӯи лутф ба сохтани муҳимми эшон овардан ва аз он, ки бисёр гӯянд, малул набояд шуд ва ба танг набояд омад, зеро ки подшоҳ ҳукми табиб дорад ва мазлум ба мисли бемор аст ва мариз мехоҳад, ки тамоми аҳволи худро пеши табиб боз гӯяд"[1.146]. Тавассути ин мутафаккир исбот карданӣ мешавад, ки подшоҳ дар сарнавишти одамон метавонад дигаргуниҳои бузург ворид созад. Бо фишору зӯрӣ ба қалби инсонҳо роҳ ёфтан ғайриимкон мебошад. Бинобар ин Кошифӣ ба одамон тавассути андешаи солим ва рушди идея идора карданро нишон медиҳад. Шунида тавонистани инсонҳо санъатест, ки подшоҳ тавассути он ба боварии умум сазовор мегардад. Кошифӣ бовар дошт, ки ҷомеаи ахлоқбунёд ва ақлгаро дар ҳаёти мардум зарур аст ва бунёди чунин ҷомеа имконпазир

мебошад. Дар чунин ҷомеа ба зиндагии мардум дахолат кардан ба нобаробариҳои иҷтимоӣ мерасонад.

Мутобиқи чунин фаҳмиши идеяи адолат ҳар як тасмимгирии иҷтимоӣ бояд барқарор кардани баробарии иҷтимоӣ бошад ва то ҷое, ки мумкин аст, ҳама чизи барои зиндагӣ зарурӣ бояд баробар тақсим карда шавад. Агар инсонҳо хоҳанд, ки дигаронро ба ҷомеаи боадолат даъват намоянд, бояд олами ботинии худро аз худпарастӣ ва ҳар гуна эҳсосоти бад тоза созанд ва моҳияти некӯкирдориро бифаҳманд.

Ҷаҳолат гаҳвораи нобаробарии иҷтимоӣ ва адолат сарчашмаи баробарӣ мебошад. Мағрурии подшоҳ ба зулму ситам мебарад ва инсондӯстии ӯ ба озодӣ ва баробарӣ сабаб мешавад. Чунин усули таъмини баробарии умум дар фалсафаи ахлоқии Кошифӣ барои сиёсатмадорони замони ӯ пешниҳод шудааст. Ба андешаи ин мутафаккир дар ин самт бо ҳама мардум бояд ба таври баробар муносибат кард. Аммо одамон набояд барои сазовор шудан ба зиндагии хуб аз дигарон умедвор бошанд ва тақдирашонро ба дигарон супоранд, балки барои ба даст овардани шароити моддӣ ва маънавӣ пайваста заҳмат кашанд.

Подшоҳ, аз нигоҳи Кошифӣ, бояд ба одамоне, ки тарзи дурусти зиндагиро намомӯхтаанд, чораҳои муҳим пешбинӣ намояд ва бо сабаби заифии ақлу идрокашон аз онон рӯй натобад. Вале бояд таъкид кард, ки мутафаккир барои бунёди ҷомеаи боадолат идоракунандаи дорои ахлоқро меписандад ва тавассути ахлоқ баробариву бародариро тасаввур менамояд.

Агар подшоҳ мувозинатро нигоҳ надорад, ба ақидаи Кошифӣ, онгоҳ ба амал омадани ихтилофҳо миёни ҷомеа сар мезанад. Ба андешаи ӯ, одамон моҳияти ҳаётро танҳо ҳангоми дарк намудани ахлоқ мефаҳманд. Подшоҳ барои ба чунин мартабаи таҳаммулгароӣ расидан, бояд зербинои идеяҳои

маънавӣ ва ақлониро гузорад. Танҳо заковат ва хирад метавонанд шоҳро дар чашми инсонҳо бузург тасвир намоянд ва ба онҳо умед баояндаи дурахшонро диҳанд.

Мубориза барои ҳаёт ҳамеша дар ниҳоди инсонҳо зуҳур мекунад ва вобаста ба иродаи шахсӣ онҳо имкониятҳо ба даст меоранд. Ҳар қадар ин муборизаҳо бешуурона бошанд, ҳамон андоза баробарии иҷтимоӣ аз байн меравад. Дар ҳаёти воқеии инсонҳо ҳодисаҳои зиёд ба амал меоянд ва бояд он ҳодисаҳо сабаби рушди равонӣ ва баробарӣ гарданд.

Шунидани мардум ва азму иродаро сарфи кори халқ намудани подшоҳ дар таълимоти Кошифӣ вазифаи асоситарини ӯ маҳсуб меёбад. Халқ аз он сабаб ба подшоҳ фикри худро оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ баён менамояд, ки иродаи он тобеи ҳокимият мебошад. Баробарии иҷтимоӣ ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки подшоҳ ҳамагонро баробар шунавад ва ба онҳо мувофиқи қобилияташон имконият фароҳам оварад. Кошифӣ оид ба ин менависад: "адл хубтарин фазилат аст ва зулм зишттарин разолат аст. Натиҷаи адл бақои мулку вусъати мамлакат аст..." [1.151].

Дар ҷомеаи боадолат фикру андешаи сулҳ, ахлоқ, эътимоду эҳтиром нисбат ба фикри ҳамдигар ва баробарии имкониятҳо вуҷуд доранд. Тамоми кӯшиши Кошифӣ барои он аст, ки золимон ва мазлумонро ба иттифоқ оварда, байни онҳо баробарии иҷтимоӣ барқарор кунад. Ӯ дар осори худ зарур мешуморад, ки сиёсатмадорон соҳибақлу бечоранавоз ва одамон қаноатпешаю дурандеш бошанд ва ҳамаи аъзоёни ҷомеа аз худхоҳӣ ба худсозӣ гузаранд.

Кошифӣ барои рафъи нобаробариҳо дар ҷомеа ва ҷорӣ намудани баробарӣ сохти подшоҳиеро пешниҳод менамояд, ки дар асоси ахлоқу некӯкорӣ ва илму фарҳанг сохта шуда бошад. Фаҳмидани он душвор нест, ки дар афкори сиёсии Кошифӣ мавзуъҳои салтанат, тарзи идоракунӣ, адл,

додгустарӣ ва инсонсозӣ, ки ҳамеша ногусаста аз ҳам баён меёбанд, аз проблемаҳои марказӣ ба шумор рафта, тавсифи баробарии иҷтимоӣ ва мазаммати зулм ҳамеша пайваста таъкид шудаанд. Мутафаккир дар тамоми давраҳои эҷодиёташ ба чунин масъалаҳои иҷтимоӣ рӯй оварда, дар мавридҳои гуногун мутобиқан ба муҳити иҷтимоӣ ва сатҳи фаҳмиши сиёсии худ ба ҷомеа ва сиёсатмадорон андешаҳои созанда пешниҳод кардааст.

Дар баробари ин, Кошифӣ дар тамоми асараш "Ахлоқи муҳсинӣ" чунин модели давлатдориро тарғиб менамояд, ки манфиатҳои халқ ва шахс ҳимоят ёбанд. Агар манфиати раъият ҳимоят нашавад, ин боиси бадбахтии мулк мегардад. Ба ақидаи ӯ, асосҳое, ки ҷамъияти идеалии инсонӣ дар пояи онҳо бояд бунёд гардад, заҳмату меҳнати пок, ахлоқу адолат ва илму дониш мебошанд. Ӯ аз зумраи он мутафаккиронест, ки сарчашмаи ҳар гуна адолатро дар идеяҳои ахлоқӣ дида, пешравии инсониятро вобаста аз принсипҳои баробарии иҷтимоӣ маънидод мекунад. Баробарии иҷтимоиро бошад, механизмҳои рушди адолат таъмин менамоянд.

Ахлоқ дар таълимоти Кошифӣ ҳадяи тақдир барои инсоният фаҳмида мешавад. Ахлоқ ва баробарӣ монанди обу хок бо ҳам алоқамандии зич доранд, бинобар ин одамон ба моҳияти ҳарду падида бояд сарфаҳм раванд. Модоме, ки наздикӣ миёни ахлоқ ва баробарӣ вуҷуд дорад, пас фазои ғоявӣ, фалсафӣ ва шуури ҷомеаро пайваста ба ҳамон самт ҳидоят кардан зарур аст. Махсусан фаҳмидани он муҳим аст, ки одамон пеш аз он, ки боахлоқ, боадолат ва озод бошанд, аввалан худи ҳамин идеяҳоро бояд дар мафкураашон дошта бошанд. Ахлоқ на танҳо тартибот ва назоратро дар бар мегирад, балки дар як вақт маҳсули амалҳои инсонҳо буда, он заминаи худсозӣ ва худинкишофдиҳӣ мегардад.

Ба ибораи Кошифӣ арзиши инсон дар он аст, ки ӯ худро ҳамчун шахсияти боирода, бомуҳаббат, бовиҷдон шиносад. Маҳз дар ҳамҷӯрии ахлоқ ва адолат низоми муносибатҳои баробарӣ барқарор мешавад. Гузашта аз ин, ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамон ҳолат самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар одамон мувозинатро дар қисмҳои таркибии он риоя карда ва ба ҳамдигар хиёнат наварзида, ёрӣ расонанд, зеро бетартибии муносибатҳои иқтисодӣ аз хислатҳои инсонӣ сарманшаъ мегирад.

Кошифӣ муътақид бар он аст, ки танҳо аз тарафи подшоҳ баробарии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Як лаҳза бетарафӣ ва бепарвоии подшоҳ нисбати халқ имкон дорад ба бадбахтиҳои бузург сабаб шавад. Подшоҳ ҳамон вақт адолатпеша буда метавонад, ки агар идеяи адолат ва ахлоқро дар замираш дошта бошад. Подшоҳ муҳити иҷтимоиро меофарад ва онро тағйир медиҳад. Аз ин рӯ, ба ривоятҳои дар ин мавзуъ овардашудаи мутафаккир аз нигоҳи фалсафаи сиёсӣ баҳо додан зарур мебошад.

Кошифӣ инчунин оид ба масоили "саховату эҳсон" руҷуъ менамояд. Саховат, менависад мутафаккир, "сабаби некномӣ ва эҳсон муъҷиби дӯсткомиву ҳуҷастафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифате одамиёнро ва хусусан ашрофу бузургони эшонро беҳ аз ҷуду сахо нест"[1.165]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки барҷастагии фард бо саховат ва эҳсонкории ӯ тасдиқ мегардад. Бузургии инсонҳо аз хислатҳое, ки онон дар ботинашон мепарваранд, намоён мешавад. Дар ҷомеа номумкин аст, ки ҳамаи аъзоёнаш саховатпеша бошанд, аммо ба одамони ҳасуд баробар набояд шуд. Таҷрибаи ҳаётӣ ва ахлоқи инсонӣ Кошифиро ба дарки ин мазмунҳо овардааст.

Ҳар як бадахлоқӣ, аз диди Кошифӣ, натиҷаи фаҳмиши нодурусти озодӣ ва идора накардани эҳсосоти бад мебошад. Бадахлоқӣ рушди фикри инсонро маҳдуд месозад. Хасисӣ

низ нишонаи баланд гузоштани манфиатҳои фардӣ буда, зиёда аз ин, ба комёбии дигарон монеа эҷод мекунад. Ҳасад, рашк, хасисӣ, бадфикрӣ ва дигар иллатҳо дар вуҷуди инсонҳо азалӣ падид намеоянд, балки онҳо маҳсули муҳит ва натиҷаи тарбияи инсон мебошанд.

Саховату эҳсонкорӣ низ хислати модарзодӣ нест, балки маҳсули кӯшиши пайваста ва ногустаи инсон дар ҳаёт мебошад. Одамони эҳсонкор ба моҳияти ҳаёт зуд сарфаҳм рафта, ба нотакрор будани ҳар лаҳзаи умр бовар доранд ва дар бораи корҳои бузург меандешанд. Саховатпешагӣ инсонро водор месозад, то дар тамоми ҳаёти хеш ба одамон чизе дода бошад. Ин гуна шахсиятҳо бо хислатҳои нотакрори худ ба тамоми одамон намунаи ибратбахштарин ва умедбахштарин шуда метавонанд, зеро дар замири онон ҳеҷ гуна ғараз мавҷуд нест.

Мавҷудияти инсоне, ки Кошифӣ тасвир менамояд, дар ҳамаи замонҳо ва дар ҳар гуна ҷомеаҳо новобаста аз миллат ва нажод зарурати таърихӣ мебошад. Маҳз одамони эҳсонкор ба бунёдкориҳо даст мезананд ва ба дигарон имконият меофаранд. Онҳо барои ҷомеаи адолатпарвар замина месозанд ва одамонро дар руҳияи таҳаммулгароӣ, тавоноӣ, инсондӯстӣ тарбия мекунанд.

Дар асари “Ахлоқи муҳсинӣ” идеяҳои сиёсии Кошифӣ хеле ба таври равшан маълум гардида, нақши “сиёсат” дар бунёди ҷомеа асосӣ дониста мешавад. Ба назари ӯ, сиёсат дар рафти татбиқи худ бунёди ҷомеаи инсониро шакл медиҳад. Сиёсат, аз ҷониби мутафаккир, сабаби инкишофи ҳар гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сарманшаи тартиботи ҷамъиятӣ маънидод мешавад. Аз диди ӯ, бо вуҷуди мавҷудоти бохирад будани одамон аз болои онҳо назорат ва барояшон бунёд кардани тартиботи ақлонӣ зарур мебошад.

Барои Кошифӣ сиёсат на тартиботи хушку холӣ, на ба даст овардани сарват, на оромии руҳи одамон, балки қувваест, ки дар тамоми ҳаёт баробарии иҷтимоиро пуштибонӣ менамояд. Баробарӣ маҳз дар назди қонун ва сиёсат зуҳур мекунад. Ӯ дар хусуси сиёсат менависад: "он забт кардан аст ва доштани сиёсат ду навъ аст: яке сиёсати нафси худ, яке сиёсати ғайри худ. Ва аммо сиёсати нафс бар интизоми ахлоқ замина аст. Ва касби авсофи ҳамида ва сиёсати ғайр аз ду қисм аст. Яке сиёсати хосу муқаррибони даргоҳ ва забту насақи эшон ва дуввум сиёсати авом. Сиёсати авом бар он ваҷҳ аст, ки бадону бадфеълонро бояд, ки пайваста тарсону ҳаросон дорад. Ва некону неккирдоронро умедвор созад"[1.207].

Сиёсати нафси худ, дар таълимоти Кошифӣ, маҳдуд кардани талаботҳои беҳудуд аст, ки дар доираи ақл ва адл намеғунҷанд. Аз ин рӯ, онҳое, ки нафси худро идора мекунанд ва умри худро ба некӯкорӣ бахшидаанд, дар ҳаёт аз дигарон бештар худро комёб ва муваффақ меҳисобанд. Онҳое, ки аз идораи нафси худ намебароянд, дар ҳақиқат одамони бадбахт мебошанд. Ҳар гуна мансаб шахсиятро метавонад, комёб гардонад, аммо ин дар ҳамон маъност, ки инсон суистифода аз он накунад.

Чуноне, ки мебинем дар ин қисми таълимоти Кошифӣ сухан дар бораи худсозӣ ва худидоракунӣ меравад, зеро инсонҳо барои тамоми ҳаёт роҳҳои қонеъ гардонидан ва идора намудани нафси худро тавассути ҳамин худсозӣ ва худҷӯӣ таъмин месозанд. Сиёсати нафсонии фард аз рафторҳои ахлоқиаш муайян мешавад. Барои ин бояд ба одамон чӣ гуна идора кардани нафси фардиро омӯзонид. Бояд одамон дарк намоянд, ки моҳияти онҳо ахлоқ мебошад ва аз ин рӯ, нафс ҳамчун талаботи азалӣ пазируфта шавад. Аммо инсон ҳеҷ гоҳ дар ягон замон набояд ғуломи нафси худ гардад. Одамоне, ки

ғуломи нафс мешаванд, дар ниҳояти кор танҳо худро нобуд мекунанд.

Шарти асосии сиёсати нафси худ такя намудан ба ахлоқ ва худсозӣ мебошад. Барои ин бояд инсонҳо ба моҳияти нафси худ сарфаҳм раванд. Ҳар қадар инсонҳо аз идораи нафси худ бароянд, ҳамон андоза баробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа ташаккул меёбад. Ахлоқ одамонро ба тарзи зиндагие роҳнамоӣ месозад, ки дар он ҳам озодии ҳақиқӣ, ҳам баробарии иҷтимоӣ эҳсос карда мешавад. Чунин тарзи зиндагӣ барои инсонҳо мушкил нест, аммо мушкилии асосӣ дар хоҳиши умум мебошад. Дар ҷаҳон инсонҳои бадахлоқ нисбат ба некахлоқон зиёдтар мебошанд, ҳатто одамони бузург низ дар назди нафсу ҳирс баъзан оҷиз мемонанд. Аз ин рӯ, дар таърихи фалсафаи тоҷик мутафаккирони зиёд аз ҳаёти ҷисмонӣ гузашта, ба олами руҳонӣ наздик шудани инсонҳоро аз омилҳои калидӣ барои бунёди баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи боадолат медонанд. Дар ҷаҳонбинии Кошифӣ низ ахлоқ на дар шакли умумӣ, балки дар шакли як системаи муайян ҷой дорад. Инкишофи ахлоқи фардӣ дар он ба рушди коллективи ҷомеа сабаб мегардад. Идораи нафс дар ин таълимот охирин нуқтаи поксозии замири инсонҳо маънидод мешавад. Чунин сиёсат бо ахлоқ ҳамоҳангӣ дошта, агар инсонҳо ба чунин сиёсат рӯ оранд, онгоҳ дар ҷомеа дуздӣ, ришвахитонӣ, фоҳишагарӣ, хиёнаткорӣ ва дигар иллатҳои умумиинсонӣ ба вуҷуд нахоҳанд омад.

Бояд хотиррасон намуд, ки ахлоқи ҷамъиятиро Кошифӣ дар маънои нисбӣ намефаҳмад ва иҷрои онро барои ҳамаи инсонҳо имконпазир меҳисобад. Ахлоқи пок дар ду олам инсонҳоро ба саодат мерасонад, бадахлоқӣ ба бадбахтӣ мебарад. Иқрор бояд шуд, ки идеяи бартар аз баробарии иҷтимоӣ ва адолат дар ҷаҳон вуҷуд надорад, аммо ҳаёт муаммоҳо дорад. Ин хуб аст, ки одамон зиндагии худро сохта

тавонанд, лекин хубтарин роҳ танҳо тавассути ахлоқ имконпазир аст.

Таҳлилҳои боло ба чунин хулоса меоранд, ки барои Кошифӣ берун аз ахлоқ ҳеҷ чиз вуҷуд надорад ва ҳеҷ чизи ғайриахлоқӣ абадӣ намемонад. Сарватмандӣ орзуи ҳамаи инсонҳо аст, аммо инсони ахлоқӣ аз ҳама сарватманд мебошад.

Сиёсати хосон ё арбобони давлат бошад, аз нигоҳи Кошифӣ, дуюмин навъи сиёсати идоракунӣ маҳсуб мешавад. Арбобони давлат бояд фардҳое бошанд, ки хислатҳо ва омилҳои пешрафт ва маҳдудияти халқро донанд. Ба одамони гунаҳкор ва бегуноҳ набояд якранг муносибат кунанд. Дар ин самт подшоҳ бояд суботу пойдорӣ ва роҳи ҳалли мушкилоти ҷомеаро дида тавонад.

Ба ҳамин тариқ, Кошифӣ ахлоқро чун роҳи асосии расидан ба баробарии иҷтимоӣ ва ҷомеаи боадолат мебинад. Ҳар он чизе, ба ахлоқ мансуб нест, аз диди ӯ, ба инсонҳо зарар дорад. Ҳар он чизе, ки ба инсонҳо раво дида мешавад, бояд дар тарозуи ақл баркашида шавад. Дар ин самт на ҳар он чизе, ки воқеӣ аст, оқилона мебошад. Ҳама чиз дар асоси ақл ва ахлоқ метавонад дуруст бошад. Сиёсатмадорон, аз нигоҳи мутафаккир, бояд ба хотири баробарии иҷтимоӣ ва адолат мубориза баранд. Идеяи онҳо ва тарзи зиндагии онон ба руҳияи мардум таъсирбахш аст. Ҷомеа аз диди фалсафаи иҷтимоию сиёсӣ идеалӣ буда наметавонад, лекин дар он набояд идеяи беадолатӣ ҳукмрон бошад.

Адабиёт

1. Кошифӣ, Ҳ.В. Футуватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В.Кошифӣ. - Душанбе., 1991.

2. Олимов К. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат. – Душанбе: ҶДММ "Табъу нашр" 2023. – 320 с.

**Толибзиё САФДАРШОЕВ**
*ходими илмии*
*Маркази мероси хаттии*
*назди Раёсати АМИТ*

## НАШРУ БОЗНАШРИ МЕРОСИ ХАТТӢ: МАРҲИЛАҲОИ ОМӮЗИШ ВА ТАҲҚИҚ

Бояд қайд кард, ки марҳилаҳои омӯзиши дастхатҳо, хусусан осори бадеии он, давраҳои дуру дарози таърихӣ дорад. Сабти қисматҳои боқимондаи "Авасто"-ро дар рӯи пӯстҳои гов, ки 3000 (се ҳазор) сол пештар ба амал омада буд, метавон оғози матншиносии дастхатҳо номид.

Марҳилаи аввалини омӯзиши дастхатҳо дар замонҳои гуногун ҷамъоварӣ шуда, таҳқиқ гардидаанд. Матнҳои осори хаттӣ ва шифоҳӣ навишташударо аз нигоҳи таърихи эҷод, такмил, тахрир ва шаклҳои мазмунӣ омӯхта, дар фарҳанг як илми мустақил ташаккул ёфтааст.

Марҳилаи дуюми равнақ ва омӯзиши дастхатҳои қадимӣ тақрибан асрҳои XI, XIII-XIX-и мелодиро дар бар мегирад. Ҷуғрофия ва ҷойи китобати ин дастхатҳо асосан Мовароуннаҳр, Афғонистон, Ҳинду Покистон, Эрон, Қафқоз, Қошғар (Чин) ва Паволжйеи Русия буда, дар манотиқи мазкур ба навъҳо ҷудо карда китобат шуданд. Дар ин давра, дар ин сарзаминҳо забони форсӣ пешрафта буд ва муносибатҳои фарҳангӣ нақши бузурге доштааст.

Қадимтарин дастнавис дар Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ Ганҷинаи мо, ба асри Х1-и мелодӣ таалуқ дошта, навтаринаш дар ибтидои сари XX рӯйнавис гардидааст. Ин дастнавис бо номи "Бӯстону -л-орифин"-и Абулҳайси

Самарқандӣ дар Ганҷинаи мо маҳфуз аст, ки дар асри Х1 китобат шудааст.

Таҳқиқу омӯзиши дастнависҳо нишон дод, ки дар байни ёдгориҳои хаттии ин Ганҷина нусхаҳои беҳтарину пурарзиш, нодир ва хеле қадимаю аслӣ ва мукаммал мавҷуд ҳастанд.

Дигар дастнависҳои қадимаи Ганҷинаи мо, нусхаҳои "Таърихи Табарӣ" тарҷумаи форсии Абуалии Балъамӣ (вафоташ 363/974 ) таҳти рақами 2000, „Ат-тафҳим ли авоили саноъати- т - танҷим"-и Абурайҳон Берунӣ (вафоташ 430/1038 ) таҳти рақами 385, „Кимёи Саодат"-и Абуҳомид ибни Муҳаммад Ғазолӣ (вафоташ 506/1111) таҳти рақами 1008, „Куллиёти Саъдии Шерозӣ" таҳти рақами 503, „Шарҳу-л-қофия фӣ - наҳв"-и Разиа-д-дин Муҳаммад Астарободӣ асри Х111 (вафоташ 690/1491) таҳти рақами 4331 ва амсоли инҳо мебошанд.

Инчунин, қадимтарин нусхаҳои хаттӣ дар Ганҷина мавҷудбудаи девонҳои ашъори шоирону таърихшиносони асрҳои XV1- X1X монанди Ваҳшии Бофиқӣ, Қассоби Кошонӣ, Сайидои Насафӣ, Шамсиддин Шоҳини Бухороӣ мебошад, ки нусхаҳои пурраи онҳо дар ҳеҷ аз феҳристҳои китобхонаҳои ҷаҳон пайдо нашудаанд.

Марҳилаи сеюм кашфи осори хаттии дастхатҳо ҳанӯз аз солҳои 1920-уми асри гузашта ба миён гузошта шуда буд. То солҳои 1920 давраи муваққатан таъсис додани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар қаламрави кишвар ягон китобхонаи давлатию шахсӣ вуҷуд надошт. Дар ин давраҳо, дар дигар навоҳии Осиёи Миёна, дар шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва дигар шаҳрҳо дасхатҳоро байни соҳибон ва аҳолии ин шаҳрҳо наметавон пайдо кард. Баъди таъсис ёфтани Ҳокимияти Шуравӣ ва ташкилёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар баробари дигар

вилоятҳо ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии мардумони тоҷик дар ин самт шароити хуби корӣ ба вуҷуд омад.

Дар соли 1932 дар Сталинобод Шуъбаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ ташкил шуд. Баъди як сол дар Сталинобод Китобхонаи давлатии умумӣ ташкил карда шуд. Ташкилёбии ин ду муассиса, пеш аз ҳама, як пешравие дар илм буд, ки дар кори ҷамъоварӣ, ташкилёбӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи дастхатҳо ва ёдгориҳои мадании халқи тоҷик кумак мерасонид.

Ҳукумати Тоҷикистон дар он солҳо диққати махсусро ба ҷамъоварии ёдгориҳои хаттӣ медод ва маблағи махсус ба ин самт ҷудо мекард. Вазорати илми Тоҷикистон зарур шуморид, ки кори ҷамъоварии китобҳои дастнавис дар бунёди китобхонаҳои Сталинобод, Институти Ленинобод ва Китобхонаи давлатии умумии Сталинободро мутамарказ намояд.

Дар соли 1951 Академияи илмҳои Тоҷикистон ҳамчун як Шуъба дар назди Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таъсис ёфта, барои илман омӯхтан ва дар як ҷо нигоҳ доштани дастхатҳо шароити мусоиди корию таҳқиқӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар соли 1953, тибқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон, ҳамаи он дастхатҳое, ки ҷамъоварӣ шудаанд, бояд дар Академияи илмҳои Тоҷикистон нигоҳдорӣ гарданд ва ҳамин тавр, Ганҷинаи ҳақиқӣ ба вуҷуд омад. Ин Ганҷина рӯз ба рӯз аз дастхатҳои нодир ва ҳархела пур шудан гирифт. Дар он солҳо, ки нав ташкил шуда буд, қариб 3054 адад дастхатҳо дар ин ҷо ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ, узбекӣ ва дигар забонҳои шарқ ҷамъ шудан гирифт. Ба ҳамин тариқ, агар ҳар як китобро ҳисоб кунем, айни замон дар Ганҷинаи мо 6000 нусха дастхат вуҷуд дорад. Дастхатҳо дар ҳар давра тартиб дода шуданд, ин фосилаи тулонии замонӣ, яъне 800 солро дар бар мегирад.

Аз асри XIII то XX нусхабардории онҳо на танҳо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон, балки дар шаҳрҳои Исфаҳон, Лоҳур ва Кашмир амал мекард. Дар Академияи илмҳои Тоҷикистон ба ин масъала диққати махсус дода шуд буд ва дар нақшаи муайян илман кор карда шуд. Дар ин замина қадами аввалин дар соли 1955 гузошта шуд.

Ҳамаи китобҳои дастхатро дар варақчаҳо (карточка) бо саволномаҳо: номи муаллиф, номи дастхат, вақти тартиб додан, номи асар, вақти тайёр намудан, вақт ва ҳангоми китобат намудан, котиб, хаттот ва дигар корҳоро анҷом доданд. Ин ташаббус аз тарафи ду олими шинохта С. Тоҷиддинов ва А.Е. Маҷӣ анҷом ёфтааст.

Дар соли 1955 дар ҳайати тартибдиҳандагон: номзади илми филологӣ Расул Ҳодизода, ходимони илмӣ М.И. Занд ва А. Е.Маҷӣ ва баъдтар Г.А. Галимова, Д.Х.Доррӣ, И.А.Беленитская дастхатҳо баргардон шуданд. Дар соли 1959 дастхатҳое, ки ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва туркӣ тафсир шуда, ба охир расида буданд, 4342 асарро ташкил намуда, аз он ҷумла 2961 аслӣ ва 1381 ғайриаслӣ ба қайд гирифта шуданд. Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар Шурои олимон коркарди нусхаю дастхатҳоро ба уҳдаи масъулини Ганҷина вогузошт.

Воқеан, дар ин кори бузург саҳми асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ, олимони машҳури тоҷик академик Бобоҷон Ғафуров, академик Абдуғанӣ Мирзоев, олимони рус В. В. Бартолд, Н. И. Зарубин, М.С. Андреев, А.А. Семёнов ва дигарон калон аст. Солҳои баъд дар коркарду таҳияи дастхатҳо олимони варзидаи тоҷик Абдуғанӣ Мирзоев, Камол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Амрияздон Алимардонов, А. Бақоев, А. Абибов, Аълохон Афсаҳзод, Ҷобулқо Додалишоев, А. Зуҳуриддинов, Саид Шоҳхуморов,

Ҷурабек Назриев ва Қудратбек Элчибеков, ки дар қайди ҳаёт нестанд, чсаҳми сазовор гузоштанд.

Ганҷинаи дастнависҳои Маркази мероси хаттӣ аз маркази муҳими нусхаҳои хаттӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Ганҷинаи дастхатҳои мо начандон таърихи тулонӣ дорад. Дар Институти забон ва адабиёти ба номи устод Рӯдакӣ аввалин шуда, чун шуъба Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар солҳои 1953- 1954 таъсис ёфта буд. Ташкили ин шуъба барои илми филологияи тоҷик аҳамияти хеле калон дошт. Ин кори хайр бо ташаббус ва пешниҳоди Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва донишманд - шарқшиноси рус А. А Семёнов ба амал омад. Дар Академияи имҳои кишвар аввалин бор сохтори расмии Ховаршиносӣ ташкил карда шуд. Дар ин масъала матшиноси рус Д. С. Лихачев навишта буд: „Тадқиқоти матн таҳкурсии фаъолияти олим аст, ки ҳамаи тадқиқоти дигар бар он асос мегирад".

Шарқшиносон, матншиносон (дасхатшиносон) -и рус Д. С. Лихачев, Г.О. Винокур, В.В. Виноградов, Э. Е. Бертельс, А. А Болдырев, А. С. Рейстнер ва М. Н. Османов мебошанд, ки дар таҳқиқоти ин соҳа, дар заминаи матшиносии ҷаҳон шухрат доранд.

Ҳоло дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АМИТ 6000 ҷилд нусхаи хаттӣ вуҷуд дорад. Қариб 70 сол мешавад, ки ба бузургтарин пойгоҳи илмӣ-таҳқиқии собиқ Шуравӣ табдил ёфтааст. Ин, албатта, аз таммадуни қадимӣ ва осори ғании шоирону донишмандони миллати тоҷик дарак медиҳад. Аксар дастхатҳо аз нусхаи хаттӣ ба забони форсӣ- тоҷикӣ таълиф шуда, аз се ду қисм иборат буда, бахши камтари онро дастнависҳои ба забонҳои дигар таълифгардидаро ташкил медиҳад. Адабиётшинос ва матншиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод навиштааст, ки „суннати матншиносӣ фақат хоси

китобхонаи Бойсанғур набуд. Соли 1463-и мелодӣ Ёрмуҳаммад ибни Ҳусайн Рашиди Табрезӣ ба номи "Тарабхона " маҷмуаи рубоиёти Умари Хайём ва рубоиҳои мансуб ба ӯро тартиб дод, ки аз муқаддима, рубоиёт ва чанд ривояту ҳикояҳои халқӣ роҷеъ ба Хайём иборат аст".

Дар асри XV заҳмати қаламӣ нашудани нусхаҳо ва матнсозӣ ривоҷ пайдо карда бошад ҳам, ин кор тарафҳои манфии худро низ дошт. Барои бедиққатии баъзе аз хаттотон ва нусхабардорон дар баробари ҳунари хуби хаттотӣ ва саводи қазоӣ надоштан, баъзеашон ба матни асл маъноҳои қиёсӣ даровварда, нодуруст хондан, сабаби ба матни асл ворид шудани ғалатҳои мантиқию имлоӣ сабаб мегардад.

Нусхаҳои хаттии ҷамъовардашуда, дар Ганҷина осори хаттии мо, инчунин ба теъдоди зиёда аз 300 нусха аксбардорӣ шуда, даснависҳо аз Вилояти Мухтори Бадахшонӣ Кӯҳӣ низ вуҷуд доранд, ки онҳо аз инкишофи илму маърифат дар ин сарзамини зебоманзар шаҳодат медиҳанд. Дар қатори нусхаҳои хаттии ҷамъовардашуда, дар Ганҷинаи дастнависҳо бештар аз 200 адад нусхаҳои хаттӣ ва 1554 номгӯй китобҳои мухталифи чопи муосир ба забонҳои гуногун дар захираҳои осор ба номи Стариков нигаҳдорӣ мешаванд. Нусхаҳои дастхатҳои осори адабиёти форс- тоҷик ва бознашри он ҳанӯз соли 1593-и мелодӣ дар Рим, баробари ба нашр расидани асари Абуалӣ ибни Сино „Ал-қонун фӣ-т-тиб " оғоз ёфта буд. Соли 1651 дар Амстердам Георгио Гентио асари машҳури ахлоқии Саъдии Шерозӣ „ Гулистон"-ро ба нашр расонид.

Дар асри Х1Х, ҳангоме ки мошинаҳои чопӣ сохта шуданд, аз тарафи донишмандон таҳия гардидани матнҳо барои чопҳои литографӣ- сангӣ, чи дар кишварҳои Ҳинду Покистон ва чи дар Осиёи Миёна мутадовил гардида, матнсозии осори қаламии адабиёту фарҳанги форс - тоҷик ба равиши муайяне

сурат баст, ки то имрӯз аз нусхаҳои онҳо қисмати шарқии китобхонаҳои ҷаҳон ғанитар шудааст.

Дар нимаи аввали асри ХХ дастхатҳо бознашр шуда, матшиносии тоҷик дар партави омӯзиши таҷрибаи назариявию амалии байни матншиносони рус ба майдон омада ташаккули он вусъат ёфт. Устод С. Айнӣ бо тартиб додани китоби "Намунаҳои адабиёти тоҷик" ба вусъати кор заминаи мустаҳкаме гузошт. Садриддин Айнӣ аҳамият ва зарурати ҷамъоварӣ ва табъу нашри осори мавҷудаи адабиёти беш аз ҳазорсолаи форс-тоҷикро таъкид карда, ба ҳамкорон ва мутахассисони соҳа ин тавр муаррифӣ карданд: „ба асарҳои мутааххирин нисбат ба пешиниён бисёртар ҷой дода шавад, зеро асарҳои мутааххирин дар девонҳо, тазкираҳо, дар китобҳои адабиёти форсӣ ва намунаи адабиёти Эрон сабт ва қайд ёфтаанд". Устод С. Айнӣ дар ҳамон давра дилсӯзона кӯшиш мекард, ки бо ин роҳ номи гузаштагонро зинда намуда, ҷавононро ба адабиёт ҷалб намояд.

Дар охири солҳои 1958 -1961 дар сектори матншиносӣ ва нашри осори хаттии Шуъбаи шарқшиносии АИ Тоҷикистон бо сарварии Камол Айнӣ (мудири сектор) донишмандони соҳа Баҳром Сирус, Зоҳир Аҳрорӣ, Алиқул Девонақулов, Қозӣ Ризо, Алиасғар Ҷонфидо, Ифтихор, Ҳ.Тарбият, Абубакр Зуҳуриддинов ва баъдтар Аълохон Афсаҳзод, Лола Сулаймонова, Амрияздон Алимардонов, М. Мамедова ва М. Муродова фаъолият карда, дар боло рафтани сатҳи матншиносии тоҷик саҳми худро гузоштанд.

Дар аввали солҳои 1970-ум М. Бақоев, А. Девонақулов, А. Афсаҳзод, А.Алимардонов, Ҷ.Додалишоев, Ҷ. Назриев, А. Сулаймонова фаъолият доштанд. Баъдтар дар ин самт ба сифати ходими хурди илмӣ А.Муҳаммадиев ва Ш. Нуриддинов корро шуруъ намуданд. Бо роҳбарии олимони дар боло зикршуда китоби панҷҷилдаи „Гулшани адаб" ба

теъдоди 25000 нусха бознашр гардид. Инчунин "Куллиёт"-и Низомии Ганҷавӣ солҳои 1982-1984 дар панҷ китоб дар нашриёти "Ирфон" аз чоп баромад. Дар ин „Куллиёт" дар ҷилди якум достони „Хусрав ва Ширин„ (таҳияи З. Аҳрорӣ), дар ҷилди дувум достони „Лайлӣ ва Маҷнун", дар ҷилди сеюм достони „Ҳафт пайкар", дар ҷилди чорум достони „Шарафнома„ (таҳияи А. Афсаҳзод) ва дар ҷилди панҷум достонҳои „Иқболнома", „Махзану-л-асрор" ва „Девони ашъор„-и шоир ҷой дода шуданд, ки аз тарафи Ҷ. Додалишоев ва А. Ҷонфидо таҳия шудаанд.

Дар ҷодаи ховаршиносӣ минбаъд олимони варзидаи тоҷик Камол Айнӣ, А. Афсаҳзод, Саид Шоҳхуморов, Н.Шаҳобиддинов, Асрор Раҳмонов, Қудратбек Элчибеков, А.Муҳаммадиев, Маҳмадёр Шарифов, Амрияздон Алимардонов, Худобердӣ Холиқназаров, Тоҷиддин Мардонӣ ва Лола Додихудоева заҳмат кашидаанд.

Имрӯзҳо бо сарварии директори Маркази мероси хаттӣ дар назди Раёсати АМИТ муҳтарам Раҳматкарим Давлатов олимону шақшиносони варзида Олимҷон Хоҷамуродов, Маҳмадёр Шарифов, Мавҷуда Хуҷова, Саидхуҷа Ализода ва А. Муҳаммадиев фаъолият доранд.

Айни замон дар шуъбаи матншиносӣ ё дастхатнависӣ олимон ва ходимони илм А. Муҳаммадиев, Мавҷуда Хуҷова, Шамсиддин Нуриддинов, Толибзиё Сафдаршоев, Дилором Валиева, Сайфурамоҳ Маҳмадалӣ ва Савриддин Расулов кору фаъолият доранд. Дар солҳои охир аз тарафи кормандони шуъбаи матншиносӣ чандин асарҳои шоироне, ки дар асрҳои гугогун зиндагӣ доштанд, таҳқиқу таҳия ва нашр гардидаанд.

## БАРДОШТУ ХОТИРОТ

**Нуриддин ШАҲОБИДДИНОВ**
*устоди Донишгоҳи*
*миллии Тоҷикистон*

# ФАЙЛАСУФИ МИЛЛӢ ВА МАКТАБИ ФАЛСАФӢ

*(Ҷашннавишта ба муносибати 80-солагии Устод Комил Бекзода)*

Танҳо ҳамон инсонҳое дар куҳансолӣ эҳсоси худризоӣ ва қаноат менамоянд, ки дар ҷавонӣ ва дар тули умр машғул ба офарандагӣ будаанд ва осори офаридаи онҳо ба онҳо дар рӯзгори пирӣ дар баробари ҳамагуна ноумедиҳо тасаллият мебахшад. Ба ин андешаи Шопенҳауер мо боз онро илова менамоем, ки на танҳо осори офарида, балки амалҳои дигаре низ ҳастанд, ки бо мумури замон аҳамият ва ҳақиқати таърихии худро ошкор месозанд ва ба муаллифи он ҷовидонагиро бармегардонанд. Амалҳои бузург на бо ҳаёҳӯ ва овозаю дарвоза, балки ниҳоят ноаён ва оромона, ба гуфтаи шоиронаи Нитше, "бо садои пои кабӯтарон" фаро мерасанд. Имрӯзи ҳуҷаста, ки устоди мо Комил Бекзода ба синни муборaки 80 расидаанд, аммо хилофи ҳамаи қонунҳои физикӣ ва биологӣ ҳанӯз ҳам шево, ҷавон ва болида ҳастанд, моро водор месозад, ки аз рӯи масъулияти инсонӣ, фалсафӣ ва шогирдии худ хидматҳои дар назди фарҳанг ва миллати мо анҷомдодаи эшонро зикр намоем. Муҳтавои маърузаи худро мо бо унвони дигари "Даҳ дарс аз устод Комил Бекзода" ифода менамоем ва дар ин маҳдуда кӯшиш менамоем афкори фалсафӣ ва ҳамчунин баъзе хусусиятҳои шахсӣ ва фардии Устодро ҳамчун як дарси ҳаётӣ ҳам барои як миллат ва ҳам барои худ шиносоӣ намоем.

**Дарси якум.** Фалсафаи маргу зиндагӣ. Асолати ҳар як фарҳангро метавон дар асоси огоҳӣ ва муносибати он фарҳанг дар баробари Марг муайян намуд. Дар фарҳанги юнонӣ дар мисоли фалсафаҳои Ҳераклит, Парменид ва ниҳоят Афлотун масъалаи марг масъалаи бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Дар фарҳанги эронӣ низ масъалаи марг аз аввалин падидаҳои маърифатгардида мебошад, ки намунаи онро мо дар устураи Ҷамшед ва устураи аввалин ҷуфти инсон мушоҳида менамоем. Дар қадимтарин таълимоти эронӣ маънии инсон бо мирандагӣ як чиз дониста мешуд ва аввалин ҷуфти инсонҳои Машӣ ва Машиёна дар воқеъ, Муртӣ ва Муртия будаанд. Агар марг ва нестӣ вуҷуд надошта бошад, масъалаи ҳастӣ, зиндагӣ ва фалсафаронӣ кардан низ ба вуҷуд намеомад. Дар фалсафаи аврупоӣ ин масъала ҳамчун метапарадигма ва ё метапроблема ҳамеша мавриди андешидан ва шиносоӣ қарор дошт. Масалан, Ж.П. Сартр тасаввуроти анъанавӣ дар мавриди он ки нестӣ, ки як намуди марг мебошад, дар канораҳои олами ҳастӣ қарор дорадро инкор намуда, чунин назар пешниҳод намуд, ки нестӣ на дар канораҳои ҳастӣ, балки дар маркази ҳастӣ қарор дорад ва маҳз он суол аз ҳастиро ба миён мегузорад. Албатта, ҳадафи Сартр ин нестӣ ва ё марг ҳамчун огоҳӣ дар бораи нестӣ ва ё огоҳӣ дар бораи марг мебошад. Аммо дар фарҳанги мо як навъ гурез ва ба фаромӯшӣ супоридани масъалаи бунёдӣ ва дар ҳадди олии худ як навъ шикоят аз марг ба мушоҳида мерасад. Масалан, он шикоят ва ғаму андуҳе, ки дар оҳангҳои жанрҳои Фалак ва Шашмақом мерасанд, дар ҳақиқат, ин шикоят аз бераҳмии марг ва фанопазирии ҳаёт мебошад. Шикоят аз фалак ва ё шикоят аз замон тафсири дигаре ба ҷуз аз шикоят аз маргро надорад. Аммо ба тариқи огоҳона ҳеҷ як аз файласуфони мо дар мавриди ин масъала садое баланд накардааст, ба ҷуз аз Устод Комил Бекзода. Ӯ тавонист дар як муҳити тангу тори идеологӣ

чунин як масъалаи бунёдии фалсафаи ҷаҳониро кашф ва ҳамчун як лоиҳаи ҳаётӣ дар тамоми фаъолияти эҷодии худ сари ин масъала фалсафаронӣ намояд. Аз устураи Ҷамшед ва амали мумиёкунӣ дар фарҳанги мисриҳои бостонӣ сар карда, то ба равишҳои илмҳои Генетика, Физиология ва дигар илмҳои ҳаётшиносии муосир мавриди омӯзиш ва таҳқиқи устод қарор гирифтаанд, ки дар ҳамаи асарҳои Устод мо метавонем аз самараи талошҳои ӯ огоҳ гардем. Бо эҷодкории шахсӣ ва заковати фитрӣ, шояд огоҳона ва ё ноогоҳона устод тавонист, ки фалсафаи моро ҳамболи фалсафаи ҷаҳонӣ ва ҳамчунин бунёдитарин огоҳии фарҳанги миллиро бедор созад.

**Дарси дувум.** Барқарор сохтани пуле байни фалсафаи тоҷик ва фалсафаи аврупоӣ. Фалсафаи мо ҳеҷ вақт чун як дарахти озод рушд накардааст. Он ҳамеша ё дар сояи дин қарор дошт ва ё сояи идеология. Инсони мо қурбонии ду уқда: уқдаи динӣ ва уқдаи идеологӣ буд ва дар ҷанги уқдаҳо ба фикрам уқдаи дидӣ дар вуҷуди мо дигарбора пирӯзӣ ба даст овардааст. Дар замони шуравӣ дар мактабҳои олии мо фалсафаи юнонӣ ва ё фалсафаи классикии немис омӯхта мешуд, лекин бисёр обшуста ва рангпарида, зеро дар қолаби идеология ҷой шуда буд, ки зебоии табиии онро аз байн мебурд. Фалсафаи муосири Аврупо бошад, ҳамчун фалсафаи буржуазӣ мавриди инкор қарор мегирифт. Нахустин маротиба маҳз устод Бекзода фалсафа, адабиёт, равоншиносӣ ва ҳунари муосири аврупоиро ба хонандаи тоҷик муаррифӣ намуданд. Мо шоҳиди бевосита ҳастем, ки дар аввали солҳои навадум Устод дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Ф. Нитше, М. Ҳайдеггер, К. Ясперс, А. Камю, Ж. П. Сартр, Симона де Бовуар, Б. Рассел ва даҳҳо нафари дигар, бидуни қолабгароиҳои идеологӣ сухан мекарданд ва беҳтарин огоҳиро ба ҷавонони тоҷик мерасониданд. Масалан, мо нахустин маротиба аз устод шунида будем, ки Нитше се таълимоти асосӣ дорад, ки онҳо

Абаринсон, Бозгашти ҷовидона ва Иродаи Қудрат мебошанд. Ё ин ки мактаби муосири фалсафие чун вуҷудгароӣ, феноменология, герменевтика вуҷуд доранд, ё худ ду асари бузурги фалсафаи асри бистум "Ҳастӣ ва замон"-и М. Ҳайдеггер ва "Ҳастӣ ва нестӣ"-и Ж. П. Сартр мебошанд. Ҳамин гуна ба шарофати устод мо бо шахсиятҳои асосии равоншиносии муосир З. Фрейд, К.Юнг, Адлер ва ё Э. Фромм ошно гардидем. Ҳеҷ як номе, ки дар ин ҷо зикр намудаем, тасодуфӣ набуда, балки доир ба ҳар кадоми он Устод чандин гузориш ва маъруза кардаанд ва ё бо ҳидояти ӯ мо баъзе аз китобҳои онҳоро пайдо намуда мутолеа намудаем (масалан, Дюрант ва асарҳои ӯ).

Вақте ки фалсафаи як миллат таъсирпазир нест, ин худ далели заифии онро дорад. Фарҳанги заиф ҳозир ба доду ситад нест ва аз он канорагирӣ мекунад. Бекзода бо огоҳие, ки ба ҷавонони ин миллат бахшид, тани танҳо аз маҳдудаҳои идеологии рӯзгори худ фаротар пой ниҳод, бо ин амали худ ба фалсафаи замони худ тавоноӣ бахшид ва нишон дод, ки дар он ҳанӯз асолати тавоноӣ вуҷуд дорад.

**Дарси севум**. "Худшиносии миллӣ"-и ростин. Ҳамон андоза, ки Устод барои шиносонидани фалсафа ва илми аврупоӣ ва ҷаҳонӣ барои хонандаи тоҷик заҳмат кашидаанд, ҳамон андоза ва шояд бештар аз он дар мавриди фарҳанги миллӣ ҷаҳд кардаанд. Ин фаъолияти Устод маҳз дар ҳамон рӯзгоре сурат мегирифт, ки Тоҷикистонро мавҷи ҳаракати озодандешӣ ва рӯшангарии начандон ростин фаро гирифта буд. Дар он солҳо бо зеҳниятҳои уқдагин ва холӣ озодандешони эҳсосотии мо кӯшиш менамуданд, ки дар як он ҳамаро зеру забар ва ба "мадинаи мунаввара" бирасанд. Таҷрибаи миллатҳои пешрафта нишон додааст, ки бидуни додани огоҳии зарурӣ ба мардум, интизори ҳар гуна таҳаввул, инкишоф ва ояндаи дурахшон номумкин аст. Ягона нафаре, ки

дар он солҳо ба додани огоҳӣ ба мардум машғул буд, ин Устод Бекзода буданд. Аз Ҷамшед ва Зардушт сар карда то ба Монию Маздак, Фирдавсию Ҳофиз, Ибни Ровандию Ҳаллоҷ ва Иқболу Содиқ Ҳидоят аз беҳтарин осори онҳоро таҳия ва нозукиҳои андешаи онҳоро таҳқиқ менамуданд. Беҳтарин асарҳо ва таҳияҳои Аҳмади Касравӣ, Алии Даштӣ, Носируддини Соҳибуззамонӣ, Ҳошим Разӣ, Меҳрдоди Меҳрин, Аббоси Зарёб, Манучеҳри Ҷамолӣ ва даҳҳо дигар донишмандони ҳамзабонро муаррифӣ ва ба хонандаи тоҷик пешкаш намудаанд.

**Дарси чаҳорум**. Мутолеаи бардавом ва рушди огоҳӣ. Хушбахтии мо шарқиҳо дар он аст, ки мо аз бадбахтии худ огоҳ нестем (А. Бадавӣ). Ин ҷо мақсад аз бадбахтӣ ҳамон ноогоҳии мост. Новобаста аз ифтихороте, ки дорем ва дар ҳақиқат ҳам онҳо як маънии зиндагии мо ҳастанд, аммо ҳақиқати талхи мо он аст, ки фарҳанги мо як фарҳанги адами огоҳӣ аст. Ҳадафи ман минтақаи Осиёи Миёна, Афғонистон ва шояд Покистон низ бошад. Дар ин минтақаи ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ мутолеа онгуна, ки бояд умуман вуҷуд надорад. Агар равшантар бигӯем адабиёти зарурӣ барои мутолеа вуҷуд надорад, дар авҷи худ дар тули асрҳо танҳо баъзе тафсирҳо ва шарҳҳои ҳошиявӣ вуҷуд доштанду бас, ки аксаран ё доир ба фиқҳ ва ё доир ба ҳадис буданд. Дар ин сарзамини паҳновар на доир ба таърих китобе тарҷума ва ё нашр шудааст ва на доир ба равоншиносӣ, на доир ба ба фалсафа ва на доир ба физикаю математика ва ҳамин тавр илмҳои дигар. Ҳоло низ вазъи мо дар ҳамин сатҳ аст. Вақте ки мутолеа нест, огоҳӣ нест, зеҳниятҳо холӣ ҳастанд, наметавон пешрафт, инкишоф, дигаргунӣ ва саодати иҷтимоиро бо роҳи муъҷиза имконпазир донист.

Волтер миллатҳои дунёро ба ду гуруҳ: миллатҳои китобхон ва миллатҳое, ки китоб намехонанд тақсим менамояд ва миллати маҳрум аз китобхонӣ, ё ноогоҳро беарзиш меҳисобад.

Дар тули ҳаёти беш аз нимасраи худ ман ҳанӯз ба ғайр аз устод Бекзода нафари дигареро намешиносам, ки ин андоза мутолеаи зиёд дошта бошад. Ҳам дар соҳаи фалсафа, адабиёт, ҳунар ва илми ҷаҳонӣ ва ҳам миллию ватанӣ Устод муҳимтарин ва беҳтарин асарҳоро мутолеа кардаанд. Бешак дар мутолеа устод Уқёнуси Оромро мемонанд ва дар ин муносибат ман устодро танҳо бо Волтер ва Нитше қобили муқоиса медонам. Мутолеаи зиёд инсон ва миллатро дигаргун месозад, ба мисли гузариши тағироти миқдорӣ ба сифатӣ, мегуфтанд устод. Ман бо бисёр донишмандон муносибат дорам ва бо чашми ибрат мушоҳида менамоям ва дармеёбам, ки аксарият ҳатто ними мутолеаи Устодро надоранд, шояд чунин шахсҳо вуҷуд доранд, аммо ман ҳанӯз дучор нашудаам.

**Дарси панҷум**. Дорои ҳолати табиӣ будан. Дар ҷомеаҳои сарбаста инсонҳо ҳеҷ вақт ҳолати табиӣ надоштанд ва надоранд. Ҳар таълимоти динӣ ва ё идеологие, ки худро муҳимтар аз зиндагӣ нишон медиҳад, пайравони худро ба ҳазору як уқда (комплекс) гирифтор месозад. Ин хоси мо шарқиҳо мебошад. Нафароне, ки ба маҳфили “Ҷаҳони андеша” меомаданд, на ҳамеша худро озод эҳсос мекарданд, баъзеҳо шарми беш аз ҳад доштанд, баъзеҳо бисёр ҷиддӣ буданд, баъзеҳо меҳаросиданд, баъзеҳо дигаронро таҳаммул карда наметавонистанд ва мисли ин. Устод ҳамеша осмонро нишон медоданд ва мегуфтанд, ки мисли осмон озод ва табиӣ бошед. Худ ҳар андоза, ки зарур буд, назари дигаронро ботаҳаммул гӯш мекард ва назари худро низ баён менамуд. Ҳар кас ҳаққи ақидаи худро доштан ва бо он зиндагӣ карданро дорад, мегуфтанд Устод ва ҳеҷ вақт ҳеҷ ақидаеро бар касе таҳмил намекарданд. Ҳолатҳои ғайритабиӣ баъзан ба

иштирокчиён имкон намедод, ки ақидаи худро баён созанд ва Устод дар ин мавридҳо байти Мавлоноро меоварданд, ки:

*Ҳеҷ тартибеву одобе маҷӯ,*
*Ҳар чи мехоҳад дили тангат, бигӯ.*

**Дарси шашум**. Суҳбаторои ва хушҳолӣ. Устод ҳамеша таъкид менамуданд, ки фарҳанги мо ин фарҳанги зиндагӣ, хурсандӣ ва боландагист. Зардуштро мисол меоварданд, ки ҳангоми тавлид дар лабонаш ханда буд ва табассуми ӯро нишонаи пайғамбарӣ дониста буданд. Бо як нигоҳ вазъи ҳаргуна инсон ва ҳаргуна шароитро дарк менамуданд. Дар ҳалқаи инсонҳои фозил, ҳунарманд, донишвар худро то бениҳоят шево ва болида эҳсос мекарданд. То андозае лутф, хушсуханӣ ва зарофат менамуданд, ки кас мехост соатҳо маъракаро тарк накунад. Дар маъракаҳо беҳтарин лутфҳоро мекарданд, ки ба ҳама писанд меомад ва ҳама болида мегардиданд. Бо муъҷазбаёнӣ ва шеваи суханроние, ки доштанд, дар ҷамъомадҳо ва маҳфилҳо аксари таваҷҷуҳро ба худ ҷалб менамуданд.

**Дарси ҳафтум**. Зиндагии бофазилат. Бо амали худ Устод исбот намудаанд, ки инсон метавонад ҳамеша бо фазилат зиндагӣ намояд. Новобаста аз он ки то чӣ андоза разилат вуҷуд дорад, чи қадар мусибатҳоро бар сари як инсон меоваранд, чи қадар маҳрумиятҳо ва бадбахтиҳоро аз берун бар ӯ таҳмил намекунанд, аммо инсон метавонад бо нури хирад, ирода ва муҳаббат ба зиндагӣ озода ва вораста боқӣ бимонад. Боз ҳам бо сари боло дар баробари ҳар як мусибату бадӣ табассум намояд ва пирӯз ояд.

**Дарси ҳаштум**. Муҳаббат ба зиндагӣ. Як мушоҳида. Устод дар бораи зиндагии шахсии файласуфони зиёде нақлҳои ҷолибе кардаанд ва як қисми ин файласуфон зиндагии шахсияшонро танҳо паси сар кардаанд. Ман ҳамчун ҷавон ҳамеша бар ҳамин нукта таваҷҷуҳи махсуси ботинӣ нишон

медодам ва ҳамеша интизор доштам, ки Устод ин нуктаро ҳамчун як фазилати махсус таъкид менамоянд. Аммо боре ҳам зиндагии танҳои файласуфонро ҳамчун як идеал ва ё фазилат нишон надодаанд, баръакс ҳамеша зиндагии пур аз гармония ва муҳаббати хонаводагиро ситудаанд. Дар ин ҷо ман ба худ натиҷагирӣ намудам, ки Устод воқеан ҳам файласуфи зиндагӣ ҳам дар назария ва ҳам дар амалия ҳастанд. Ҳамеша таъкид менамуданд, ки: Аввал зиндагӣ ва пасон диду дунё. Ҳамчунин шеъри машҳуре доранд бо номи "Зиндагӣ болотар аз болостӣ".

**Дарси нуҳум**. Новобаста аз ҳамаи шевогӣ, латофат, зарофат, болandагиҳои самимӣ ва табиӣ, бепарвогиҳои фиребанда Устод як инсони ниҳоят ҷасур, устувор, боғурури ба худ хос, боҳадаф, дақиқкор, бозавқу салиқаи махсус ва дигар хислатҳои ба ин монанд ҳастанд. Калимаи "културний"-ро бисёр истифода менамоянд ва ин ҳама дар салиқаи либоспӯшӣ, интихоби дӯстон, интихоби китобҳои писандида, шеваи хондани китод, ки аз шиносой бо мундариҷа оғоз менамуданд ва ҷолибтарин параграфҳоро аввал меохонанд, ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми хондан ҳеҷ вақт бо авторучка дар китоб ишора намекарданд, бо қалами сиёҳи баланд ҳам не. Ниҳоят нозукона чизҳои писандидаашонро ишора менамуданд.

**Дарси даҳум**. Муҳаббат ба худ ва худкифой. Бо рафтори худ Устод нишон медоданд, ки инсон бояд худро дӯст дорад ва ба худ эҳтиром гузорад. Иззати нафси худро нигаҳ дорад ва мақоми худро шиносад. Аз ҷумла, ҳамеша рӯзи таваллуди худро бо дӯстон ҷашн мегирифтанд ва боре нақл карда буданд, ки як нависандаи аврупой дар танҳои худ рӯзи таваллудашро ҷашн мегирад ва барои худ табрикнома менависад. Эҳтироми хоса ба худ боис гардида буд, ки Устод то ҳадди даркорӣ худкифо буданд. Ҳеҷ ниёзе ба мадҳу ситоиши дуруғини

дигарон надоштанд ва ба ҷуз аз дӯстон ва наздикон ба хотири руҳбаландсозӣ, ҳар каси носазоворро низ таърифу тавсиф наменамуданд. Бо ҳақиқати худ ва неку бади худ зиндагӣ менамоянд. Худ як марказ, як ҳақиқат ва як тарафу як ҷаҳон ҳастанд, ки дорои як назари нек ва хайрхоҳона нисбат ба ҷаҳон ва инсонҳоро доро мебошанд.

**Дарси ёздаҳум**. Аз дарси ёздаҳум то бистумро насиб бошад дар ҷашни 90- солагии Устод пешниҳод менамоям.

Воқеан, дар симои Устод мо нафареро мебинем, ки вуҷудан ба хирад ва маънӣ табдил ёфтааст. Як энсиклопедияи фалсафӣ ва ҳунарии зинда. Дар вуҷуди худ ҳам хиради ғарбӣ ва ҳам шарқиро таҷассум намудааст. Барои миллати мо бузургтарин хидмати ноаёни фарҳангии худро анҷом додааст ва ин қарзи мо шоҳидони зинда аст, ки як шамма аз корномаҳои ӯро дар ин ҷо баён намоем.

80 соли саршор аз ҳикмат, хирад, фазилат ва эҷоду эъҷоз муборак бошад!

**Ғаффор МИРЗОЕВ**
*доктори илмҳои фалсафа,*
*мудири кафедраи фалсафаи*
*назди Раёсати АМИТ*

## ФАЙЛАСУФ БЕКЗОДА ВА АНДЕШАИ МИЛЛИИ МО

*Ҳикмату фалсафаро ҳиммати мардӣ бояд,*
*Теғи андеша ба рӯйи ду ҷаҳон охтан аст.*
*Муҳаммад ИҚБОЛ*

Илми фалсафа аз зумраи куҳантарин илмҳои башарӣ аст, ки дар ташаккул ва рушди дигар илмҳо нақши ҷавҳарӣ дорад ва имрӯз низ он аз эҷоди донишҳои нав ва ҷаҳонбинии солими ҷомеа дар канор нест. Мутафаккире ба тавсифи моҳияту хусусияти он пардохта, зикр кардааст, ки ҳама илмҳои дигар дар ягон шакле мадюни илми фалсафа мебошанд ва ҳангоми туфулият "аз он шир хӯрдаанд". Ин илм дар баробари нумуву таҳрики улуми дигар, инчунин дар мағзи инсон ва ҷомеа қудрати андешидан, фикр кардан, тафаккури воқеӣ дар бораи олами атроф ва ҳодисаву падидаҳои онро доштан ва ба истиқлоли фикрӣ соҳиб буданро парвариш медиҳад. Ба як маъно, он қобилияти фикри озоду солим кардан ва дар муҳити фикрӣ мустақил буданро, ки имрӯз ин падида дар доираҳои илмӣ чун фалсафидан ироа мешавад ва асли маънавиёти инсонро ташкил медиҳад, фаҳмида мешавад.

Барои ҷомеаи пешрафта ва муваффақ доштан дар ҷаҳони муосир миллатро тафаккури мантиқӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ, ки ҷавҳарашро андешаи фалсафӣ устувор месозад, лозим аст. Мутаассифона, чунин ба назар мерасад, ки дар ҷомеаи мо имрӯз ва на танҳо имрӯз, балки муддати хеле бардавом ва

ҳатто аз замони шуравӣ ва пеш аз он ҳам равиши андешаи фалсафӣ ва тафаккури мантиқӣ дар сатҳи шуури иҷтимоии мардумамон дар муқобили тафаккури хурофотӣ, ғайриилмӣ, карахтшуда, эътиқодӣ, охиратпарастӣ ва тақлидӣ ба бухрони зеҳнӣ гирифтор аст. Тафаккури эҷодӣ, таҳлилӣ, интиқодӣ, худислоҳкунанда ва дорои истиқлоли фикрӣ дар он заиф аст. Шояд ин нуқсони андешасозӣ, ки дар илмҳои назариявии муосир чун нуқсони интеллектуаллии миллат арзёбӣ мешавад, ҳанӯз дар асрҳои миёна дар натиҷаи озахму озор ва зарбаҳои равонию физикии ба сари миллатамон омада, дар ҷону руҳи ӯ реша давонда, дар охир он ба одату хислати миллӣ табдил ёфтааст. Ё шояд назари иддае аз назарияпардозон, дар ин хусус ки баъзе ақвом фақат дар доираи орзую омол ва устурасозӣ қобилияти андешаронӣ доранд ва мо аз ҷумлаи онҳоем, дуруст бошад. Чун ҳаргиз намехоҳем, инро бипазирем, модоме таърихи пурғаноавати афкори фалсафию ҷаҳоншинохтии халқамон намунаҳои дигареро низ ёдоварӣ мекунад. Хуб, ин баҳс тарафи дигари масъала ҳаст, вале дар муқобили ин воқеият садо баланд кардан, кӯшиши бартараф намудани мушкилот ва ҷусту- ҷӯи роҳу воситаҳои ислоҳи вазъият вазифаи имрӯзаи андешамандону равшанфикрони воқеии миллӣ ва нухбагони давлатамон мебошад.

Мушкилоти мазкур на танҳо доираҳои огоҳу бедори ҷомеа, балки роҳбарияти сатҳи баланди кишварро низ нигарон намудааст, ки дар робита бо ин Президенти кишвар-Пешвои миллат ҳангоми яке аз вохӯриҳояшон ба аҳли зиё дар арафаи иди миллии аҷдодиямон Наврӯз таъкид карда буд: “Аксари мардуми мо ба зиндагӣ ва воқеият аз нуқтаи назари мантиқ, илм ва ҷаҳонбинии илмӣ баҳо намедиҳанд. Ба назари мо, як сабаби пеш нарафтани тафаккури мардум ҳамин омил мебошад. Аз ин рӯ, олимони сиёсатшинос, файласуфҳо ва

умуман, ҷомеашиносонро зарур аст, ки сабабу омилҳои зуҳури чунин ақидаҳоро ҳамаҷониба мавриди арзёбӣ қарор диҳанд ва дар мавриди ислоҳи он андеша кунанд".

Дар байни аҳли зиёи кишвар низ сари ин масъала гоҳу ногоҳ баҳсу гуфтумонҳои мухталифе сар мезанад, ки дар дарозояш сухан суйи он меравад, ки чун ҷавҳари андешаи озоду побарҷо ва мустақил ин фикри фалсафӣ аст, пас, оё мо имрӯз файласуфи воқеӣ дорем? Аксари мутахассисону андешмандони мо, ки рӯйи назариёти фалсафӣ кору таҳқиқ мебаранд, дар атрофи таълимоти дигар файласуфон, таърихи афкори фалсафии онҳо ва дигар равишҳои томи фалсафӣ пажӯҳишу таҳқиқот анҷом медиҳанд. Вале худи фалсафаи худӣ, фалсафаи интиқодӣ, ки ҷойгузини назариёти кӯҳнаи карахтшуда ва чандин маротиб такроршудаи пешин бошаду руҳу равони имрӯзаи миллатро ба сатҳи тафаккури наве барорад ва онро ба ҷодаи нав раҳнамоӣ созад, куҷост? Яке аз устодони фақиди мо, марҳум Абдусамад Самиев чанде пеш ин буҳрони муҳити андешавию фалсафии моро ба таҳқиқ кашида, иброз дошта буд, ки мо "файласуф дорем, вале фалсафа надорем" ва вазъро "қашшоқии имрӯзаи фалсафаамон" номида буд.

Ҳангоми яке аз ин гуна баҳсҳо, ки нишонаву меъёри андешаи воқеии фалсафӣ ва миллӣ кадом аст ва оё мо фалсафаи худӣ ва равиши фикри фалсафӣ дорем ё не, то дар намоди он андеша ва тафаккури илмиву ҷаҳоншинохтии миллатамонро тақвият бахшем, яке аз пажӯҳишгарони ҷавон якбора изҳор карда буд, ки бале, дорем. Андешаҳои Бекзода ва равиши илмии ӯ, ки аз шарҳу тафсири афкори дигарон ва анъанаи тақлидкорона орӣ аст, метавонанд ҷавобгӯи тафаккури фалсафии имрӯзаи мо бошанд. Воқеан, сари ин мавзуъ ва вижагии таълифоту назариёти донишманди шинохта Комил Бекзода, ки дар бисёр маврид аз консепсияҳои

роиҷи давр фарқ мекунанд, дар худ хусусияти таҳлилию интиқодӣ доранд ва ба гуфте, гоҳо "зидди ҷараёни дарё" равонанд, андешаву мулоҳиза бояд кард.

Бекзода аз зумраи файласуфону донишмандоне ҳаст, ки ҳам бо мероси фалсафиву адабии Шарқ ошноии комил дорад ва ҳам бо таълимоти фалсафии Ғарб, аз он ҷумла бо мактабҳои фалсафии муосири Ғарб хуб ошно ҳаст. Дар бораи назариёту таълимоти онҳо таҳқиқот ва таълифоти арзанда дорад. Ҷиҳати хоси фаъолияти илмӣ ва омӯзишии олим он аст, ки ба аксари назариёти онҳо нигоҳи мустақилона ва интиқодӣ дорад. Ҳама назария ва таълимотро аз чорчӯбаи ин ки ба фарҳангу фалсафаи мо дар кадом таносуб қарор доранд ва барои ҷомеаву фарҳанги миллии мо чӣ аҳамияту муҳиммияте доранд, таҳлилу баррасӣ мекунад. Дар ҳама ҷо ва дар ҳама маврид танҳо думболаи баҳси илмӣ мебошад ва дар меҳвари ин баҳсҳо аксаран масоили худшиносии милливу шуури таърихии мо қарор мегирад.

Ёд дорам, пеш аз солҳои аввали истиқлол ва ҳанӯз замони шуравӣ, замони бозсозии горбачёвӣ ҳам, устод Бекзода дар баробари китобу монографияҳои илмияшон тавассути мақолаву таълифоти гуногун дар рӯзномаву маҷаллаҳои ватанӣ фаъолона масоили мухталифи фарҳангӣ, маънавӣ ва худшиносии милливу таърихии моро ба таври васеъ ва услуби фарқкунандаи ба худаш хос матраҳ мекард. Ӯ дидгоҳи фалсафии худро "фалсафаи Ҷамшедӣ" унвонгузорӣ карда, дар китобҳояш "Паёмбарони фарҳанги мо", "Бозгашти Ҷамшед", "Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ", "Фалсафаи Ҷамшед", "Бозгашти Ҷамшед", "Гурез аз Хайём", "Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ", "Аз таърихи худшиносии тоҷикон (Шуубия чист ва шуубиён кистанд?)", "Ҷаҳонбинии илмӣ", мақолоташ "Фирдавсӣ файласуфе ношинохта", "Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ

доранд?", "Иқболи ҳақиқӣ кадом аст?", "Гуфтушуниди фалсафӣ бо Ҳаким Умари Хайём", "Фалсафаи асили халқи тоҷик кадом аст?", "Носири Хисрав ва муаммои фалсафаи миллӣ", "Идеяи миллӣ ва дини ислом дар Тоҷикистон", "Наврӯз ягона ҷашни мондагор", "Шуубияи фалсафӣ", "Ҷаҳон аз нигоҳи равшанфикрӣ", "Нигоҳи куллӣ ба ҳаракати ватанпарастона ва равшанфикронаи "Шуубия", "Фалсафаи тоҷик дар замони Шӯравӣ", "Ҷамшед ва масъалаи худшиносии миллӣ", "Идеологияи миллӣ", "Шахсияти фалсафӣ чӣ маъно дорад?" ва ғайраҳо ин нуктаро пайваста таъкиду пайгирӣ дорад, ки тоҷикон аз халқҳои қадимаи фарҳангофару тамаддунофар буда, монанди юнониён, ҳиндиён, чиниён, олмониён ва соири халқҳои мутамаддин фалсафаи миллии худро доранд. Дар ин таълифот Бекзода решаҳои таърихӣ ва маърифатии ташаккулу рушди фалсафа ва ҷаҳонбинии миллии тоҷиконро ба таҳқиқ кашида, бар ин назар аст, ки такомулу пешравии он фақат тавассути нигоҳи интиқодӣ ба назариёти пешин, аз хурофоту андешаҳои догматикии эътиқодӣ даст кашидан, дурӣ ҷустан аз куллигардонии ғояҳои гузашта ва навоварӣ кардан дар онҳо иборат мебошад. Мутафаккир ҳамин равиш ва принсипи илмии худро дар нисбати китоби хеле машҳур ва хонданияш "Гурез аз Хайём", ки дар қолиби назм таълиф ёфтааст, таъкид карда баъдтар дар бораи он ба хонандааш, ки пайваста мепурсад, ки чаро аз Хайём мегурезед, чунин навиштааст: "...Бо вуҷуди тамоми эҳтиромам, эътирози ман ба Хайём ин эътироз ба ҳамаи фалсафаи асримиёнагии қавми мост.... Хайём намунаи барҷаста, дурахшон ва пешқадами фалсафаи гузаштаи мо буд.... Ба вуҷуди ин, фалсафаи гузаштаи мо қобили қабул ва таҳқиқ дар зиндагӣ (зиндагии имрӯзаро дар назар дорад -- М.Ғ.) нест. Ин маънои онро надорад, ки ман аз мақоми илмӣ, ҳунарӣ ва фалсафии Хайём чизе мехоста

бошам. Не, ин тавр нест. Ман аз боби эҳтиром ва арзандагии андешааш бо ӯ баҳс дорам. Ӯро сазовори баҳси фалсафӣ медонам... На дигаронро...Хайём таҷассуми фикри фалсафии ҳаёти халқҳои тоҷику форс дар асрҳои миёна буд... Рубоиёти ӯ энсиклопедияи фалсафии қавми моянд, гарчи на ҳамаи онҳо моли Хайёманд. Ҳамаи ҷараёнҳои динӣ, тасаввуфӣ, илмӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳазор соли охири таърихи миллати мо дар ин рубоиёт таҷассуми возеҳ ва равшани худро ёфтаанд... Мо ба мероси фарҳангии гузаштаи худ аз диди ҷаҳони нав нигаристаем..."(ниг.: Бекзода К. Гурез аз Хайём. -Душанбе, 2002. С.118).

Ҳамин тариқ, Бекзода бар ин назар аст, ки бо вуҷуди ифтихороти таърихӣ доштан миллатро лозим аст, ки тибқи тағйироту пешравии замони муосир ва вазъи иҷтимоии он андешаи миллӣ ва худшиносии худро пайваста эҷоду сайқал диҳад. Вагарна он дар рукуд ва дар карахтӣ боқӣ хоҳад монд. Ба гуфти Мавлоно:

*Навбати куҳнафурӯшон даргузашт,*
*Навфурӯшонему ин бозори мост.*

Файласуф Бекзода айни ҳамин эътирозро дар як мақолаи дигараш "Ҷалолиддини Балхӣ дар талоши инсони худшинос" дар нисбати андеша ва назариёти орифи асримиёнагиамон Мавлоно низ баён дошта буд. Дар он ҷо донишманди муҳаққиқ бар ин назар аст, ки на ҳама андешаҳои Мавлавӣ имрӯз дархӯри замони мо ва қобили қабулу таҳқиқ дар зиндагӣ мебошанд. Мо набояд аз Мавлоно ва дигар орифони ҳамсони онҳо нуқтаи ниҳоии илму андеша бисозем, аз онҳо бут барои парастиш битарошем. Ба андешаи Бекзода, воқеияти муосир талабгори меъёрҳо, арзишҳо ва умуман, назарияву консепсияҳои фикрии дигар аст, ки кишварҳои мутамаддин онро сохтан доранд. Тафаккури миллии мо имрӯз бояд думболаи онҳо бошад, на думболаи ченакҳову дидгоҳҳои

асримиёнагии замони пешин. Вале, мутаассифона, он замон ашхоси зиёде, аз он ҷумла зиёиёну аҳли илми кишвар бар зидди Бекзода хуруҷ карданд ва ӯро дар беэътиноӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба таълифоти ин орифи асримиёнагӣ гунаҳгор донистанд. Ба таври умум, он кореро карданд, ки як аср пеш бо Муҳаммад Иқбол барои изҳори назараш нисбати ғазалиёти зуҳдпарастона ва узлатхоҳонаи Хоҷа Ҳофиз карда буданд. Аммо, таҷрибаи фарҳанги ҷаҳонӣ садҳо маротиб собит кардааст, ки таҳқиқу нигоҳи интиқодӣ ба назарияҳои муайяни илмиву адабӣ ин беэътиноӣ ба онҳо нест, балки воситаи рушду пешравии фарҳангу ҷаҳонбинии инсонҳо ва ҷомеа мебошад. Ба ин ҳама муносибат ва мамониатҳо нигоҳ накарда, ин равиш ва шеваи таҳқиқот усули доимии фаъолияти илмии Бекзодаро ташкил медиҳад. Дар баробари ин воқеиятнигорӣ, ҳақиқатпарастӣ ва равшанбаёнӣ хоси таълифоти ӯст  ва қариб дар ҳама асарҳояш яксон ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, дидгоҳу андешаҳои Бекзодаро метавон як нигоҳи муҳим ва хосса дар ташаккулёбӣ ва рушди ҷаҳонбинии фалсафӣ ва андешаи миллии мо ба қалам дод ва аз забони шоир дар нисбати эшон мегӯем:

*Солҳо дар Каъбаву бутхона менолад ҳаёт,*
*То зи базми ишқ як донои роз ояд бурун.*

Имрӯзҳо устод Комил Бекзода ба синни мубораки 80 қадам мениҳад. Аз ин рӯ, эшонро ба солгарди умр муборакбод гуфта, ба он кас тамоми хушиҳои зиндагӣ, муваффақияти доимии илмиву эҷодӣ ва комёбиҳои бардавомро таманно менамоем.

**Юсуф ШОДИПУР**
*номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДМТ,
Аълочии маориф ва илми
Тоҷикистон*

## БОЗТОБИ ЗИНДАГИНОМАИ АКАДЕМИК З. Ш. РАҶАБОВ ДАР ОСОРИ АДАБИЮ ТАЪРИХӢ ВА ПУБЛИСИСТӢ

*(дар мисоли осори адабию таърихӣ ва публисистии профессор Абдусаттор Мухторов)*

Ҳар як ашхоси некхоҳу дурандеш орзу менамояд, ки меросхӯри худро чун ШАХСИ ОҚИЛУ КОРДОН ВА МОҲИРУ ӮҲДАБАРО тарбия намуда, ба воя расонад, то ки дар рӯзгори инсонӣ ва рушду такомули ҷомеаи мутамаддин мавқеи муҳим ва нақши арзанда пайдо намояд. Чунин ниятҳои неку орзуҳои ширинро чун ҳар як тоҷики асилу ояндабин бобою падари Зарифу Латиф ва бисёр дигарон дар замири хеш парварида, мудом аз паи амалӣ намудани он ҷаҳду талош мекарданд. Бесабаб нест, ки соли 2016 профессор Абдусаттор Мухторов бахшида ба 110-солагии устоди барӯманди хеш Зариф Шарифович Раҷабов очерки бадеию таърихии худро таҳти унвони **«Ахтари тобони илми таърих»** [-Душанбе, 2016.-150 с.] таълиф намуда, ба хонандагони серщумор чун армуғон пешкаш кард, то ки «рӯҳу арвоҳи эшон шоду осуда гардад». Аз ин рӯ, омилҳои ташаккул ва камолоти муҳити навҷавонию наврасии академик З. Ш. Раҷабовро тибқи осори илмию адабӣ ва публисистии профессор Абдусттор Мухторов

мавриди назар қарор додан аз аҳамияти муҳими илмиву амалӣ холӣ нест.

Маҳз аз нигоҳи имрӯз, даврони тифливу наврасӣ ва ҷавонии академик Зариф Шарифович Раҷабов [1906-1990] дар ибтидои асри бистум, дар Хуҷанди бостон сурат гирифтааст. Дар хотираҳо ва ёддоштҳои ин марди ҷасуру дурандеш ва инсони покдилу ояндасоз, хусусан яке аз шогирдони содиқу вафодори ӯ-профессор Абдусаттор Мухторов на танҳо паҳлуҳои рӯзгори тифлӣ, ҷавонӣ, навҷавонӣ ва камолоти худаш, балки бародару наздикони хонадони Раҷабовҳо ва дигар ҳамзамонон ба тариқи мушаххас ва мукаммал қаламдод гаштаанд. Махсусан ниятҳои нек ва орзуҳои ширину гуворои қиблагоҳ ҷомаи амал пӯшида, Зариф дар аҳди шӯравӣ ҳамчун шахси лаёқатманду боистеъдод парвариш ёфта, то дарарҷаи олими маҳбуб ва номдори замони шӯравӣ, доктори илми таърих, профессор, академики Академияи улуми ҷумҳурӣ сабзида расид. Имрӯз аз таҷрибаҳои судбахш ва рангини олимони номдори Ватан, муҳаққиқони мумтоз ва чирадасти замон дар бунёди ҷомеаи мутамаддин-Тоҷикистони соҳибистиқлол пурсамар ва моҳирона истифода бурдан мувофиқи матлаб аст. Аз ин хотир, саҳифаҳои рангину пурасрори рӯзгори ин фарзанди фарзона ва барӯманди миллатамонро варақгардон намуда, дар асоси хотираҳову ёддоштҳо ва инчунин муқоиса бо дигар маъхазу сарчашмаҳо ва тадқиқотҳои ҳамкасбону шогирдон, аз ҷумла профессор Абдусаттор Мухторов, перомуни ҷузъиёти рӯзгори тоинқилобии эшон фикру мулоҳизаҳои судманд ба аҳли илму адаб ҳаваола мегарданд.

Воқеан, бобою падари Зариф Раҷабхӯҷа ва Мирзошариф нисбат ба русҳо эътимод доштанд ва аз назари онҳо русҳо мардуми маърифатпарвару ояндабин мебошанд. Чунонки муҳиққиқи тозабаёни таърихи Ватан, профессор А. Мухторов

шаҳодат медиҳад, ки пас аз шаш соли ҳаёти мустамликавӣ, русҳо дар Хуҷанд ба бунёди корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумлаи заводу фабрикаҳои пилларесӣ, шарбатбарорӣ, шишабарорӣ, чармгармӣ ва ғайра оғоз бахшиданд, ки онҳо дар рушду инкишофи иқтисодиёти музофот такони азиме доштанд [1, с. 6–7]. Масалан, бобои Зариф - Раҷабхӯҷа дар корхонаи шишабарории Хуҷанд ба кор даромад, ки он дар рӯзгори минбаъдаи аҳли хонадонашон нақши муҳим бозид. Мавсуф ба омӯхтани забони русӣ оғоз намуда, хешу ақрабояшро аз қафои худ бурд. Дар рӯзгори онҳо омаду ноомадҳо ва комрониву камомадҳо ва ҳодисаву рӯйдодҳои мусбиву манфӣ тавъам рух медоданд. Ин рафтори ӯ ба ҳамсояҳо, муллотарошону хушомадгӯёни замон маъқул набуд. Аммо Раҷабхӯҷа ба рафтору гуфтори эшон гӯш намедод, зеро худ аз қоидаю қонунҳои ислом мудом бохабар буд, ба беақлон мефаҳмонид, ки донистани забонҳои гуногун ва урфу одати халқҳои дигар, дар васеъ гардидани ҷаҳонбинии мардум манфиатнок аст . Зеро инсон ба воситаи омӯхтани забони русӣ ҷаҳони нав пайдо мекунад ва шебу фарози дунё-ро ба хубӣ дарк менамояд. Пас аз ошно шудан бо маданият ва урфу одати русҳо, Раҷабхӯҷа ба писаронаш Мирзошарифу Ашурхӯҷа таълим медод, ки баробари азбар намудани «Ҳафтяк», «Чаҳор китоб», зимнан ба омӯзиши забони русӣ камари ҳиммат бубанданд. Ин рафтори беҷою якравонаи Раҷабхӯҷа ба ҳамсояҳо маъқул набуданд, онҳо дар вохӯриву нишастҳо таънаю маломат мезаданд, ки «Раҷабхӯҷа писаронашро кофир кардааст, онҳо салла намебанданд, дар мактаби урусҳо дарс мехонанд, бо онҳо дар як табақ хӯрок мехӯранд». Аммо ӯ ба ҳамаи таънаю маломати ҳаммаҳаллаҳову дӯстони аз илму маърифат бехабар гӯш намедод ва писаронашро аз пайомадҳои илмҳои ҷаҳонӣ мудом бархурдор менамуд. Забономӯзӣ ва забондонӣ ба фарзандони Раҷабхӯҷа имкон

медиҳанд, ки даставвал, Мирзошариф дар ширкати тиҷоратӣ ва сониян  Ашурхӯҷа дар корхонаи пиллапарварӣ ба шарофати забондониашон соҳиби ҷои кор ва иззату икроми хӯҷаинони худ  гарданд [1,с. 6–7]. Чунончӣ, Мирзошариф дар зодгоҳаш шаҳри Хуҷанд таҷрибаи бойи на танҳо зиндагӣ, балки фаъолияти босамари корӣ ба даст оварда буд. Баробари забони модарӣ, инчунин забонҳои русӣ ва ӯзбакиро низ хуб медонист ва аз ин хотир, бесабаб намегӯянд, ки «ба кордон кор осон аст! ». Вай дар баробари шаҳри Андиҷон, инчунин дар шаҳрҳои Хӯқанду Фарғона, Марғелону Ӯш савдо карда , ба боварии хӯҷаин даромада буд [1,с. 8]. Аз нн сабаб, Мирзошариф  ин дафъа муддати тӯлонӣ, аз сабаби ба корҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ машғул будан, ба Хуҷанд омада натавонист. Ӯ дар ин муд-дат, ба корвони тоҷирон ҳамроҳ шуда, ба мулки Қошғари Чин сафар карда, мудом корҳои савдоиро анҷом дода, ба баъзе дастовардҳо ноил мегардад, ки перомуни ҳамаи онҳо ишора кардан шарт нест. Воқеан, Мирзошариф марди тозакору озодандеш буда, хизмати бойи маҳаллиро адо мекард. Вале аз кору рафтори бой розӣ набуд, зеро ин фард чун ди-гар сармоядорон халқро фиреб медод. Мирзошариф ба ивази хизматаш аз хӯҷаин танҳо музди ночизе мегрифт, ки он барои рӯзгораш кофӣ на-буд. Вале ӯ чун намояндаи хӯҷаин вагон-вагон меваи хушк, пӯсти қароқӯлӣ, пахта ва дигар молу маҳсулоти бойро сарфакорона ба Русия мефиристод, ба ивази он қатораи пур аз ангиштсанг гирифта, онро дар байни савдогарони хурду миёна тақсим карда, мефурӯхт ва фоидааш пурра ба киссаи бой мерафт [1, с.27]. Дар воқеъ, аз нобаробарии инсонҳо, аз нобасомониҳо ва таассубу рӯйдодҳои иҷтимоӣ дар тааҷҷуб монда, аз онҳо мудом хиҷил ва нороҳат  мешуд.

Модари Зариф Бибисолеҳа зани ҳунарманде буда, дар оилаашон чаҳор нафар фарзанд - Бароҳатхон,Зариф, Латиф ва Шарофатхонро парасторӣ мекард. Вай мекӯшид, ки фарзандонро бо ашёву лавозимоти зарурӣ ва сару либос таъмин намояд. Ба ин мақсад, ӯ дӯкони аллочабофӣ созмон дода, аз пахтаю абрешим, карбосу аллоча бофта, ба писару духтаронаш ҷомаву ҷелак ва куртаву эзор омода мекард, зиёдатиашро Бароҳатхону Зариф ба бозор бароварда мефурӯхтанд. Духтари калонӣ Бароҳатхон ба модараш пайравӣ карда, дӯппӣ медӯхт, ба дӯкон нишаста, аллоча мебофт, бисёр ҳунарҳоро азбар намуд, хамроҳи Зариф ба Панҷшанбе-бозор рафта, маҳсули истеҳсолиашонро мефурӯхтанд ва аз ин ҳисоб ризқу рӯзӣ меёфтанд.

Азбаски ҳавлиашон дар шафати бозори Панҷшанбе мавзеъ дошт, тӯппиҳои дӯхтаашонро Бароҳатхону Зариф ба фурӯш мебароварданд. Рӯзҳое мешуд, ки тӯппиҳо ба савдо намерафтанд, он гоҳ ҷигарбандон бо дасти холӣ бармегаштанд. Дар ин хусус, худи устод дар китоби ёддоштиву саргузаштиашон «Саҳифаҳои рӯзгори гузашта» баъдтар ин душвориҳоро чунин нақлу тафсир додаанд, ки он ҷолибу хотирмон аст: «Ман ҳамчун писари калонӣ соатҳоро дар бозор сипарӣ менамудам, то ки ришта ва тӯппиҳои тайёркардаи модарамро фурӯшам, вале на ҳама вақт корам омад мекард, бисёр вакт бо дасти холӣ гуруснаю мондашуда ба хона бармегаштам. Модарам бештар асабонӣ мешуд, вале чӣ илоҷ! Азбаски аксари мардум қашшоқона зиндагӣ мекарданд, бино бар ин, қудрати харидорӣ надоштанд» [5, с. 12,15].

Дар солҳои баъдӣ, додари хурдии Зариф Латиф ба доираи корҳои ҳоҷагӣ ва иртиботи савдоӣ кашида шуда, дастёри беминнат гардид. Аз рӯи тавсифҳои профессор А. Мухторов, баъзан бародарон бо бачаҳои ҳаммаҳаллаашон ба бозиҳои гуногун машғул шуда, бозорро фаромӯш мекарданд. Онҳо

барои рӯпӯш намудани сирру асрори хеш, маҷбуран ба назди бобояшон Насруллобой омада, каме ба корҳои ӯ кумак расонида, чойпулӣ мегирифтанд. Ба пули додаи бобояшон ба хона нону сабзавот харид мекарданд [1,с.13-14]. Аз ин далелҳо маълум мегарданд, ки бобои модарии Зариф Насруллобой яке аз соҳибкорону сармоядорони машҳури Хуҷанд ба хисоб мерафт. Яке аз дастовардҳои тиҷоратии бобояш Насруллобой аз он иборат буд, ки ӯ дар бозори Панҷшанбе дорои дӯкони савдоӣ буда, дар он ҷо доираи васеи тиҷоратӣ амалӣ мегардид. Аз ин амалиёт, наберагони ӯ Зарифу Латиф низ баҳраманд мегаштанд. Ин матлабро дӯстдорону пайравони эҷодиёти академик З.Ш.Раҷабов, хусусан профессор А. Мухторов чунин ба қалам додаанд, ки шоистаи сипосу тақдир аст:«Дар бозори Панҷшанбе падари Бибисолеҳа Насруллобой дӯкон дошт. Баъзе рӯзҳо Зариф ба бобояш чойю хӯрок бурда, ба корҳои ӯ кӯмак мерасонд. Бобо гоҳу ногоҳ ба ивази хизмати набера ба Зариф нонпулӣ медод, онҳоро дар ин роҳ рӯҳбаланд менамуд…» [1,с.13].

Дар замони тоинқилобӣ, дар музофоти Хуҷанд сармоядорону соҳибкорони номдор кам набуданд. Яке аз чунин ашхоси барӯманди Хуҷанди бостонӣ Насруллобой маҳсуб меёфт. Дар осори таърихӣ ва тадқиқотҳои муҳаққиқон доир ба соҳибкорону сармоядорони тоинқи-лобии халқи тоҷик санаду бурҳонҳо ҷой дода шудаанд, ки лоиқи сипосу корбаст мебошанд. Бино бар қайдҳои муаррихон, «дар воқеъ, Насрул-лобой одами машҳури замон ба шумор мерафт. Вай бо тоҷирони русу тотор робитаи устувор дошта, бо онҳо доду гирифти савдоӣ анҷом медод. Дар бозори Панҷшанбе соҳиби анбори калоне буд. Бештар ба савдои яклухти газвор машғул мешуд. Аз савдогарони рус вагон–вагон газвору матоъҳоро гирифта, пас чаканафурӯшӣ мекард.Савдогарон аз водии Фарғона , шаҳри Истаравшан ва мулкҳои дигари атрофи

Хуҷанд ба назди Насруллобой омада, ба қадри имкон, бо нархҳои дилхоҳ газвор, моҳут, шиму костюм ва ғайра харид мекарданд» [1, с.14]. Ин матлабро академик З. Раҷабов дар ёддоштҳои хеш ёдовар шуда, ҳамчун шоҳид тасдиқ месозад, ки «бобояш Насруллобой чун тоҷири яклухтфурӯш дар бозори Панҷшанбе саройи калони тиҷоратӣ дошт. Вай ба назди бобояш ҳаррӯз як маротиба хӯроки лазиз ва чойи кабуд бурда, доираи муомилоти тиҷоратии ин саройро хеле хуб медонист. Ба қавли ӯ, ин сарой аз рафу қаторҳои молу маҳсулот иборат буда, дар онҳо чандин бастаҳои калони матоъу газвор гузошта мешуданд. Насруллобой онҳоро вагон-вагон аз Русия оварда, сипас ба савдогарони хурди Хуҷанд ва музофоти он бо нархи фоидаовар мефурӯхт. Маълум аст, ки чунин муомилоти доманадори савдоӣ бемуҳобот фоидаи калон меовард» [5,с.23].

Зимнан ёдовар шудани сармоядорону соҳибкорон ва тоҷирони номдори музофоти Хуҷанди бостонӣ саривақтӣ буда, маҳз онҳо дар ин давра чун намояндаи бонуфузи доираҳои сармоядорону табақаи тоҷи-рони Тоҷикистони тоинқилобӣ ташаккул ёфтанд. Хусусан бойҳо ва сарватмандони машҳури он замон: Насруллобой, Солиҷонбой, Эргашбой, Мирзокарим ва амсоли он дар байни доираҳои тиҷоративу саноатӣ мавқеи калонро соҳиб гашта буданд. Дар байни бойҳои Хуҷандӣ, аз қабили Насруллобой, Солиҷонбой, Эргашбой ва дигарон рақобат мав-ҷуд буд. Ҳар кадоме кӯшиш менамуданд, ки дар гирдоварӣ ва ҷамъоварӣ намудани боигариву сарват аз якдигар қафо намонанд [1, с.14].

Дар он замон дар Хуҷанд Эргашбой ном бойи калон ва сарватманди бонуфуз зиндагӣ мекард. Вай фурӯши яклухти меваҳои хушк, хусусан ғӯлингро ба даст даровარда, дар ин ҷода муваффақ мегардад. Зеро ғӯлинги Хуҷанд, аз ҳама бештар навъи қандаки он дар аксар ҷойҳо талабгорони сершумор дошт. Манбаъҳо шаҳодат медиҳанд, ки он на танҳо дар Осиёи

Миёна, балки инчунин дар Русия ва баъзе кишварҳои Урупо харидорони бештаре пайдо карда будааст. Зимнан Эргашбой ин намуди меваҷот, хусусан ғӯлингро аз деҳқонон бо нархи арзон харида, бо воситаи қатора ба дигар шаҳру мамлакатҳо гусел менамуд. Ба ҳамин роҳу усул сарвату бойгарии ӯ ташаккул меёфт [4,с.12; 5,с.17]. Профессор А.Мухторов низ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва туҷҷории Эргашбой баҳои баланд дода, тазаккур медиҳад, ки ин шахс дар ин ҷода, ба комёбиҳо ва дастовардҳо ноил мегардад. Ба қавли нигоранда, хусусияти кору пайкори Эргашбой дар он зикр меёфт, ки аз деҳқонон меваи хушк, аз қабили ғӯлинг, чормағз, мавиз, бодом, писта ва монанди онро ҷамъоварӣ намуда, ба Русия ва ҳатто кишварҳои Аврупо мефиристод ва аз он фоидаи калон ба даст меовард [1,с.14]. Воқеан, боигариву доройӣ ва сарватмандии Эргашбой диққати Зарифи хурдсолро низ ба худ ҷалб карда будааст. Чуноне ӯ баъдтар таъқид месозад, ки «ман муттасил ба ҳавлии Эргашбой мерафтам ва борҳо медидам, ки чӣ тавр бой ба аспаш қанд медод ва ба сагаш бошад, гӯшти серравғани гӯсфандро ҳадя мекард. Ҳар бегоҳ дар манзили ӯ чароғи калони карасинӣ даргирифта, гирду атрофро чароғон мекард [4,с.13; 5,с.18].

Воқеан, амалу фаъолияти Эргашбой, сирру асрори корҳои ӯ дар чӣ таҷассум меёфт, маҳз ба ҷавонони имрӯз дар ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ муфиду судбахш аст. Гарчанде Эргашбой шахси бесавод бошад ҳам, вале ба русӣ чандон бад ҳарф намезад. Хазинадор ва котиби шахсии ӯ корчаллони тотор И.Консеров буда, забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекиро дар дараҷаи баланд медонист. Ӯ пас аз инқилоб ҳамчун коргари ихтисосманди омодакунандаи шарбати меваҷот, дар шаҳри Тошканд дар идораҳои ин соҳа кору фаъолият намудааст. Падари Зарифу Латиф дар вақти мувофиқ ва қулай ба фарзандонаш такроран

таъкид менамуд, ки «Эргашбой марди бесавод аст. Ҳамаи корҳои тиҷоратии ӯ дар дасти И.Консеров аст. Эргашро танҳо Консерови соҳибмаълумот сарватманд намудааст. Агар шумоён ҳам, дар оянда маълумотнок шуда, илму амал ва касбу ҳунар омӯзед, чун ӯ одами бой ва сарватдор мешавед» [4,с.13;5,с.18]. Ин тарғибу ташфиқи қиблагоҳ доим дар ёду хаёли писаронаш Зарифу Латиф садо медоданд, онҳо пайваста ба омӯхтани илму адаб , забонҳои хориҷӣ ва касбу ҳунар шитоб мекарданд.

Як омили муҳимро таъкид кардан мусаллам аст, ки тағои қадрдони Зарифу Латиф нисбат ба ҷиянҳояш пайваста ғамхорӣ зоҳир намуда, дар баланд бардоштани ҳисси зебоипарастӣ, донишу малака ва ташаккули шууру афкори онҳо мусоидат мекард. Чунончӣ, азбаски Зариф ва дигар рафиқонаш завқи савор шудани автомобилро доштанд, бо дастгирии тағояшон Мирзокарим, писари бой онҳоро ба мошинаш савор карда, дар майдони атрофи Панҷшанбе - бозор сайр медод [1, с.16].

Пас аз пахши шӯриши соли 1916 Мирзошариф бо назардошти мураккаб гардидани вазъияти музофоти Хуҷанд, писарони худ Зариф ва Латифро ба водии Фарғона - шаҳри Андиҷон гирифта ҳамроҳ мебарад. Онҳо тавассути қатора бори нахуст сафар мекарданд. Зимнан бо навгониҳои замон шинос шуда, ҷаҳонбиниашон сайқал меёфт. Аз рӯи ахбори профессор А. Мухторов, Мирзошариф писаронашро ҳамроҳ бо худ гирифта, ба поезд савор шуда, роҳи Андиҷонро пеш гирифт. ЗарифуЛатиф поездро бори нахуст медиданд ва аввалин бор ба он савор шуданд. Зариф дар ҳайрат буд, ки хонаҳои чӯбин худазхуд дар болои қатораи оҳан ҳаракат мекунанд ва кунҷковона аз падар мепурсид:

- Додоҷон бигӯед, ки дар он ҷо асп нест, ин қатораро чӣ ба пеш мебарад?

Мирзошариф аз саволҳои кӯдаконаи фарзандаш ба завқ омада, посух мегуфт:

- Онро паровоз ба пеш мебарад...

- Паровозаш чист?-мепурсид Зариф.

-Паравозаш хонаи оҳанин аст,ки дар дохилаш оташдон дорад. Дар он ангиштсангро алав мекунанд. Он гоҳ дегҳои обдор ба ҷӯш меоянд, пас буғ тайёр мешавад. Ба воситаи он буғ қисмҳои механикии паровоз ба кор даромада, қатораро ба пеш тела медиҳанд, он гоҳ поезд суръат гирифта, ба сӯи муайян ҳаракат менамояд,-- бо хушнудӣ мефаҳмонд падар [1,с.24].

Албатта, то ин вақт, хати роҳи оҳан, ҳудуди ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон - музофоти Хуҷандро бурида мегузашт, ки он то водии Фарғона кашида шуда буд. Аллакай, истифодаи шоҳроҳи пӯлодин дар ин минтақа, новобаста ба амалу матлабҳои мустамликавиаш, дар рӯзгори мардуми маҳаллӣ ворид гардида, дар такомул ва тақвияти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ нақши бузург мебозид.

Зикри он ҷоиз аст, ки писари калонии Насруллобой Мирзокарим чун тоғои меҳрубони Зарифу Латиф аз боздиди ҷиянҳояш дар манзилашон шоду масрур мегашт. Тағояшон Зарифу Латифро бештар пазироӣ намуда, онҳоро бо фойтун ва автомобил савор карда, дар кӯчаҳои Хуҷанд сайру тамошо медод. Дар як вақт, Зарифу Латиф низ ба корҳои ҳоҷагии бобои худ Насруллобой ҳамеша чун дастёри хуб хизмат менамуданд. Дар хоҷагии Насруллобой, дар аксар ҳолатҳо, навгониҳои хоҷагӣ ва истеҳсолӣ дар амал татбиқ мешуданд. Чунончӣ, дар Хуҷанд ташкил шудани корхонаи пилларесӣ шавқу рағбати аҳли хонаводаи Насруллобойро ба пиллапарварӣ зиёд намуд. Ташаббускори ин кори наҷиб, писари бой Мирзокарим гардид. Зеро онҳо берун аз шаҳр хоҷагӣ доштанд, ки он заминро ба тутзор табдил дода, дар он

ҷо ба пиллапарварӣ шароити мусоид омода сохтанд. Чунки ин соҳаи муҳим ба эшон даромади калон меовард. Аз ин рӯ, тағояшон завқу шавқи ҷиянҳояш Зарифу Латифро нисбат ба баргчинӣ зиёд намуда, онҳоро дар ин ҷода мудом ҳавасманд мекард. Ӯ ба ивази меҳнаташон маблағи пулӣ медод ва илова бар ин, аз бозор шириниҳо низ харида, табъи онҳоро шод менамуд. Ин тадбирҳо боиси ба кор шавқманд шудани бародарон мегашт [1,с.15-16]. Ҳамин, ки дар фасли баҳору тобистон, онҳо баробари аз мактаби динӣ фориғ гаштан, фавран ба кӯмаки тағо мешитофтанд. Дар воқеъ, чунин рафтори тағо меҳру муҳаббати ҷиянҳоро нисбат ба фаъолияти меҳнатӣ зиёд мекард. Мирзокарим ҳар гоҳ ҳамроҳи ҷиянҳояш ба боғу роғ рафта, онҳоро дастгирӣ мекард. Вай навдаҳои тути сабзро қайчӣ карда, ба пуштораи Зарифу Латиф бор мекард, то ки ба хонаи бибиашон бурда, пиллаҳоро бо хӯрок таъмин намоянд. Онҳо бо ин рафтору кирдори наҷибашон хизмати бобою тағояшонро анҷом медоданд [1,с.17].

Ҳамзамон Зариф ва Латиф дар ин ҷо ба муҳити нави замон ворид гардида, бо навгониҳо ва ободкориҳо шинос шуданд, ки дар ташаккули афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо таъсири муфид расонд. Мирзошариф Раҷабов ҳамчун корчаллони бои хуҷандӣ дар маҳаллаи нави Андиҷон ҳуҷраеро иҷора гирифта, бо мароми ба худ хос зиндагӣ мекард. Ин бино нисбати хонаҳои хуҷандӣ хеле озодаву пероста буда, беруну дохили он бо оҳаксанг сафед карда шуда, дар он тамоми шароитҳо ба тарзи аврупоӣ зебу зиннат ёфта буданд. Дар рӯ ба рӯи ӯтоқи Мирзошариф Валентин ном марди чеҳракушоди аврупоӣ зиндагӣ мекард. Ӯ дӯсти наздики эшон буда, дар идораи алоқаи шаҳр сармутахассис шуда хизмат мекард. Ӯ аз рӯзҳои аввали ба Андиҷон омадани Зариф ва Латиф ба онҳо меҳр баста, онҳоро иззату икром менамуд. Идораи кории ӯ аз хонаи истиқоматиаш начандон дур воқеъ

гардида буд. Бино бар ин, ҳар рӯз ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ, Мирзошариф ба воситаи Зариф ба дӯсташ оши палав , манту ва ё шӯрбо мефиристод. Валентин аз он хеле мамнун ва сарфароз гашта, бо хушнудӣ Зарифро пешвоз гирифта, сипас гусел менамуд. Ҳамин тавр, Зарифу Латиф бо дӯстони андиҷонии падарашон наздику қарин гаштанд. Дар ибтидо, бародарон аз вохӯрӣ ва нишаст бо урусҳо истиҳола мекарданд. Зеро дар кӯдакӣ онҳо шӯх буданд ва барои ором намуданашон Бибисолеҳа мегуфт, ки: «Хап шинед, ӯрус омада истодааст!». Аммо дар асл, онҳо дар Андиҷон дӯстони рус пайдо карда, бо онҳо унс гирифта,дар сари як миз нишаста, хӯрок хӯрда, сӯҳбатҳо меоростанд ва дар амал медиданд, ки ӯрусҳо дигаранду дӯстӣ бо онҳо лоиқу арзанда аст.

Яке аз дӯстони дигари Мирзошариф, сардори роҳи оҳани Андиҷон Алексей Николаевич Миронов буд. Вай дар мавзеи шаҳри нави ин мулк манзил дошт. Баъди чанде писарони дӯсташ Зарифу Латифро ба хонааш даъват кард. Онҳоро зани дӯсти русашон бо ду нафар духтаронаш самимона пешвоз гирифтанд. Бародарон чунин муносибати ҳалимонаи зани русро бори нахуст дида, байни якдигар мегуфтанд:

-Гапҳои момою модарамон дуруғ будааст. Ин зану духтаронаш ба мо чунон меҳрубонанд, ки онро дар хонаи ягон тан аз хешу табори худамон надидем… [1,с.24-25].

Зимнан соҳибхона онҳоро бо шӯрбо ва гӯштбирён зиёфат медиҳад. Чунин меҳмондориро онҳо ҳатто дар хонаи бобояшон Насруллобой ҳам надида буданд. Баъди анҷоми хӯрок мехмононро бо қаҳва зиёфат намуданд. Ин меҳрубонӣ боиси ҳушнудӣ ва ба русҳо дил бастани писарони Мирзошариф гардид. Пас аз чамъ намудани хон, яке аз духтарон ба паси асбоби мусиқии аврупоӣ - пианино нишаста, оҳанги шӯхеро навохт. Духтари дуввум бошад, дар зери оҳанг ба ракс даромад, бародаронро низ ба он таклиф кард, ки аз он

дар ҳайрат монданд, Духтар аз дасти Зариф гирифта, ба ӯ рақсиданро нишон дод, ки он ба ин ҷавон писанд омад ва он боиси абадан бо русҳо дӯсту бародар шуданаш мегардад.

Ҷигарбандони Мирзошариф дар як муддати кӯтоҳ ба шароити зиндагии нав ворид шуданд. Акнун дар шаҳри Андиҷон касе онҳоро «кофир» намегуфт. Падар ба онҳо шиму костюм, туфлию ҷомадон харида, писаронашро омодаи мактаб намуд.

Яке аз мактабҳои нахустини русӣ-маҳаллӣ дар Осиёи Миёна дар Андиҷон таъсис ёфтааст. Ин мактаб ба туфайли омӯзгоронаш дар ибтидои қарни XX дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна машҳур гашта буд. Директории онро дӯсти наздики Мирзошариф Михаил Василевич Назаров бар дӯш дошт. Вай марди миёнасоли ширинсухану инсондӯст ба шумор мерафт. Вай таклифи дӯсти тоҷикашро рад накарда, писарони Мирзошарифро ба мактабаш қабул намуд ва дар баровардани хату саводи кофӣ ба онҳо кӯмак расонд. Ӯ баробари директорӣ, инчунин ба омӯзгорӣ низ машғул мешуд. Дар синфҳои ибтидоӣ аз забони русӣ, адабиёти рус, илми ҳисоб ва ҷуғрофия дарс мегуфт. Бо дастгирии директор Зарифу Латиф бо китобҳои дарсӣ ва дафтару қалам аз ҳисоби мактаб таъмин гаштанд [1,с.26].

Ин марди шариф ва инсонпарвар ба вазифааш нигоҳ накарда, марди хоксору худотарс буда, бо ҳама муносибати неки инсонӣ дошт. Ӯ вақти холии хешро бештар бо дӯсташ Мирзошариф мегузаронд. Дар сари мизи хоксоронаи ӯ нишаста, оид ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат ва кишвари Туркистон сӯҳбатҳои хоса мероост. Муаллим шогирдонаш Зарифу Латифро дӯст медошт, ба онҳо маслиҳат медод, ки бештар илму адаб омӯзанд, донишу биниш ва малакаю маърифатнокии хешро сайқал дода, чун мутахассиси баландихтисос сабзида, ба воя расанд.

Таҳсил дар мактаби нав ба бародарон писанд омад. Онҳо дигар аз дасти нимчамуллоҳо калтак намехӯрданд, ҷомаю салла намепӯшиданд. Дар азхуд намудани забони русӣ ҳамсояашон амаки Валентин мадади худро дареғ намедошт, ба онҳо пайваста машғулият мегузаронд. Зимнан ӯ кӯшиш менамуд, ки писарони дӯсташ зудтар савод бароранд. Дар дарсҳои иловагӣ аз бачаҳо маблағ талаб намекард. Ҳангоми ба сафари хизматӣ берун аз Андиҷон рафтани Мирзошариф, амаки Валентин дӯстони ҷавони худро нигоҳубин мекард. Мавсуф бо ҳамин дар тарбия ва такомули қиёсии онҳо нақши муассир мегузошт.

Ҳамзамон муҳити нави таҳсил дар мактаби русии маҳаллӣ, шиносоӣ бо навгониҳои илмию техникӣ ва фарҳангӣ ва дигар омилҳо дар ташаккул ва пешрафти шууру тафаккури Зариф Раҷабов ва дигар ҷавонони замони сармоядорӣ нақши муассир гузошт. Падари Зариф Мирзошариф ҳангоми фаро гирифтани таълим ва тарбияи фарзандонаш тамоми кӯшишу талошҳои худро дареғ надошта, **дар ботину замири хеш сидқан орзу мекард, ки ҷигарбандонаш мактаби русии маҳаллиро сарбаландона хатм намуда, дар шаҳрҳои Маскаву Санкт-Петербург, инчунин Амрикою Англия ташриф оварда, дар шаҳрҳои Нюйорку Лондон таҳсил намуда, ҳамчун шахсони моҳиру кордон ва мутахассиси соҳибҳунар ба воя расида, ба меҳани азизамон баргарданд.** Имрӯз бо боварӣ изҳор карда метавонем, ки он дуои хайр ва фотиҳаи неки қиблагоҳи Зарифи заҳматкашу соҳибистеъдод дар ояндаи наздик ҷомаи амал пӯшида, мавсуф ба даиаҷаи олими номдору муаррихи барҷастаи дорои мактаби бузурги таърихшиносии тоҷик сабзида расид. Ҳатто дар замони шӯравӣ ва имрӯз низ дар Тоҷикистони соҳибистиқ-лол ҳамагон аз чунин фарзандони фарзонаи миллат фахр мекунанд. **Зеро чунин фарзандони барӯманди миллат**

**баҳри ба ин рӯзи саид - Истиқлоли давлатӣ расидани Тоҷикистони азизамон нақши боризу арзанда гузоштаанд.**

Инак, оид ба рӯзгори рангини тоинқилобии академик Зариф Шарифович Раҷабов, минҷумла овони тифлию наврасӣ, камолот, доираи парваришу таълим, ғамхориҳои падари бузургвор, дӯстону наздикону пайвандони хонаводаашон, ки маҳз ба ҷавонони кунунӣ муфиду ибратомӯз мебошанд, чанд мулоҳизаҳои муфиду судмандро пешкаш менамоем:

Зимнан аз рӯйи ёддоштҳои Зариф Раҷабов оилаашон аз падар (Мирзошариф Раҷабов), модар (Бибисолеҳа Насруллоева), ду писар (Зариф ва Латиф), ду духтар (Бароатхон ва Шарофатхон) иборат буданд. Модараш гарчанде камсавод бошад ҳам, вале ҳунарманди моҳиру чирадаст буда , бо меҳнати ҳалоли касби аллочабофӣ ва тӯппидӯзӣ оиларо таъмин менамуд. Падараш шахси босавод буда, китобҳои таърихиву адабиётро беҳад дӯст медошт, онҳоро бештар мутолиа мекард. Ба фарзандон гаштаю баргашта тарғиб менамуд, ки шеърҳо ва ғазалҳои Умари Хаём, Саъдии Шерозӣ ва дигар классикони адабиёти форсу тоҷикро азбар намоянд [6, с. 56–57].

**Сонияи,** дар навиштаҳо, ёдномаҳо ва қомусҳо зикр гардида, ки дар маърифатнок шудани Зариф хидмати қиблагоҳаш Мирзошариф Раҷабов бузург ва бесобиқа аст. Зарифи хурдсол саводомӯзиро аз Хуҷанд оғоз намуда, дар солҳои 1915-1916 таҳсилро дар мактаби русии маҳаллии шаҳри Андиҷон идома додааст. Аз рӯи дигар манбаъҳо, Зариф Шарифович маълумоти ибтидоиро дар мактаби русии маҳаллии шаҳри Андиҷон гирифта, аз хурдсолӣ ба забони русӣ хеле хуб гуфтугӯ карда, босаводона хонда ва навишта метавонист [3, с. 36–37].

**Дар анҷом,** зикр кардан мусаллам аст, ки Зариф Раҷабов дар роҳи омӯзиш ва мутолиа пайваста талош карда, асосҳои илму дониш, таъриху фарҳанг, адабиёт ва дигар фанҳоро азхуд намуда, ҳамчун шахси босавод ва маърифатнок тарбия ёфта, ба камол расидааст. Маҳз ин шахс дар замони шӯравӣ дар нахустин муассисаҳои бонуфузи илмию таълимии шӯравӣ -- Донишгоҳи давлатии Маскав таҳсил намуда, чун нахустин номзади илми таърих [1937], нахустин доктори илми таърих [1959], нахустин ректори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин [1948-1954], академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [1962-1990] ва амсоли он ба халқу Ватан ва миллати худ садоқатмандона хизмат намудааст. Мавсуф муаллифи беш аз 400 асару монография, мақолаҳои илмиву тадқиқотӣ, илмиву таълимӣ ва оммавӣ буда, асарҳои худро ба масъалаҳои актуалӣ ва мубрами таърихи халқи тоҷик ва дигар мардуми Осиёи Марказӣ бахшидааст. Ӯ мактаби бузурги илмӣ созмон дода, беш аз 50 нафар аспирантон ва докторантонро тарбия намуда, ба воя расонидааст, ки онҳо имрӯз кору пайкори ӯро идома дода, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол софдилона ва садоқатмандона хидмат карда истодаанд.

Ҳамин тариқ, шогирдону дӯстон ва ҳамдилону пайравони эшон аз фаъолияти муфиду пурсамари ин устоди бузург сабақи рӯзгор ва панди зиндагӣ андӯхтанд. Ба қавли профессор А. Мухторов, «**устод одами ҳалолкор, дилсӯзи шогирдону дӯстон буданд. Аз ҳисоби эшон зиёфатхӯрию дабдабаҳои беҳударо бад медиданд. Дар барбари ин, ғайбатчиён, бесаводон, асардуздон ва лофзанҳои сари кӯчаро низ чашми дидан надоштанд ва моро дар рӯҳияи поки хештаншиносию худогоҳӣ тарбият менамуданд**»[1, с. 4].

## Адабиёт

1. Мухторов А. Ахтари тобони илми таърих: очерки публисистӣ-таърихӣ. -Душанбе: Сино, 2016.-150 с.

2. Мухторов А. Меҳри устод // Ахтари илму ирфон.- Душанбе: Ватанпарвар,2006.- С. 25-33.

3. Набиева Р. Ситораи дурахшони илму фарҳанги Машриқзамин //Ахтари илму ирфон.- Душанбе: Ватанпарвар,2006.- С. 35- 43.

4. Раҷабов З. Дорогой знаний (Из воспоминаний).- Душанбе: Ирфон, 1975. -152 с.

5. Раҷабов З. Страницы прошлого: (Из воспоминаний ветерана куль-турного строительства в Таджикской ССР).- Душанбе: Ирфон,1986.-256 с.

6. Раҷабова А. А. Мой дорогой Зариф // Ахтари илму ирфон.- Душанбе: Ватанпарвар, 2006. -С.56-63.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон